32 (584.5) (092)
Y 93

ИБРОҲИМ УСМОН

СОЛИ НАБИЕВ

ДУШАНБЕ — 1995

32 (584.5)
У73

ИБРОХИМ УСМОН

СОЛИ НАБИЕВ

812919

Китобхонаи ш. Душанбе
ба Тоҷикистон
номзади
Бори нахуст аз нашр

ДУШАНБЕ — 1995.

Ҷаҳон саргузашт аст аз ҳар касе
Чунин гунагун бозӣ орад басе.

Макуш мар маро к-ат саранҷоми кор
Бигират ба хуни манат рӯзгор!

Макун хештанро зи мардумкушон,
К-аз ин пас наёбӣ худ аз ман нишон!
Маёзор мӯре, ки донакаш аст,
Ки ҷон дораду ҷони ширин хуш аст.

Ба хуни бародар чи бандӣ камар?
Чи сузӣ дили пургашта падар?!
Ҷаҳон хостӣ, ёфтӣ, хун марез,
Макун бо ҷаҳондор яздон ситез.

Агар давраи фаъолиятро ҳам, чун замони зиндагии ашхос дар чаҳорчӯби солҳо маҳдуд кардан маъмул мебуд, онгоҳ охирин бори ҳукмронии Раҳмон Набиевро бо санаҳои 23 сентябри соли 1991 ва 7 сентябри 1992 зикр кардан ҷоиз мешуд. Аслан ин соли бефаъолиятии Раҳмон Набиев буд. Зеро ҳангоми дар вазифаи котиби якуми ҲК Тоҷикистон кор карданаш ва қабл аз он ҳам аз фаъолияташ нанолидаанд. Ёд дорам вақте дар воқеаи феврали 1990 Маҳкамов дертар ба назди мардум баромаду оқибати ин хунрезӣ гардид, мегуфтанд: «Набиев мебуд, ин кор намешуд». Аммо дар як соли фаъолияти «бефаъолиятӣ» ӯ умедҳоро барбод дод, дар хунрезие, ки ба амал омад, сиёсати пешгирифтаи вай низ гунаҳкор буд.

Аҷиб аст, чархи таърих — 23 сентябри соли 1991 ӯ бо пешниҳоди Нурулло Ҳувайдуллоев ба қудрати сиёсӣ бар-

гашт, 24 августи соли 1992 Ҳувайдуллоев ваҳшиёна бо 16 тири автомат дар рӯзи равшан кушта шуд. 30 август Набиев дар худоии ӯ иштирок дошт, 31 август қасри варо «чавонони шаҳр» ишғол карданд, як ҳафта касе намедонист, ки ӯ кучост, рӯзи 7 сентябр ба кор баромаду ҳамон рӯз истеъфо дод.

Чӣ шуд он рӯз, чӣ воқеа рӯй дод? Ин истеъфо ихтиёрӣ буд ё маҷбурӣ? Дар атрофи ин мавзуъ гапу гапчаҳо, овозаҳои гуногун, росту дурӯғҳо дар кӯчаву хиёбон, чойхонаву корхона гуфта мешуданд, воситаҳои ахбори омма мегуфту менавишт. Ин мавзуъ боиси баҳси матбуоти миллии Тоҷикистон, матбуот ва соири воситаҳои ахбори ҷумҳуриҳои дигар, ба хусус собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ, иллати муроҷиати вилояти Ленинобод ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба Созмони Миллали Муттаҳид шуд.

Аз маҷмӯи овозаҳо, матолиби нашршуда хулосаи зерин ҳамчун натиҷаи ба ҳақиқат наздик падид мешавад.

Раҳмон Набиев, ки муддати як ҳафта дар Қаротоғ руст шуда будааст ва дар тӯли ин муддат бо роҳбарони дигар, аз ҷумла Акбаршоҳ Искандаров — Раиси Шӯрои Олии Тоҷикистон телефонӣ тамос доштааст, рӯзи 7 сентябр дар резиденцияи Боғи ҳукуматӣ ба кор шуруъ намудаасту аз он ҷо ба А. Искандаров хабар додааст. Искандаров гуфтааст, ки бисёр хуб шуд, ки ба кор оғоз кардед, имрӯз як гурӯҳ аъзои Шӯрои Олӣ ва Ҳукумат Хуҷанд рафтанианд, то депутатҳоро ба маҷлиси Шӯро даъват намоянд. «Чӣ хуб мешуд, ки Шумо ҳам мерафтед. Рафтани Шумо худ таблиғ аст, зеро онҳо мефаҳманд, ки Шуморо ба ин иқдом маҷбур накардаем».

Набиев розӣ мешавад. Пас аз соате ӯ ба Искандаров телефон карда, омода буданашро изҳор мекунад.

— Андак сабр кунед, мо ки тайёр шудем, хабар медиҳем Искандаров вақти чошт ба Набиев мегӯяд, ки ба роҳ бароед, мо ҳам баромада истодаем.

Рӯи ин сухани Акбаршо Искандаров андешидан лозим аст.

Раиси Шӯрои Олӣ, аниқтараш иҷрокунандаи ин вазифа ба президент мефармояд мунтазир шавед, то онҳо омода гарданд. Дар ин ҷо ду чиз аст: нахуст Искандаров Набиевро алакай раиси ҷумҳур ҳисоб намекард, вагарна ин суханро намегуфт; дувум ӯ бояд бо касе ё касоне маслиҳат карда, ба иборае «тайёр шуда» сонӣ вақти рафтанро ба президент маълум карданӣ буд. Мақсад аз ин тайёрӣ чи буд, худаш

медонисту худо. Ба ҳар ҳол вақти чошт Искандаров ба Набиев мефармояд, ки ба роҳ бароед, мо ҳам омода шудем.

Мошини Раиси ҷумҳур ба сӯи майдони ҳавоӣ роҳ пеш мегирад. Хилофи ҳамагуна одобу одатҳои расмии ташрифотӣ аз вақт ва хатти ҳаракати роҳбари давлат раиси кумитаи амнияти миллӣ огоҳӣ надорад. Масхараи аз ин олитар дар майдони ҳавоӣ ба амал меояд: сардори Тоҷикистонро дар ин ҷо на Искандаров ва аъзои роҳбарии Шӯрои Олӣ, на сарвазир ва раёсати ҳукумат балки «намояндагони ҷавонони шаҳр » бо яроқ «истиқбол» мегиранд. Вақте Раҳмон Набиев аз ҳақиқати найранги ҳамсафаронаш огоҳ мегардад, алакай барои чизеро тағьир додан дер шуда буд ва ҳам бо он дилинарме ки ӯ дошт, коре кардан мушкил буд. Дар натиҷаи тирпарроние, ки дар назди хонаи ҳукуматии фурудгоҳ ба амал омад, ду нафар аз муҳофизони Раиси ҷумҳур маҷрӯҳ гардиданд. Дар ин вақт 3-4 танки дивизи 201 барои кӯмакаш мерасанд; аммо Набиев розӣ намешавад, ки онҳо дахолат кунанд. Зеро ӯ эҳсос мекунад, ки даҳҳо нафар «ҷавонони мусаллаҳшудаи шаҳр» дар байни мусофирон ва роҳгузарҳо «дам мегиранд».

Дар ин вақт аъзои раёсати Шӯрои Олӣ, ва кормандони симои мардумӣ низ пайдо мешаванд. Соати 17.00 симо нишон медиҳад, ки Набиев чи хел ихтиёран протоколи истеъфоро имзо кард, изҳороти ӯро дар ин маврид пахш мекунанд, ки мегӯяд: агар баъди истеъфои ман раёсати Шӯрои Олӣ ва ҷавонон оромиро таъмин карда тавонанд... Ниҳоят вазири адлия ва раиси кумитаи конституционӣ бинандагонро бовар мекунонанд, ки ин истеъфо қонунӣ мебошад.

Ин аст, хотимаи салтанати ӯ. Аммо он чи гуна буду чӣ хел шурӯъ шуд, донистанаш на танҳо барои мардуми ноогоҳ, балки барои ҳар касе, ки идораи ҷомеаро ба дӯш гирифтан мехоҳад, муҳим аст. Барои онҳое, ки ҷомеаи демокративу ҳуқуқбунёд сохтанианд, барои онҳое, ки демократия гуфта, ҳар чизро пуштибонӣ мекунанд, ин сабақи хубест.

Набиевро, ки аслан барои сиёсатмадорони хуҷандӣ шахси «тамомшуда», «аз боварӣ рафта» буд, «нерӯҳои демократӣ» — Растохез ва ХД байрақ карданд. Вақте аввалин инҳтихобот доир гардид, бо таблиғу ташаббуси онҳо номзадиаш пешниҳод шуд. Дар як округ нагузашт, зеро аз он ҷо бо ташаббус ва фишори Қ. Маҳкамов — котиби якуми ҲК ноҳияи Роҳи Оҳан, ҷавонмарди русе гузашт, ки тавре дертар маълум гардид, тамоми фаъолияти «сафарбаркунанда»-и коммунистиаш, иборат буд аз сарватғункунӣ.

Дафъаи дуюм, аз округи дигар номзадии Набиев пешни-
ҳод ва худаш депутат шуд. Ин заминаи баргашти ӯ ба сиё-
сати воқеӣ гардид. Аммо то он ҳанӯз вақте, фурсате дар пеш
буд.

Солҳои навадум барои халқи Шӯравӣ, аз ҷумла халқи
тоҷик бо бозиҳои пурпечутоб ва айёронаи сиёсӣ оғоз ёфт. Ба
Горбачёву мардуми атрофи Балтику Қафқоз кордор нашуда,
ғами Тоҷикистони худро, сарнавишти тоҷиконро андеша ме-
кунам. Фикр меронам рӯи интихобот, рӯи раиси маҷлисшу-
данҳо, раиси ҷумҳуршуданҳо, ки мабдаи ҳамааш дар кам-
фаросатии Михаил Горбачёв ва сиёсати ӯ зоҳир мешуд.

Шояд ҷоиз буд, ки идомаву намунаи ҳамин сиёсати «му-
собиқаи» президентшавиҳоро ёд орем. Тоҷикистоне, ки аслан
ҳеҷ зарурат ба мартабаи Раиси ҷумҳур надошт, низ яку як-
бора ба ин васваса афтод ва инро ҳам мисли анъанаи замо-
ни тотолитарӣ ноандешона сурат дод. Барои Тоҷикистон ас-
лан ин вазифа зарур набуд ва агар бе он обрӯямон мерехта
бошад, онро якбора ба шеваи интихоботи умумихалқӣ мебо-
ист мекардем. Дар ин бора мардум на танҳо гуфтанд, балки
навиштанд ҳам. Аммо Қаҳҳор Маҳкамов тарсид, тарсид аз
он, ки мабодо дар интихобот пирӯз нашавад ва биноан, ноя-
бри соли 1990 осонакак дар Шӯрои Олӣ Раиси Ҷумҳур шуд
ва бо ин кор аслан ба сарнавишти худ ҳамчун сиёсатмадор
аввалин ва ҷиддитарин монеаро гузошт. Дертар, вақте дар
асари воқеаи ГҚЧП вазъияти Тоҷикистон ниҳоят пурпечутоб
шуд, ӯ аз роҳбарии Ҳизби коммунист, ки аслан ӯро ба қуд-
рат оварду дар қудрат нигоҳ медошт, даст кашиду ба ин
васила аз арсаи сиёсӣ батамом рафт. Орзу дошт, ки Ҳизби
коммунистиро тарк карда, иқтидори давлатиашро нигоҳ ме-
дорад. Аммо ӯ вазъияти Тоҷикистонро, шароити онрӯзаро
надониста, ба эътибор нагирифта буд.

Қабл аз шурӯи ҳикояти давраи ҳукмронии Раҳмон Наби-
ев воқеаи дигари муҳими сиёсиро, ки аслан тамғаи он дар
чунин ранг гирифтани вазъи Тоҷикистон мубрам аст, шарҳ
додан лозим меояд. Воқеан ГҚЧП-ро Ҳукумати Тоҷикистон
ором қабул кард. Мухолифини ҳукумат ин оромиро чун ҳам-
райъии комили он ба ГҚЧП шарҳ доданд, гуфтанд, навиш-
танд, айб эълон карданд. Садои ҳукумат, эътирози қатъии
он шунида нашуд. Назарбоеве, ки онро расман дастгирӣ
карда буд, баъди ду рӯз ба муқобили он баромада тавонист:
аммо ақл, фаҳм ва дарки Маҳкамов дида натавонист, ки бо
ин мақсад «корчаллонҳо ба қасри сафед дар чамадонҳо пул
бурданд. 70 килограмм пул, садҳо миллион сӯм — ин хайрия

набуд, ин маблағгузорие буд барои озодии онҳо ва мо. Мошинҳои боркаши регдор, кранҳои борбардор, ярок, хӯрокворӣ хамаи ин бо маблағи корчаллонҳои Россия харида шуда буданд». Пас мусаллам буд, ки Горбачёв бозгардад, ба бозичае табдил меёбад, хукумати бардавом нахоҳад дошт, зеро вай пирӯзӣ мурда аст. Дар ин шароит агар роҳбарияти Тоҷикистон андаке дар сиёсат ворид мебуд, эълони аз ҳайати ИҶШС баромадани ҷумҳуриро мекард, номи ҳизбро тағйир медод е ҳадди ақал ҳамон вақт аз КПСС ҷудо мешуд ва аслан он идда аз роҳбарон, ки пайванд ва ҳамовозие ба ГКЧП доштанд, ба истеъфо мерафтанд. Аммо ин ҳама нашуд. 31 август Шӯрои Олии Тоҷикистон сарзаминро ҷумҳурӣ эълон кард, 4 сентябр пленуми ҲК Тоҷикистон мустақилияти онро эълон дошт. Аммо, гумон мекунам, ин қадамҳо дер бардошта шуданд.

Дар чунин шароит 21 сентябри соли 1991 анҷумани XXII ғайринавбатии ҲК Тоҷикистон ба кор шурӯъ намуд. Дар назди он вазифаи муҳиме меистод — мебоист сарнавишти ҳизбро муайян кунад. Оянда, яъне он ки ҳизб дар Тоҷикистон чи мавқее хоҳад дошт, аз иродаи вакилони анҷуман во баста буд. Ман гумон мекунам, дар он вакт дар Тоҷикистон имконияти нигоҳ доштани эътибори ин ҳизб хело зиёд буд. Масъала чунон меистод, ки ҳизб ин эътиборро мустаҳкам карда, худро аз маҳв ва ҷумҳуриро аз бадбахтӣ раҳо медиҳад ё хиёнате ба халқ мекунад. Барои ин пурра нав кардани аппарати роҳбарии ҳизб аз ташкилотҳои ноҳиявӣ то КМ зарур буд. Зеро роҳбарони ҳизб, амалдорони коммунист ба тарсу таҳлука афтода буданд. Онҳоро на сарнавишти ҳизб, балки ояндаи худашон ба ташвиш гирифтор намуд. Агар ҳамин чиз дар арзёбиҳо бартарӣ намеёфт, пас хиёнате буд, ба ҳизб.

Мардум дар ноҳияҳо, деҳаҳо номи ҳизбро тағйир додан намехостанд. Вакилонашон чунин ҳам гуфтанд, яке мегуфт, ки ман то марг коммунист мемонам, дигаре мегуфт, ки Горбачёв раиси дуздон аст ва бозсозиаш ба хотири гузаштагони бадарғашудааш мебошад. Дар анҷуман ашхосе ҳам сухан ронданд, ки ботинан ҳеҷ вақт коммунист набуданд. Дар зиндагӣ демократхо ҳам ҳастанду зидди коммунистҳо низ. Дар назари ман дар он вақт аз Москва то Душанбе авзои сиёсиро зиддикоммунистҳо муайян мекарданд, зеро демократ зидди демократия намерафт. Дар он рӯзҳо бошад, 90 дар100 зиддикоммунистҳо узви собиқи КПСС буданд.

Дар анҷумани XXII барои ҳизби коммунисти Тоҷикистон номҳои нав — ҳизби социалистии мардумии Тоҷикистон, ҳиз-

би вахдати мардум, ҳизби вахдати халқ, ҳизби халқӣ, ҳизби халқии коммунистони Тоҷикистон, ҳизби социалистӣ пешни ҳод шуданд.

Ин ҳама дар толори Хонаи маорифи сиёсӣ мегузашт. Ам мо дар шаҳр намоиши зиддикоммунистӣ мерафт. Ман як чизро ҳеҷ намефаҳмам, аниқтараш фаҳмида наметавонам. Чи хел, ашхосе ки барои демократия ва ҳақиқат мубориза мебаранд, муддаии баробарҳуқуқӣ мебошанд, ҳизби худро ҳимоя ва аҳзоби номақбули хешро бо нобудӣ маҳкум мекунанд. Чи тафовут байни роҳбарони собиқи ҳизби коммунист, ки ба ғайр ҳизби худ ҳамагуна аҳзоби дигарро манъ мекарданд ва роҳбарони онрӯзаи ҳизби демократ, ки одам ҷамъ карда баҳри манъ намудани ҳизби коммунист кӯшиш доштанд.

Пас ин ду тарафи як танга буду бас.

Ба ҳар ҳол он рӯз одамони зиёде дар майдони Шаҳидон ҷамъ омаданд, сипас ба майдони Озодӣ рафтанд, аз Раиси Шӯрои Олӣ Қадриддин Аслонов талаб карданд, ки ҳизби коммунистиро манъ кунад. Гуфтанд, ки ҳизби коммунист фаъолияти анҷуманашро қатъ кунад, вагарна мо ҳозир ба он ҷо рафта, парокандаашон мекунем. Як рӯз пеш овоза шуда буд, ки ҳизби демократ ва Растохез бо дастгирии муллоҳо намегузоранд, ки анҷуман доир шавад. Бинобар ин он рӯз аз ташкилотҳои мухталифи ҳизбӣ ба назди хонаи маорифи сиёсӣ коммунистони зиёде ҳам омада буданд.

Вакте танаффус тамом шуд, дар президиум танҳо С. Мирзошоев буд. Баъд ӯ ҳам баромад. Сонӣ ҳама омаданд. Мирзошоев раёсат мекард:

— Дар майдони «Озодӣ» митинги серодаме давом дорад. Онҳо таввасути профессорҳо А. Сатторов ва Р. Мусулмонкулов ба мо петиция фиристодаанд. Мирзошоев онро таъкид кард, ки раиси Шӯрои Олӣ онҳоро дастгирӣ намудааст, петицияро хонд:

«Ҳизби ҷиноятқор ва анҷумани он пароканда карда шавад. Агар ин амал ба зудӣ анҷом наёбад, ҳаман митингчиҳо ба ин ҷо меоянд ва ба оқибат коммунистон масъуланд».

Дар толор шӯре бархост. 10-15 кас аз ҷой хеста, ба ҳам навбат надода изҳор карданд, ки моро таҳқир мекунанд, тарс медиҳанд. Мо тайёр ҳастем ҳозир гурӯҳҳо созему зарур бошад, ба гуфтушуниди ин демократҳои аз кӯча демократия нагузашта равем. Мо ҷиноятқор не ва аз касе шармандаву муттаҳам нестем.

Аммо Шабдолову Усмонова онҳоро аз ин иқдом доштанд.

Дар майдони Шаҳидон низ одам зиёд буд. Чашмам ба Мусулмонқулов афтид: ба одаме ки то дирӯз бо нияти коммунист шудан даргоҳе намонда буд, ки сар назада бошад ва имрӯз ин ҳизбро ҷиноятқор мегӯяд. Айни ин гап ба Сатторов низ таалуқ дошт. Воқеан, роҳбари онҳо, роҳбарии ҳизби демократӣ коммунисти дирӯза аст. Пас ин ҳизб маркази чунин одамҳост.

Як гурӯҳи калони донишҷӯён ба митинг рафта буданд. Дар он вақт таъсири ҳизби демократ ва Растохез байни ҷавонон амиқ мешуд ва онҳо ба ҳар роҳ — таблиғ ва тарс бачаҳоро ба митинг мебурданд.

Ҳамон рӯз — 21 сентябр митинги Душанбе ба авҷи аъло расид, тамоми шаб майдони «Озодӣ» пур аз одам буд ва субҳи рӯзи 22 сентябр муҷассаман Ленин дар ин майдон афтонда шуд, «озодӣ ва тантана» даст дод.

Ман дар ин митинг ва дар ҳар митинги дигаре, ки дар Душанбе ба амал омад, набудам. Лиҳозо метавонам мӯҳтавои онро танҳо аз наворе нақл кунам, ки телевизиони тоҷик рӯзи 22 сентябри соли 1991 баъди «Время» нишон дод. Он рӯз қабл аз ин, ки наворро нишон диҳанд, Отахон Сайфуллоев сухан гуфт. Ӯ аз Тоҳири Абдуҷаббор, Мирбобо Миррахимов, Бозор Собир гила кард. Сонӣ шарҳ дод, ки рӯзи гузашта дар майдон Қ. Аслонов фармонро дар мавриди лағви ҳизби коммунист аз матн—қоғаз, не, шифоҳӣ, эълон кард. Вале митингчиён аз ман талаб карданд, ки онро шунавонам.

Гуфтам матни расмиашро биёред, марҳамат. Аммо онро касе надод. Сипас, соатҳои 11 шаб буд, Мақсуд Икромов талаб кард, ки онро тавассути радио шунавонам. Гуфтам, ки чун ман матн надорам, биёед худатон гӯед. Розӣ нашуд.

Ин буд муқаддимаи профессор Сайфуллоев. Ин муқаддима ва наворе, ки зикри мухтавояш дар зер хоҳад омад, боиси он шуд, ки рӯзи 24 сентябри соли 1991 шиори «истеъфои Сайфуллоев» ба миён омад ва то фирораш ба Хуҷанд (5-10 маи 1992) аслан давом кард. Сайфуллоев душмани миллат эълон гардид.

Аз ростӣ, намедонам вақти нишон додани навор ӯ инро медонист ё не, мехост ё не, вале ин баромад ва ин навор гардиши ҷиддие дар сиёсати қории он рӯзҳо ба амал овард. Воқеан яке аз василаҳои мубрами митинги рӯзи 23 сентябр истеъфои Қ. Аслонов, манъи Ҳизби наҳзати ислом, рақобати Ҳувайдуллоеву Икромов, раиси Шӯрои Олӣ интихоб шудани Раҳмон Набиев ва бисёр масоили дигар гардид. Он мавзӯи дигар аст, ки ин ба кӣ чӣ натиҷа дод. Муҳим он аст, ки дар

ранги имрӯзаи авзои сиёсии мо, дар тағйиротҳо, митингҳо, низоҳо, вазифаивазкуниҳо он нақши калоне дошт.

Сайфуллоев акнун хуб мефаҳмад, ки рақибони сиёсиаш ин амали ӯро асло намебахшанд. Бинобар ин дар фаъолияти минбаъдааш чизи гумкарданӣ надошт.

Мазмуни навор чунин буд: Митинги рӯзи 21 сентябр таъсисдодаи демократҳо. Аввал ҳама дар майдони Шаҳидон. Сипас, ба майдони Озодӣ меоянд. Одам зиёд. Қариб ҳамон 4 ҳазор нафаре, ки Шарофат Усмонова мегуфт. Бо гузашти вақт теъдоди онҳо зиёдтар мешавад. Майдон пури одам. Ҳаракати нақлиёт қатъ мегардад. Майдони воқеан серодам. Аммо намедонам он чи миқдор одам мебурда бошад. 5 ҳазор, 10 ҳазор ё аз ин зиёдтар. Аммо ба он рақамҳое, ки борҳо навиштаанд: 15, 20 ё 30 ҳазор, бовар надорам. Ин майдон чунин ғунҷоиш надорад. Ба ҳар ҳол майдон пуродам буду дар он дидем, ки аз ҷумла профессор Абдунабӣ Сатторов дар бораи ҳизби хоину манфури коммунист, сипас шахси мулонамое дар ин мавриди, сонӣ як муйсафеди айнакдори маҷрӯҳи ҷанг, ташкилотчии ҳизби нахзати ислом дар ноҳияҳои Ӯротеппа, сухан ронданд ва хотирнишон карданд, ки коммунистон нобинсанд, аз расидани пои қадамашон оташ мехезад. Чор ҷавон бо оҳанги муассир шеъри Иқбол «Аз хоби гарон хез!»-ро хонданд, ҷавоне аз ноҳияи Москав гуфт, ки «аз рӯи нафрати бисёр ба ҳизби коммунист дар бораи вай дар роҳ шеър иншо кардам» ва онро хонд. Як мӯйсафеде, ки аз паси ӯ Бозор Собиру Мирбобои Миррахим намудоранд, аз истисмори хафтодсола озод шуданро табрик мегӯяд ва миллатро барои дастрасӣ ба озодии ниҳоӣ даъват менамояд.

Сипас, аҳли ин майдон роҳи майдони Озодиро пеш мегиранд ва воқеаҳо он ҷо дар майдону дар гирду атрофи муҷассамаи Ленин сурат мегирад. Дар ин ҷо одамони суханғӯянда чунон зуд-зуд тағйир меёбанд, ки сарҳисоб гум мешавад. Мусалламан дар он ҷо одамони зиёде сухан гуфтаанд ва бештарашон аз Душанбе не. Домулло Мусулмонқулов бесабаб гила накарда будаанд, ки «падару модарони шумо дар майдонанду шумо ин ҷо беақлона дарс мехонед». Наворҳо ҳам нокисанд. Суханхоро то охир намешунавонанд; на ҳама нутқро мешунавем. Ҳатто Мирбобо баранда асту аммо овозаш қариб шунида намешавад. Аз он чи шунида мешуд аз лафзи гӯяндаҳо ин буд, ки «ҷамъияти моро ҳизби коммунист харобкард», «коммунистическая партия — преступная партия», «онҳо хунхоранд, онҳо душманони миллати тоҷиканд». Ҷавоне ба бедорӣ ва пирӯзӣ табрик мекунад. Дар шурӯи ин навор

Мақсуд Икромов мегӯяд: «Ба ин ҷо ҳайкали Рӯдакӣ оварда мешавад. Ин кӯча то Варзоб номи Рӯдакиро мегирад. Аз ин ҷо ин калбузро мебардорем».

Сюжети минбаъда аз омадани крани борбардор, ки барои кандани ҳайкал пешбинӣ шудааст, шуруъ мегардад. Садое шунида мешавад: «Ин воқеаи таърихӣ аст. Мулло Абдуғаффор шумо пештар гузаред, дигарҳо аз қафо меоянд». Ду ҷавон ба чангаки сими кран овезон шуда, ба рӯи пои Ленин мебароянд ва онро мечаспонанд. Процесси кандани ҳайкал шуруъ мешавад. Дар ин вақт ба ин ҷо Қ. Аслонов, О. Латифӣ, Т. Абдуҷабборов, Ш. Шабдолов, Ҳоҷиакбар Тӯраҷонзода, Изатулло Ҳаёев меоянд. Ба пояи ҳайкал мебароянд. Ҳаю хуй. Садои «Озодӣ!».

Дар экран Сафар Абдулло ва Мақсуд Икромов пайдо мешаванд. Овози Сафарро мешунавем: ЦК-ро печать кардан лозим. То программаи ҳизби коммунист нав нашавад, онро манъ кардан даркор».

Чанд каси дигар ин фикрро тақвият медиҳанд. Сипас, Қадриддин Аслонов мефаҳмонад, ки барои воқеаи августӣ, барои ҷиноятҳои фаъолияти ҲҚ Тоҷикистон бозгашта мешавад. Шахсе сухани ӯро тақвият медиҳад, дар пояи муҷассамаи Ленин шиори «Марг ба КПСС!» пайдо мешавад.

Қ. Аслонов фармонашро дар бораи манъи ҲҚ Тоҷикистон мехонад. Тантанаи умумии аҳли майдон идро мемонад. Мирбобо ҳозиронро ором кардани мешавад. Қозикалон микрофонро мегирад, аммо сухане нагуфта, ба намояндаи наҳзати ислом медиҳад. Ӯ бори чандум аст, ки сухан мегӯяд.

Танҳо баъди ӯ қозикалон сухан мегӯяд: ором, ботамкин, бомағз . Баъди ин М. Икромов фармони худро дар бораи шикастани ҳайкали Ленин ва дар ҷои он гузоштани ҳайкали Рӯдакӣ мехонад. Шояд касе дар майдон шубҳа мекунад, ки кӯҷост ин қарор. Роҳбари наҳзати ислом ваъда кард, ки ҳозир фармони мӯҳршударо оварда, нишон медиҳанд. Т. Абдуҷаббор андактар он фармонро, ки дар се модда аст, мехонад. Мардум хурсанд, нидоҳои «Озодӣ!» танинандоз мешаванд. Насибҷон Амонӣ ва Муҳиддин Олимпур матнро, ки зераш имзои Аслонов ҳаст, ба камера рост мекунанд. Шодмон Юсуфов чизе мегӯяд, аммо овозаш ношунаво. Шодӣ Шабдоловро сухангӯӣ наменомонанд.

Сюжети дигар. Ҳанӯз шаб аст. Садои муллое:

— Мо барои он ин ҷо нишастаем, ки ин хук аз ҷояш канда шавад. Сипас, сурае аз каломи маҷид тиловат мекунанд, таронаи инқилобие месароянд ва ба кандани ҳайкали Ленин

шурӯъ менамоянд. Ҳанӯз шаб аст. Аҳли майдони Озодӣ намоз мехонанд.

Навори навбатӣ рӯзона, албатта рӯзи 22 сентябри 1991 таҳия гардидааст. Ҳайкал бо сараш дар замин яксон шуда. Мардум хурсандона атрофи он тантана доранд. Чун сайёдони қадим, чун хофизони анъанавии африкоиёни серхудо, Муҷассамаро баъзеҳо лағаткӯб мекунанд. Гӯё қасдеро, ки аз зулми замона, аз ноодамӣ ва ноодилии роҳбарони шиносашон доштанд, аз ҷисми фулӯзии ӯ гирифтан мехостанд. Икромову Абдуҷабборов низ назди ҳайкал меоянд, оператор сари шикастаи Ленинро нишон медиҳад. Он ду тан ба мардум мегӯянд, ки аз атрофи ҳайкал дуртар раванд.

Ҳайкали бесар якпоя ва якдастаи Ленинро кран ба мошин бор мекунад. Мақсуд Икромов чун шахси ғолиб, чун фарзанди содиқи миллат сухан мегӯяд, шеър мехонад. Микрофон аз дасти Мирбобо меравад. Дигар ӯро гӯш намекунанд. Вазифааш магар дар ин ҷо ба охир мерасад?

Бо ҳамин он шаб ин навори беаввалу охир, навори ситоиши «озодӣ ва қаҳрамонӣ», далели муносибати боҳамии инсонҳо, шаҳодати чигунагии эътиқод ва тамаддун қатъ шуд. Ман онро дигар надидам. Надонам агар он замоне пайдо шавад, дар монтаж чи шакл мегирифта бошад, худо медонад, шарҳи воқеаҳо чигуна мешуда бошанд. Аммо ин тафсилот барои он зарур буд, ки ин воқеа ва ин номҳо дар «замони Раҳмон Набиев» бисёр такрор мешаванд, сарнавишти миллати тоҷик ба он вобаста мегардад.

Ҳамон рӯз вақте ин наворро дидам дилам ба равшанфикрон — Р. Мусулмонқулов, Т. Абдуҷаббор, Бозор Собир, Шодмон Юсуф сӯхт. Пирӯзу соҳибсухан онҳо не барин.

Ҳизби коммунист шикаст хӯрд. Аммо он бо айби худ, бо нобиноии худ, бо худфиребии худ шикаст ёфт. Ҳатто дар баҳонаи таназзули он рӯшанфикрон, ки ҳамин ҳоло зикр кардам, нақше надоранд. Маҳкамов, Икромов, Аслонов ва мисли онҳо дар шахси ҳизби коммунист худкушӣ карданд. Тантанае, ки аҳли майдон ба ифтихори манъи фаъолияти ҳизби коммунист доштанд, гумон мекунам, шурӯи фанои мақсади ҳақиқиби он зиёиёне ҳам мебошад, ки худро демократ меноманд. Афсӯс, ки то ҳол худашон огоҳӣ надоранд.

Дар навори он шаб тарси Аслоновро дидам. Ҷонаш чӣ азиз! Ӯ маслиҳати ғалати С. Абдуллоро бо тақвияти муллоҳо қабул кард. Фармоне содир намуд, ки ба ваколаташ намедаромад. Латифиро маъюс дидам, надонам мегирист, механд ё меандешид. Аммо баръакс Мақсуд Икромов гул-гул

мешукуфт. Гумон мекунам ӯ илочи дигаре надошт, ҷузъ он ки худро дар паноҳи рақибони собиқаш андозад. Зеро азбаски ҳангоми интихоби парламентии президент ӯ шадидан мухолифи Раҳмон Набиев баромад карда, ҳатто аз тӯҳмату таҳқир худдорӣ нанамуд, метарсид, агар Набиев президент интихоб шавад, ачаб не қасос гирад. Такя ба ин нерӯ ӯро аз ҷазо муваққатӣ бошад ҳам раҳонида метавонист.

Маро сарнавишти М. Икромов камтар ба ташвиш меорад, гарчи медонам, ки ӯ чашмикордон ва хело чақон аст. Аммо як иддаи зиёиёни дигар, ки ном бурдам, бароям бетафовут нестанд, зеро онҳо аз ҷумла Р. Мусулмонқулову Б. Собир барои тамаддуни мо хидматҳо кардаанду бояд бикунанд. Охир халқи тоҷик бояд илму фарҳанги худро пеш барад. Давлати муосир коре намекунад, ин давлат қудрате надорад. Ман аз оянда ҳарос дорам.

Ҳамчун аз навор медидам, ки Тоҳир мехоҳад рейтинги худро-чун номзади президент бо истифода аз вазъият боло барад, аммо гумонам, ки ин барояш бад шуд, на беҳ. Ана чи андешидам ман дар он лаҳзаҳои пурташвиш, шодиовар, нангдор, фоҷиаангез. Ин дар асл аввалин мисоли бекудратии ҳукумат ва Шӯрои Олии Тоҷикистон дар назди митингчиён буд.

Таъсири митинг, аллакай ба шакли баръакс фардои он рӯз ҳам ба Шӯрои Олӣ расид. Ин митинг соати 9-и рӯзи 23 сентябр дар назди Шӯрои Олӣ баргузор гардид. Дар ибтидо одамаш кам буд. Сипас, хеле зиёд шуд. Дар он наттоқон ва сухандонҳои хуб набуданд. Дар он аксарият ба забони русӣ гап мезаданд. Митингро В. Воҳидов роҳбарӣ мекард. Дар митинг ҳамроҳаш Ш. Шабдолов, Т. Назаров, И. Саллоҳиддинов буданд. Ҳама Аслонову Икромовро маҳкум мекунанд, даъвати фаврии Шӯрои олиро, манъи ҳамаи указҳои охирро талаб менамоянд.

Дертар ин митинг ба номи митинги коммунистон шӯҳрат ёфт. Гуфтанд, ки он «махсус созмон дода шуд, бо супориш аз мактабҳои олӣ, аз корхонаҳо одам оварданд». Намедонам чунин буд ё не, аммо аз Донишгоҳ касеро сафарбар накарданд, инро аниқ медонам. Дар ин митинг бисёриҳо сухан гуфтанд, аз ҷумла Марям Исоева гуфт: «Ман куртаи мотам пӯшида омадам. Дилам хун гирифтааст. Ин ҷой барои мо мукаддас аст. Мо бо дасти худамон Ленинро санг задем». Мирзо Раҳматов: «Ин ваҳшигарии аз ҳад зиёд». Дар ин митинг Шодӣ Шабдолов ҳамчун шахсият зоида шуду ҳамон рӯз дар ҷалласаи Шӯрои олӣ ва баъдтар дар воқеаи дигар пурра та-

шаккул ёфт. Ӯ дар митинг аз ҷумла гуфт, ки «Инсофи инсонии Шумо шуморо бедор карда, ин ҷо овард. Чанд рӯзи охир кирдори нек пиндори нек ва гуфтори некро надидем. Вичдони халқи мо аз хамин рӯз бедор мешавад. Мо ба қасос даъват намекунем».

Холо муҳим нест, ки ин митинг хақ буд ё не, гарчи медонам, ки он рӯз аксарияти аҳолии Тоҷикистон онро дастгирӣ мекард, аммо он зӯргӯие буд, ки хамон рӯз мачлиси Шӯрои олиро ҷамъ овард. Бо таъсири ин митинг Шӯрои олӣ Қ. Асловро аз кор гирифт масъалаи барои фаъолияти охираш ба ҷиноят кашидани М. Икромовро Хувайдуллоев пешниҳод кард, хизби нахзати ислом манъ карда шуд. Аслонов аз ҷумла ба нодурустии фармони манъи хизб, ки имзо кардааст, иқрор шуд, гуфт, ки барои имзо кардан мачбур карданд. Гуфт, ки аз кандани хайкали Ленин вахшонияти бадтар нест. Гуфт, нахкоронаш чазо гиранд. Гуфт, ки кулохи шохӣ (Мономах) ба ман вазнинӣ кард.

Дар сессия танқид нисбат ба Икромов нихоят сахт буд ва хама умед доштанд, ки ӯро ба чавобгарӣ мекашанд. Ҳатто касе гуфт: мӣёнБӯрӣ Каримовро шикастӣ, сари Аслоновро хӯрдӣ, акнун навбати кист? Хатто «артист» гуфта, таҳқираш хам карданд.

Аммо як гурӯх депутатхо ба тарафдории Икромов гузашта, хамон шаб баъди сессия Қасри сафеди Душанберо дар бинои комичромя сохтанд. Онхо Тоҳир Абдучаббор, Ҳочиакбар Турачонзода, Бозор Собир, Аслиддин Сохибназаров, аз депутатхои Иттифоқ Давлат Худоназаров ва Гулрухсор буданд. Сангари нав пайдо шуд. Ман харос аз авчи ҷанге кардам, ки бадтар аз моҳи феврали соли 1990 хоҳад буд.

Дар ин сессия, ҳамчунон аввалин бор Давлат Худоназаров имкони сарзании ҷанги гражданиро зикр кард ва В. И. Приписнов бо тачохули ориф пурсид: «Кӣ ҷанги гражданиро тайёр карда истодааст?!»

Дар ин мачлис вазъияти фавқуллода эълон карданд ва Гулрухсор мухобили он райъ буд.

Дар ин мачлис Хувайдуллоев номзадии Р. Набиевро ба вазифаи Раиси Шӯрои олӣ пешниход намуд, ки аслан ғалат буд. Душвор аст феълан муайян кардани он ки чӣ ӯро ба ин ақдом водошт, шояд фикри он ки ягон каси нолоиқ интихоб нашавад, шояд андешаи он, ки ниҳоят тарафдорони ақидаи демократӣ рӯи об бароянд, шояд мулоҳизае, ки тачрибаи зиндагии Набиев чумхуриро аз низо ба осоиш мекашонад ва шояд он фикр, ки президентшавии Набиев осонтар гардад, ӯ ин

кори ғалатро кард. Фикри А. Соҳибназаров «Интихоби Набиев ғалат аст, гирди ӯ сангу сангчаҳои гуногуни мансабхоҳ ҷамъ мешаванд», мулоҳизаи Д. Худоназаров «Шумо айби (гуноҳи) калонро ба гардан мегиред», дар асл дуруст буданд.

Р. Набиев бо 182 овоз Раиси Шӯрои олӣ интихоб шуд. Он рӯз Изатулло Ҳаёев хуб гуфт:

— Ҳоло ҳеҷ кас вазъиятро дуруст карда наметавонад. Мо бояд дар гирди он одам ҷамъ шавем.

Набиев вазифаеро ба гардан гирифт, ки набояд мегирифт. Ман бисёр мехостам дар он сессия то гузаштани интихобот Искандаров раиси Шӯрои олӣ монад. Аммо нашуд.

Хуб ин райъи вакилон буд. Набиев изҳори миннатдорӣ кард. Ман он шаб ва шаби дигар ҳам бе натиҷа мунтазири муроҷиати телевизиониаш ба мардум будам. Шаби сеюм аз номи ӯ ровӣ матнро хонд. Дилам сиёҳ шуд.

Набиев дар чунин шароити пурпечутоб ба сиёсат баргашт, халқ аз ӯ умед дошт ва ин умед ҳанӯз аввали моҳи сентябр вақте пешниҳодҳо ба вазифаи Раиси ҷумҳур сар шуданд, тав лид гашт.

Аммо ин бозгашт ба онҳое, ки то дирӯз ҳамроҳаш буданд, таблиғаш мекарданд, маъқул нашуд. Инро аз нахустин конфронси матбуотии Раиси Шӯрои олӣ низ возеҳ дидан мумкин буд. Чанд саволи онро айнан меорем:

ТЕША РАҶАБОВ: — Вы вот уже 5-й день как председатель Верховного Совета, хотя вся площадь говорит, что это сессия было незаконной. Вы до сих пор не заявили о своём выходе из КПСС. Как вы в дальнейшем думаете работать в этой должности и быть коммунистом?

— Неужели в нашей республике более 5 млн. человек, кроме Махкамова и Набиева нет других кадров?

Д. Атовуллоев: — То что, до сессии неоднократно собрались в сельхозинституте в составе Вохидова, Кенджаева, Муродова и. т. д. Был ли это новое ГКЧП и Вы случайно с Янаевым не посоветовались ли?

И. ХОЛНАЗАРОВ: — Шумо эҳсос мекунед, ки атрофи Шуморо Язови тоҷикон, Стародубцеви тоҷикон, Крючкови тоҷикон ва ғайра иҳота карданд.

М. ҚУРБОН: — Если поедите в Иран, берете ли с собой переводчика?

БАҲМАНЁР: — В одном из интервью в газете «Чароғи рӯз» Вы сказали что если народ Вам скажет идти в отставку, то вы пойдете; вот сейчас народ этого требует, почему Вы сидите?

Т. КЛИЧЕВ; — Какое было ваше здоровье в день избрания вас председателем Верховного совета, когда трезвые дикторы телевидения читали ваше обращение к народу? Как часто вы пребываете в состоянии, когда вам не позволяют выступать на телевидении?

— Кто вам ближе по духу: Пиночет, Муссолини, Чаушеску, Брежнев или Янаев, или чья судьба Вас более привлекает: Махкамов, Пуго или Чаушеску?

— А. КОМИЛОВ: Когда вы пили последний раз водку?

Суоле халқ мешавад: чаро ҳамсангарони Набиев муқобили ӯ қарор гирифтанд? Зеро онҳо барои худ «доҳии нав» пайдо карда буданд — Давлат Худоназаров, ӯро раиси ҷумҳур монданӣ буданд, вале дар ин роҳ монеаи асосӣ Набиев мешуд. Дар ин ҳолат ман гумон мекунам андешаи маҳалпарастӣ боло гирифт: Аксарияти эҷодкороне, ки ғайри қисмати Фарғона-и вилояти Ленинобод буданд, зери шиори вахдати миллати тоҷик муттаҳид гардиданд ва ин неру дар шахси Набиев рақиби худро дид.

Ин сухан маънои онро надорат, ки рӯшанфикрони фарғонагии вилояти Ленинобод вахдати миллиро намехостанд. Балки дар ин ҷо ман ғаюрии маҳаллиро едоварӣ кардани будам, ки ҷои дигаре дар ин маврид муфассал сухан рафтааст.

Рафиқонам чанд рӯз маро таблиғ намуданд, ки ба гурӯҳи таблиғотии Раҳмон Набиев дохил шавам. Асоси онҳо ин буд, ки ман ба Набиев ҳамчун ба шахсе, ки ҳангоми вазирӣ, сарвазирӣ ва котиби якуми КМ ҲК Тоҷикистон буданаш ба ривоҷи маорифу санъат аҳамияте медод, ҳамчун касе ки дар эъмори муҷассамаҳои Айниву Сино, қасри яхкардаи Борбад, комплекси меъмории ихтисоршудаи бинои КМ нақши умда дошт, ҳамчун ягона роҳбари Тоҷикистон ва умуман Осиёи Миёна, ки алайҳи роҳбарии худхоҳонаи Москав қиём карда, барои сохтмони Душанбе коргарони дигарҷоиро гирифтан нахост, эҳтиром доштам. Аслан он чӣ дор бораи ӯ медонистам, ҳамин буд. Воқеан ду чизе ҳам буд, ки андаке маро ба ӯ наздик мекард. Солҳое, ки мухбири «Тоҷикистони советӣ» будам, Нурулло Ҳувайдуллоев, ки он вақт мудири шуъбаи маъмурии Ҳукумати Тоҷикистон буд, ба сафари Яман ба ҳайси роҳбари ҳайъати Тоҷикистон рафта, пас аз бозгашт хоҳиш намуд, ки матолибашро ба шакли қайдҳои сафар дарорам. Вақте ин матлаб дар рӯзнома чоп шуд, ҳамон рӯз вақти чошт фаҳмидам, ки он ба сарвазир Р. Набиев хеле хуш омадааст.

Дигар, вақте Раиси ҷумҳури Афғонистон Бабрак Кормал

ба сафари расмӣ ба Тоҷикистон омад, Набиев чанд лаҳза ба русӣ бо тарҷумон сӯҳбат карда, сонӣ гуфтааст.

— Ману Шумо-ку забони ҳамдигарро мефаҳмем. Биёед ба тоҷикӣ сӯҳбат кунем.

Рӯзе дар «Тоҷикистони Шӯравӣ» ҳабаре хондам, ки дар он гуфта мешуд: ки ҳангоми пешбарии номзадҳо ба президентӣ дар таксибазаи Душанбе баҳсе ба амал омадааст. Шарҳи баҳс дар кӯча ин буд, ки Давлат Худоназаров ва тарафдорони ӯ муддати мадиде дар ин ҷо кор бурдаанду аммо рӯзи маҷлис таксистҳо Набиевро номзад пешбарӣ кардаанд. Гӯё Отахон Латифӣ ба Сафаралӣ Кенҷаев гуфтаанд, ки ин хел бошад, ман тамоми ҷавононро ба муқобили Шумо мехезонам.

Намедонам дар ин баҳсҳо ҳақиқат дар куҷост, аммо намехостам чунин баҳсҳо ба саҳифаи матбуот бароянд, дар байни мардум паҳн шаванд, зеро онҳо метавонанд хусусияти маҳалгироӣ пайдо карда, ҳамин чиз ба маъракаи интихоботӣ низ асар кунад. Вазъияти Тоҷикистон бошад, бе ин ҳам бад буд. Гӯё ГКЧП дар Москав нею дар Душанбе рӯй дода бошад. Мулоҳизаҳоямро ба одами наздики Набиев гуфтам. Ва афзудам, ки «бас барои Набиев, ки ӯро 100-150 муассиса пешниҳод намуд. Ин моҷаро ба кӣ даркор?»

— Дуруст, ба штаб аъзо шаву ҳамон ҷо фикратро гӯй.

Фикр кардаму онҳоеро, ки номзадиашон зикр шуда буд, бо аркоме, ки он вақт бо худ доштам, қиёс кардам. Ба хулосае омадам, ки маҳз Набиев имкон дорад аз ҳукумати марказӣ, дар шароите, ки давлат дар ҳолати пошхӯрӣ қарор дорад, ҳиссаи Тоҷикистонро бигирад. Аслан мебоист дар қисмати матбуотии гурӯҳи интихоботӣ роҳбарӣ мекардам, аммо чанд чиз ба ин монеъ шуд. Нахуст ман нахостам, ки корро муваққатан дар Донишгоҳ қатъ карда, омада, дар ин ҷо нишинам. Чун дарсҳо нав шуруъ шуда буданд, ин кор бар зарари ман, ки мехостам заминае ба таъсиси шуъбаи дипломатӣ гузорам, меанҷомид.

Дигар, Абдулов ба ҳадде ба кор пардохта буд, ки аллакай худро роҳбари гурӯҳи матбуотӣ медонист, биноан ба таблиғи муболиғонам баҳона ёфт шуд: ӯро ранҷондан хуб нест. Воқеан, ман ҳис кардам, ки С. Кенҷаев, Ҷ. Муродов, Қ. Абдулов, Н. Дӯстов, Маҳмадмуродов ҷиддӣ ба ин кор пардохтанд ва ҳатто на ба ҳар кас дар ин бахш боварӣ доранд. Ман бошам чунин одате надорам, ки бе даъват сари дастархон нишинам.

Ҳамин хел шурӯъ шуд, иштироки ман дар ин маърака. Чанд дафъа бо Раҳмон Набиев вохӯрдам, вале аксар вақт

вай танҳо аз салому алейк ва чанд ҷумлаи лутфомези ӯ ба
мо шабеҳи «Шумоёнро ҳам ба ташвиш мондам» буду бас.
Зеро барои мулоқоти бештар вақт набуд. Мебоист шарҳи ҳо-
ли Р. Набиевро менавиштам, албатта на ба шеваи қолабӣ,
аммо барои сӯҳбати ҳамин мавзуъ вақт пайдо намешуд, зеро
ҳамеша ҳамроҳаш С. Кенҷаев, Ҷ. Муродов ё каси дигаре буд
ва мо ҳар дафъа ба таъхир меандохтем. Чун ӯ Раиси Шӯрои
Олӣ интихоб гардид, дигар ҳис кардам, ки барои ҳолномае,
ки бояд нависам, зарурат намонд ва фикрамро гуфтам.

Рӯзе Абдулов гуфт, ки Раҳмон Набиевич бо мухбири «Ча-
роғи рӯз» Қаюми Қаюмзод ҳамсӯҳбат шуданд, хабарнигор
матни сӯҳбатро тайёр қарда овардааст, як бор бин. Дидам
ва мусоҳиба ба ман маъқул нашуд. Дар он саволҳое буданд,
ки мантиқ надоштанд. Аз ҷумла мепурсид, ки «Шумо дар
фаъолияти худ ба конститутция такя мекунед ё «Қуръон?»
Фикрамро ба хабарнигор гуфтам. Дигар дафъа ман ҳамроҳ
ба мусоҳибаи телевизионӣ рафтам. Сабаб ин буд, ки аз рӯи
барномаи ТВ ӯ аввал дар намоиши ахборӣ панҷ дақиқа су-
хан гуфт. Онро қариб дар се-чор соат навиштаанд ва сабту
монтаж ҳам хеле бадсифат баромад. Аз ин Раҳмон Набиев
сахт ранҷид. Аслан,барои шахсе, ки дар телевизион баромад
карданро дӯст намедорад, ин як баҳонаи ҷиддие гардид, ки
аз намоишҳои дигари ТВ даст кашад. Чун навбати мусоҳи-
баи яксоатии ӯ, мусоҳибаи мустақим фаро расид, вай бо ба-
ҳонаи ба вақти дигар гузаронидан, ба он рафтан нахост.
Дар штаб ба ташвиш омаданд. Ман ҳам дар ин таблиғ ду рӯ-
зи охир ҳамроҳӣ кардам ва фаҳмидам, ки баробари дар то-
лор ба кор даромадани чароғҳои калон ӯро ҳаяҷон фаро ме-
гирифтааст. Ӯ ҳарос дошт аз саволҳои ҳархелае, ки бароят
доданашон мумкин буд, зеро суолҳои конфронси матбуот,
суханони пастубаланди мунташирии ҷароид ӯро асабӣ карда
буданд.

Ман ҳамроҳ ба телестудия рафтам. Раҳмон Набиевич гаш-
та баргашта мепурсид, ки чи саволҳо мешуда бошад. Фурсат-
ро мувофиқ ёфта гуфтам, ки ду саволи сахт шуданаш мум-
кин. Биёед ҳозир онро аз Шумо пурсам, он вақт ҷавобаш
осонтар мешавад, агар пурсанд. Розӣ шуд.

Албатта тарзе нигарон будам, саволҳо ӯро аввал асабӣ
карданд, аммо боиси оромӣ ва дилпуриаш дар вақти мусоҳи-
аи телевизиониаш шуданд. Ҳамзамон бо он, даҳ дақиқа қабл
аз намоиш аз Равшан хоҳиш кардам, ки чароғҳоро дар ху-
даш санчида мувофиқ кунад. Чун ин ҳам шуду баъди ба то-

лор даромадан, чароғи он дигар нашуд, Раҳмон Набиев ба худ дилпуртар гардид.

Ман дар ягон вохӯрии ӯ бо интихобкунандагон набудам. Зеро Сафарали Кенҷаев, вақте ба ман шаҳодатномаи шахси боэътимодро медод, гуфт, ки ҳар гоҳ дар Душанбе бо интеллигенцияи илмиву эҷодӣ мулоқот шавад, иштирок мекунед. Лекин чунин мулоқот доир нагардид.

Маъракаи интихоботӣ гумон мекунам барои Р. Набиев ҳам хело осон буд ва ҳам ниҳоят душвор. Осон буд аз он нигоҳ, ки ӯ дар байни номзадҳо ба раиси ҷумҳур ягона касе буд, ки халқ чун роҳбари собиқ ошноӣ ва бовар дошт.

Онҳое, ки ба Раҳмон Набиев эътиқод доштанд, дар сифаташ мегуфтанд, ки «Шахси кордида ва аз бурду бохти ҷумҳурӣ бохабар аст. Гуфтору кирдораш якест. Шахси хирадманду оқилу доно ва дорои сифатҳои неки исонист. Шахсест пухтакор, дурандеш, соҳибтаҷриба. Ҷумҳуриро аз бӯҳрони иқтисодӣ мебарорад». Пас, ӯро мешинохтанд, аммо барои довталабони дигар, аз ҷумла Д. Худоназаров, С. Тӯраев худро чун сиёсатмадор шиносонидан зарур буд. Атрофиёнаш инро медонистанд ва итминони комил ба пирӯзиаш доштанд. Гумон мекунам дар он 58 фоиз овозе, ки гирифтааст, нақши штаб чандон зиёд нест, ҳол он ки дар овозгирии Д. Худоназарову С. Тӯраев баръакси ин ба амал омад.

Душвор буд аз ду лиҳоз: матбуот, қисми зиёди он, шадидан дар муқобили ӯ қарор гирифт ва дар «шиносонидани» ӯ аз ҳеҷ имконияту ҳақоиқ рӯ натофт, ҳар сухани ба нӯги қалам омадаро навишт. «Синну соли он кас ба ҷое расида... гумон аст, ки дар Тоҷикистон демократия барқарор шавад. Пир будааст тавфиқ надоштааст. Набиев бо халқ набуд ва ғами ин халқи мазлумро намехӯрд, ғайри мансаб. Барои Раҳмон Набиев бо он коммунизми консервативу ниҳоне, ки дорад, фақат ду роҳ мемонад: яке ба Туркистон, дигаре ба Куба. Набиев ба оши тайёр бакавул шуданист. Набиев партократи фартут. Набиев кам ё беш гирифтори мафия мебошад».

Аз он сабаб ҳам душвор буд, ки аз рӯзи раиси шӯро интихоб шуданаш бо роҳи митинг низ дар муқобилаш одамон қарор гирифтанд. Дар ин давра як идда аз мухолифини ҳукумат, ки қаблан Раҳмон Набиевро ба Қаҳҳор Маҳкамов зид монда. аввалиро пуштибонӣ ва ситоиш менамуданд, ба мухолифини вай табдил ёфтанд ва наҳзанандагони ӯ афзуданд. Истеъфои аввалини Раҳмон Набиев, яъне муваққатан боздоштани ваколаташ ба ҳайси Раиси Шӯрои Олӣ шикасти оддӣ набуд, балки шурӯи ҳамагуна фаъолияти созишкорона-

ву бечуръатонаи вай барои оянда гардид. Сареҳ бингарем, дертар баъди Раиси ҷумҳур шуданаш ҳам айнан ҳамон чиз ба амал омад.

Дар ин кор як хусусият, рафтори ӯ бештар таъсир дорад: Раҳмон Набиев наметавонад дар майдонҳо рӯ ба рӯи одамон ни зиёд истода гап занад. Ӯ гумон дорад, ҳама чизро бо иҷ рои вазифаҳои иқтисодӣ ҳаллу фасл менамояд. Вай гардиш ҳои сареъи зиндагиро дуруст дарк намекунад ва ё аксулама лаш ба онҳо сари вақтӣ нест. Он корреро ҳам, ки аслан ду руст ба нақша мегирад, чунон бо оҳистагӣ анҷом медиҳад ки он ё кӯҳна мешавад ё вайрон мекунанд. Ана дар чунин шароит, дар чунин вазъияти номусоид маъра каи интихоботӣ бо пирӯзии Раҳмон Набиев анҷом ёфт Ва Набиев пирӯз шуд, гарчи бисёриҳо бовар накарданд, бо вар кардан намехостанд. «Равшанфикрони эҷодкори» шаҳри Душанбе аксарият ин хабарро бо дилсардӣ пешвоз гириф танд. Аммо чун дар интихобот нозирини ҷамоҳири дигар иш тирок доштанду ҳаққоният ва демократӣ будани онро таъ кид намуданд, илочи дигаре ба ҷуз пазируфтани ин натиҷа интихобот намонд.

Матбуот як муддат оромтар менавиштагӣ шуд. Суханро ниҳо дар ҷаласаи Шӯрои Олӣ дар рӯзи савганд, аз ҷумл табрики Ҳоҷӣ Акбар Тӯраҷонзода мардумро умед ба осоиш мебахшид. Ҳама одамон, ки аз майдоннишиниҳо, сарсонихо монда шуда буданд, умед ба осоиш доштанд. Зеро тирамох қариб як моҳ митинг шуд, кори деҳқонӣ ақиб монд: акнун умед ба ислоҳи он ва заминагузорӣ ба ҳосили соли оянд буд. Вагарна хатари амиқе ба иқтисоди ҷумҳурӣ таҳдид ме намуд. Ҳама мегуфтанд, «акнун Набиев сахт мегирад, кор интизомро ҷорӣ мекунад, ба зуддӣ қомати халқу ватани худ ро рост мекунем». Ман ҳамчунон бовар доштам, ки ӯ қодир аст озодӣ ва мустақилияти Тоҷикистонро таъмин намояд в он чи хиссаи мост аз ҳукумати марказӣ бозгирад. Гумон ме кардам ӯ аз паи иҷрои нақшаи интихоботиаш мешавад ва м баҳор дар 10-12 ноҳия ғалла мекоремУ талаботи аҳолир дар 70-80 фоиз бо ғаллаи худ таъмин менамоем.

Дар маҷмӯи корҳое, ки аз Набиев нигарон будем, мухим тарин ҳиссагирӣ аз СССР-СНГ буд. Эҳсос мешуд, ки систе ма ба бӯҳрони амиқ гирифтор аст ва аҷаб не, ки он баро доим ё барои як муддати таърихӣ пош хӯрад. Дар ин ма рид, аз он ҳарчи бештар чизе рӯёндан даркор буд. Зеро ҳа кӣ канд бурд. Худо медонад, ки фардо чӣ мешавад. Тоҷики тон аслан ба моҷароҳо, миллатпарастиҳо банд шуда, бисё

чизро аз даст дода буд, аз ҷумла, сохтмони сарбанди барқи Роғун, сохтмони заводи аккумлятори Кӯлоб ва амсоли ин. Талафоти дигарро пешгирӣ намудан, аз ҷумла вазорати мудофиа сохта, техникаи дар ҳудуди Тоҷикистон будаи ҳарбиро пурра ё қисман гирифтан, саноати умумииттифоқиро миллӣ кардан ва дигар корҳои амсоли инро ба анҷом расонидан даркор буд.

Барои ин пеш аз ҳама ҳукумат сохтан ва аппарати корияи президентро ба вуҷуд оовардан зарур мешуд. Аммо хилофи чашмдошт, аслан бар хилофи мантиқи оддии зиндагӣ, ӯ корро бо роҳи дигар шурӯъ кард. Ҳукуматро сохта натавонист. Шахсеро ба вазифаи раиси девони вазирон тавсия намуд, ки кори Ҳукуматӣ як тараф истад, гумон мекунам, кори оддиро намедонист. Акбар Мирзоев дар таърихи давлатдории тоҷикон ҳеҷ кас, зиёдтар аз он ҳеҷ каси хиёнаткор мемонад. Зеро ӯ коре накард, дар рӯзҳои душвор худро ба касалӣ зад, тарсид. Гумон мекунам яке аз шикастҳои ҳукумати Набиев дар интихоби Мирзоев ба вазифаи фавқулзикр буд.

Мирзоев ва Набиев бояд ба Шӯрои Олӣ аввалин номзадҳои вазиронро пешбарӣ мекарданд. Ин расмиятро ҳатто, ба шакли сохта бошад, ҳам дар давраи Ҳукумати кӯҳна анҷом медоданд. Аммо онҳо ин амалро сарфи назар намуданд. Ҳол он ки Набиев ва Мирзоев вазирони мавҷударо, агар дилашон ба сабукдӯш кардани онҳо намерафт даъват мекарданд, мақсади худро мегуфтанд, мақсади онҳоро мешуниданд, аз забонашон мефаҳмиданд, ки онҳо ҳамкорӣ кардан мехоҳанд ё не. Ин басо муҳим буд, зеро бадин минвол онҳо имконият доштанд, ҳамкорони ояндаи худро муайян намоянд. Ин барои тамоми давлат аз заруратҳои мубрам аст, барои давлати нави Тоҷикистон ба хусус, ки он мисли қаиқи дар миёни уқёнус монда, саргум буд.

Дигар, Набиев, натавонист муносибати худро ба аҳзоби сиёсӣ муайян намояд. Дуруст аст, ки ӯ ба андешаи ҳизби коммунист мӯътақид буд, аммо бо сабаби бӯҳрони сиёсие, ки мамлакати собиқи шӯроҳоро фаро гирифт, наметавонист узви ин ҳизб бошад ё бо он ҳамкорӣ кунад. Ҳатто дар ҳамон шароите, ки ҳамкорӣ надошт, оппозиция ӯ ва ҳукуматашро таънаи коммунистӣ мезад, ки аз ростӣ ин тӯҳмати маҳз буд. Шояд яке аз фоҷиаҳои хукумати Набиев он буд, ки вай такягоҳи ҳизбӣ надошт. Наҳзати ислом, Қозиёт, Ҳизби демократ, Растохез ва баъзе гурӯҳҳои дигаре, ки аслан ҳақ ки дахолат ба сиёсат надоранд дар муқобили вай қарор гирифтанд. Аммо ҳизби коммунист то охир ин корро карда на-

тавонист. Моҳи январ вақте марҳалаи дуюми анҷумани XXII ҲК Тоҷикистон доир мешуд, кормандони аппарати президент кӯшиш карданд, ҳизб номи худро тағйир диҳад, то Набиев низ шомил шавад. Аммо ин пешниҳод қабул нашуд.

Гумон мекунам Раҳмон Набиев мехост ҲК чунон шакле ро пайдо кунад, ки дар Узбекистону Туркманистон дошт. Шояд ин ақидаи дуруст буд. Аммо он санҷише, ки баъди воқеаи августӣ бо сабаби Маҳкамов ба сари ҲК Тоҷикистон омад ин имконият ро махдуд ва аслан номумкин гардонд.

Дар моҳҳои аввали кор, аниқтараш ҳафтаҳои аввал Набиев мебоист роҳбарияти ҳар кадом ҳизбро ба алоҳидагӣ ҷамъ оварда, мавқеашро нисбат ба ҳукумати худ муайян менамуд ва сонӣ онҳоро якҷоя ҷамъ карда, декларацияи муносибатро ба имзо мерасонд.

Шояд андеша равад, ки баъди гузаштани вақт, баъди мушоҳидаҳо, хулосаҳо, сабақҳо навиштану гуфтани ин чизҳо осон аст. Он вақт кӣ медонист, ки чунин воқеаҳо мешавад. Нахуст ин ки масалан мавзӯи муносибати аҳзоб ба ҳукумат чандин бор ба кормандони аппарат, ки ба Набиев наздикӣ доштанд, гушзад шуд, аммо натиҷа ҳосил нагардид. Дигар ёд дорам ин мвзӯъро профессор Мӯсо Диноршоев чанд дафъа таъкид намуд: боре дар маҷлиси шӯрои эҷодкорони назди Шӯрои Олӣ дар ҳузури С. Кенҷаев ва як дафъаи дигар 26 март дар маҷлисе, ки Набиев дар толори калони Қасри раиси ҷумҳур доир кард.

Ва ниҳоят замонасозӣ, андешаи беҳаду дурудароз, бартарӣ додан ба муносибати шахсӣ нисбат ба қобилияти корӣ, тарсе ки аз рақибони сиёсӣ пайдо шуда буд, зарбае шуданд ба давлати Набиев. Дар ин маврид се чизро таъкид намудан ҷоиз аст:

Ташкили аппарати раиси ҷумҳур. Гумон мекунам дар он ҷо аз мушовири ҳарбӣ сар карда, то роҳбари дафтархона 90 дар 100 одамоне ҷамъ омадаанд, ки онҳо қобилият ва ҳаққи дар ин даргоҳ кор карданро надоштанд. Баръакс, одамон, ки барои дар ин ҷо кор кардан мувофиқтар буданд, амалан аз кор дур карда шуданд. Биноан тамоми душворӣ ба дӯши яке ду нафаре меафтид, ки ба андозае корро метавонистанд ва тавре маълум аст, шахсе кори зиёдеро анҷом доданӣ шавад, ҳеҷ корро ба сомон намерасонад.

Дуввум муносибат бо раиси шаҳр М. Икромов. Баъди баёнияи М. Икромов дар Шӯрои Олӣ ҳангоми интихоби раиси ҷумҳур (моҳи ноябри 1990), баъди афтондани муҷассамаи Ленин дар майдони ҳамном, баъди ташкилотчигии раиси

шаҳр дар митинги 23.IX—7.X.1991, ки аслан муқобили Р. Набиев буд, баъди иштироки фаъолонаи М. Икромов дар гурӯҳи зидди Набиевӣ дар маъракаи интихобот омили муҳиме зарур буд, ки ҳамкории онҳоро ба роҳ монад. Агар ин ҳамкорӣ мешуд, воқеан ба некӣ мебурд. Зеро сарфи назар аз ҳар он чизе, ки дар хусуси Икромов мегӯянд, ӯ кордон ва коро аст. Чунин одам барои Набиев зарур буд. Аммо Икромов чунон мавқее интихоб намуд, ки маълум буд, ҳамкорӣ кардан намехоҳад ё гумон мекард, Набиев дигар ҳамкории ӯро намепарастад. Биноан баъди раиси ҷумҳур интихоб шудани Набиев дар Душанбе ду ҳокимият буд: ҳукумати президент ва ҳукумати раиси шаҳр. Ё шояд дар Душанбе ҳеҷ гуна ҳукумат набуд. Ҳар кӣ ҳар чӣ хоҳад мекард.

Ва ниҳоят, интихоби раиси Шӯрои Олӣ. Ба фикри ман интихоб шудани Сафаралӣ Кенҷаев ба вазифаи раиси Шӯрои Олӣ аз хатоҳое буд, ки дар он вақт ба амал омад. Ин на ба он сабаб, ки ӯ аз ӯҳдаи кор намебарояд. Баръакс, ӯ метавонист ва исбот кард, ки метавонад. Барои он ки интихоб вазъияти душворро боз ҳам сангинтар мекард. Ҳанӯз аз воқеаҳои сентябр - октябри соли 1991 маълум буд, ки муборизаи сиёсӣ ва мазҳабӣ хусусияти равшани маҳаллӣ пайдо кард, монанди ҳезуми тасфхурдае авзои сиёсӣ дорем ва боз як саҳв дар сиёсати маҳаллӣ монанди гӯгирде ба он оташ аст. Ва ин интихоб аслан чунин гӯгирд гардид.

Ҳаракати маҳалгироӣ дар Тоҷикистон аслан дар солҳои шастум ҳамчун аксуламали мардуми маҳалҳои дар собиқ аз нигоҳи иқтисодиву сиёсӣ оқибмондаи Хатлон, Қаротегин ва Бадахшон нисбат ба сиёсати хешгароиёнаи хуҷандиён оғоз ёфт ва гумон мекунам, ҷавҳари ҳақиқате ба худ дошт, аммо роҳ ғалат буд. Мебоист ин маҳалҳо кадрҳои зиёди соҳаҳои гуногунро тайёр мекарданд. Аммо дар ҳоли шӯруи ин ҳаракат кадрҳои онҳо 80 дар 100 соҳаи улуми инсонӣ буданд. Ин вазъиятро иддае аз кадрҳои зарафшонӣ (низ асосан мутахасисони соҳаи улуми инсонӣ) хостанд ба манфиати хеш истифода намоянд. Онҳо ба таблиғи он равия, ки «ленинободиҳо то кай мо — мардуми дигар минтақаҳои Тоҷикистонро аз амал дур нигоҳ медоранд» як аламро сад карда, умеди расидан ба мавқеи ҳукмрониро доштанд, зеро ба он фикр буданд, ки «кӯҳистониҳо ҳанӯз ба дараҷаи идораи Тоҷикистон нарасидаанд ва чун салтанати хуҷандиҳоро шикастем, ҳукумат аз мост». Маҳз бо ҳамин ният мардуми Ашту Исфара, Ғончиву Ӯротеппаро низ ҳамчун ғамдидагони сиёсати гегемонизми хуҷандӣ сӯи худ кашидан мехостанд.

Албатта бад аст, ки ман дар ин ҷо истилоҳи «кадрҳо зарафшонӣ»-ро истифода бурдам, зеро дар ҳеҷ чиз маҳалро номбар кардан хуб нест, вале чи кунем, ки бештар аз ни фи кадрҳои журналистӣ, адабӣ ва илмии минтақа ба ин бе морӣ гирифтор буданд ва дар авҷи ин моҷарои маҳаллӣ саҳм амалӣ доштанду баъд ҳамчун одамони бегуноҳ, ҳатто бегон худро миёнрав эълон карданд.

Барои мардуми ғайри вилояти Ленинобод хуҷандиву пан ҷакентӣ, конибодомиву ӯротеппагӣ ҳама як маъно — ленин ободиро дошт, биноан интихоб шудани С. Кенҷаев ба вази фаи азалии қаротегиниҳо (Н. Махсум, М. Раҳматов, М. Хо лов, Ғ. Паллаев) равғане ба оташи мубалиғини ҷунбиши ма халгарой гардид.

Ана, ба чунин камбудиҳо, саҳлнигориҳо Набиев ба ҳуку мат сар кард. Вазъи бади муҳити иҷтимоии пойтахт, ки ас лан аз воқеаҳои моҳи феврали соли 1990 шурӯъ шуда буд ҳамоно бетағйир монд. Ҳаракати нақлиёт, фаъолияти корхо наҳо, дарс дар мактабҳои олӣ танзим нашуд. Давоми ин чи дилсардии мардумро аз фаъолияти раиси ҷумҳур зиёдтар в теъдоди норозиёнро аз ӯ афзунтар менамуд.

Ба ин аз ҷумла, парокандашавии СССР — истеъфои М С. Горбачёв таъсири хос расонд. Фаъолияти минбаъдаи На биев далолат дод, ки вай барои кори мустақилона дар ша роити мавҷуда тайёр нест.

Бинобар ин ҳатто як идда муваффақияти ӯ аз ҷумла он ч дар поён зикр мешавад, ба назар намуданд: дар аввали сол 1992 Тоҷикистонро чанд кишвар расман шинохт, ҳукума чанд иқдоме ба беҳбудии иқтисод андешид, ҳатто Туркма истон ба қимматии умумӣ нигоҳ накарда, дар фурӯши нефт газ гузашт кард. Маълум буд, ки Набиев метавонист да ҳалқаи мавҷудаи роҳбарияти Осиёи Миёна кор куна

Дар ин ҷо суоли воқеие пайдо мешавад: чи тафовуте ба ни Набиев, Назарбоев, Каримов ва Ниёзов мавҷуд аст ё миён омад, ки онҳо тавонистанд, худро ба даст гирифта, ко ро дуруст ба роҳ монанд, вале ӯ натавонист?

Аввалан се давлати номбурда потенциали тайёри иқтис дӣ доштанд, ки истифодаи он вазъи молиявии кишварро му тадил гардонд. Масалан, ғаллаи Қазоқистон, пахтаи Ӯзбе истон, нефту гази Туркманистон. Дар шароите, ки маҳз ҳамин маҳсулот талаботи аввалдараҷа пайдо шуд, барои о хо имкони «ноз кардан» дар бозор ба вуҷуд омад. Муносиб ти Қазоқистону Руссия дар бобати ғалла, мунозираи Тур манистону Украина дар мавриди газ намунае ба ин мебоша

Аммо Тоҷикистон аз чунин имконият маҳрум буд. Дар давраи фарорасии мустақилияти комил ҷумҳурии мо ҳеҷ нишондиҳандаи мусбате дар иқтисод надошт, ба болои ин вазъи молии соҳаи зироат басо бад буд. Инро ҳатто дар маъракаи интихоботӣ Давлат Худоназаров ва Исмоил Давлатов тазаккур доданд: Ҳар кас, ки раиси ҷумҳур интихоб шавад ҳам, дар як-ду сол иқтисодро беҳбуд бахшида наметавонад. Тоҷикистон ҳам барои рушди саноат ва ҳам зироат, барои инкишофи туризми байналхилкӣ нисбат ба се ҷумҳурии фавқулзикр хам имконияти бештар дорад, аммо барои ин як фурсате зарур аст.

Дигар ҳатто он имкониятe, ки дар ин соҳа буд, дар солҳои 1990-1991 истифода нашуда монд.

Дуввум рақобати оппозиция аз аввалин рӯзҳои кори раиси ҷумҳур, ки дар ибтидо дар танқиди вай тавассути васоили иртиботи омма падид омаду сипас ба митинги бардавом табдил ёфт, имконияти истифодаи ваъдаи ҳамкориҳои дували хориҷиро, ба ҳадди нестӣ расонд, шартномаҳо рӯи қоғаз монданд, зеро ба кишвари ноором сармояи хориҷӣ намеояд.

Дигар бар хилофи, масалан Каримову Ниёзов Набиев дар муносибат ба оппозиция роҳи мусолиматомезеро пеш гирифт, ки он ҳамчун тарс талаққӣ шуд ва аҷаб не, ҳамин тавр ҳам буд. Вагарна, тавре, борҳо худи Набиев дар баёнияҳояш изҳор намуд, давлате, ки худро ҳимоя карда наметавонад, ҳуқуқи зиндагӣ надорад ва вокеияти давлатдории Набиев низ чунин шуд. Ман гумон мекунам ҳар давлат ҳақ дорад дастгоҳашро ба ҳимояи хеш истифода кунад, аммо инро ё Набиев нафаҳмид ё ҳамон системаи роҳбарии тотолитарӣ аз димоғаш нарафта буд. Ва ниҳоят, гумон мекунам, ҳамсангарони интихобкардаи Набиев — ҳам Раиси Шӯрои олӣ ва ҳам Раиси Девони Вазирон он тавре амал намекарданд, ки мебоист. Акбар Мирзоев аз ӯҳдаи кор намебаромад ва росту дурӯғ аксар вақт бемор буд.

Сафаралӣ Кенҷаев роҳи дигар дошт. Ӯ ки ҷавон буд, хислати тафаккури наву кӯҳнаро беҳтар дарк мекард ва вазифаҳои хозираи худро танҳо трамплине барои ҷаҳиши асосӣ мехисобид, бетоқат мешуд. Аз сусткории раиси ҷумҳур азоб мекашид ва гоҳе ҳам фоида бурда, мехост шахсияти худро беҳтару бештар таборуз диҳад. Дар ин маврид ӯ умед ба ҳамкории ноиби раиси ҷумҳур Нарзулло Дӯстов дошт. Вокеят он буд, ки Дӯстов ва Кенҷаев ба як силсила корҳо даст заданд; мубориза бар зидди ҳанноти, дуздӣ ва амсоли ин ки моҳиятан икдоми хубе буданд. Аммо тарзи ичрои ин кор то

ба охир хуб андешида нашуда буд ва Сафаралӣ Кенҷаев чун
таҷрибаи роҳбарӣ надошт, дар иҷрои онҳо ба хатоҳо роҳ ме
дод. Ба ҷои он ки ин корро анҷом дода, баъд ба дигараш
даст занад, якбора ба чанд чиз мечаспид. Воқеан, ӯ ҳам дар
атрофи худ одамонеро ҷамъ меовард, ки аксарияташон аз
сиёсату сиёсатдорӣ хело дур буданд. Гумон мекунам, ягона
мушовири сиёсатдони ӯ марҳум Муродулло Шералиев буд,
ки вайро ҳам дар андешаҳо пуштибонӣ мекард, ҳам дар рӯз
номае, ки таҳрирашро ба ӯҳда дошт. Матнҳои баёниҳояшро
аз нигоҳи услуб таҳрир менамуд. Ҷӯрабек Муродов низ хело
наздик буд.

Дар чунин муҳит раиси ҷумҳур Раҳмон Набиев кор ме-
кард.

Ман то ҳозир барои худ возеҳ карда наметавонам, ки чаро ӯ
Рашид Олимов, Карим Юлдошев, Халифабобо Ҳомидов,
Нур Табаров, Бӯрӣ Каримов барин одамонро дар идораш
истифода бурда натавонист, то ҳозир дарк намекунам, ки
чӣ хел ёрдамчиён, мушовирон ва тамоми гурӯҳи матбуотӣ,
ҳамчунин мушовирияти ҳуқуқӣ сарфи назар аз таҳдид, тӯҳ-
мат ва бадгӯии шадиди матбуотӣ ба ҳимояи вай чизи сазо-
воре навиштаву гуфта натавонистанд. Шояд ҳамааш ҳақ
буд? Охир, вақте генерал Раҳмоновро Набиев роҳбари горди
миллӣ таъин кард, аввалин бор ӯро ба туркпарастӣ мутта-
ҳам карданд, вақте Рустам Мирзоевро мушовири иқтисодӣ
таъин кард, ӯро ба фискпарастӣ гунаҳкор карданд. Нафа-
қат дафтари матбуотӣ ӯро ҳимоя карда натавонист, балки
баъзе одамоне, ки Набиев аз ҷумла барои онҳо бадном шуд,
муқобили худи ӯ қарор гирифтанд. Намедонам дар таърихи
давлатдориҳо чунин корҳо зиёд мешаванд ё не, аммо яқин
медонам, ки он шаклу шевае, ки дар Тоҷикистони мо мушо-
ҳида гардид, гумон аст ҷои дигаре ба амал ояд.

Нерӯҳои ҳукуматнописанд ҳар иқдомеро, ки хоҳ раиси
ҷумҳур ва хоҳ раиси Шӯрои Олӣ пеш мегирифтанд, танқид
ва бекор кардан мехостанд ва дар бисёр ҳолатҳо фикри он-
ҳоро ба эътибор намегирифтанд. Аз ҷумла қозикалон ва ми-
ри шаҳр бидуни машварат бо мақомоти роҳбарӣ мустақимач
бо ҳукуматдорони Эрон ҳамкорӣ оғоз намуданд. Фикр меку-
нам моҳиятан худи ин ҳамкорӣ ибтикори хубе, аз зарурат-
ҳои мубраме барои миллати тоҷик буд, аммо он ки вай ба
истилоҳ худсарона сурат мегирифт, онро ба таври оддӣ та-
лаққӣ карда намешавад. Ҳатто ба чунин хислат доштани
ҳамкорӣ такя карда, раиси ҷумҳур аввалин сафарашро ба
Эрон ба таваққуф гузошт, зеро ҳамзамон ба ӯ бо роҳи ди-

гар онҳо низ даъват ва озими Эрон шуда буданд. Ин қасд корӣ албатта ба манфиати миллат набуд.

Дигар, нерӯҳои «демократӣ» барои таҷлили солгарди феврал худ барнома сохтанд ва тавре гуфта шуд, ба он ҳукуматро ҳамроҳ нанамуданд.

Дар ин мавқеъ С. Кенҷаев бештар амал мекард. Чун сустии раиси ҷумҳурро эҳсос намуд, кӯшид то маҷрои сиёсиро бадаст гирад. Дар моҳи январ ӯ бо одамони ихтисоси гуногун чандин сӯҳбатҳо доир намуд, ба корхонаҳо, муассисаҳо ва донишкадаҳо рафт.

Дар охири моҳи январ дар Шӯрои Олӣ шӯрои машваратии олимон, нависандагон ва журналистонро ташкил дод. Ҳадафи иқдомоти ӯ ҷалби рӯшанфикрони пойтахт, муҳассилин ба тарафи ҳукумат, ба ҳамкори буд. Яке аз иқдомоти ин шӯро он гардид, ки аввали моҳи феврал онҳо ба вилоятҳо фиристода шуданд, то ки хатари намоиш — митинги умумиро, ки мебоист 11-12 феврал ба иштироки намояндагони тамоми вилоятҳо доир мешуд, пешгирӣ кунанд. Гумон мекунам дар он вақт ин шӯро дар ин масъала кӯмаке карда тавонист. Аммо ҷамъомадҳои моҳҳои марту апрели он самараи дилхоҳ наовардаанд. Митинге, намоише ё чорабиние ки оппозиция барои 12 феврал пешбинӣ карда буд, гарчи мувофиқи чашмдошташон одами зиёд ҷамъ накарда гарчи он рӯз ҳаво сахт сард шуда барф ҳам борид, муташаккилона гузашт: ҲД, Наҳзати ислом ва қозиёт, Растохез аз се самт Майдони Озодӣ, Хонаи маорифи сиёсӣ, Хиёбони Исмоили Сомонӣ ба майдони Шаҳидон омаданд, сипас дар назди фавораи байни чойхонаи Роҳат ва хонаи раиси ҷумҳур санги ёдбуде гузоштанд, ки дар он номи қурбониёни моҳи феврали соли 1990 ҳаккокӣ шуда буд.

Тавре гуфтем, ба он мақомҳои расмии ҳукуматро даъват накарданд илло М. Икромов — раиси ҳукумати шаҳр. Ҳукумати ҷумҳурӣ сарфи назар аз ин рӯзи 12 февралро рӯзи мотами миллӣ эълон кард, Набиев ва Кенҷаев сари хоки шаҳидон сабади гул гузоштанд.

Дар митинг нерӯи мумтоз — М. Икромов Ш. Юсуф, Т. Абдуҷаббор буданд. Гумон мекунам ин кор иқдоми хуби нерӯҳои мухолиф буд, аммо ду корашон ба ман фаҳмо не: чаро иштироки Ҳукуматро дар ин маърака нахостанд. Дигар, Мақсуд Икромов ва Шодмон Юсуф чи соддагие доштанд, ки дар ҳамин рӯзи мотами миллӣ, ки бо ибтикори онҳо барпо шуда буд, меҳмонҳои худро барои нони чошт ба ресторан даъват карда, барояшон шароб доданд. Оё намедонистанд, ки ин

амал маънои «мурдаро монда тутхӯрӣ» ва баъдтар аз он б
шеваи масеҳӣ бо арақ ёд кардани гузаштагонро ифода м
кунад.

Ҳамин хел ҳам шуд. Хӯрокномаи ин зиёфат, иштирокч
ёни ин зиёфат, даъвати расмии ҳукумати шаҳр будани он да
матбуот эълон гардид.

Ҷараёни зиндагӣ, бахусус дар охири феврал, аввали мар
умеде бор оварда буд, ки киштии ҳукумат шояд аз лапиш
беохир нақот ёбад, шояд баъди асабониятҳои паёпае, ки а
лан аз соли 1990 ба ин тараф идома дорад, аҳолии пойта
нақот ёбад, ва ақаб не дар Тоҷикистон оромӣ фаро расид
халқ акнун ба меҳнати осоиштаи худ машғул шавад.

Боз мегӯям дар ин айём Сафаралӣ Кенҷаев хело фаъ
буд, аммо паиҳам ба камбудиҳо низ роҳ медод. Аввалин м
лоқоте, ки ман ҳам иштирок доштам дар толори Шӯрои О
27 январ доир шуд. Ба он шоирону нависандагон, журнали
тону олимон даъват шуда буданд. Ман ҳис кардам, ки тар
ки гуфтори С. Кенҷаев дипломатӣ нест. Шояд касбаш аса
дошта бошад: Демократҳо бо ҳукумат ҷанг кардан мех
ҳанд... «Сомон», ки бояд бо проблемаи забон машғул шава
ҳоло ба сиёсату ҳангома машғул аст... Хазинаи забон пу
халқро барои кадом кори халқ сарф кард? Чунин будан
ифодаҳои ӯ.

Ӯ аз кор гап мезад. Қатъӣ буд. Медонист, ки вазифаи и
рӯзааш аслан барои парвозаш фазо намедиҳад. Ӯ ҷӯёи фа
буд, барои ин чиз талош мекард. Гумон мекунам, агар д
паҳлӯяш дӯстонаш мебуданд, барои осоиши халқу ҷумҳу
замина фаро месохт. Дар он айёме, ки умеди осоиш буд, д
мақомоти ҷумҳурӣ гумон мекунам, то як андоза барои руш
иқтисод андеша доштанд. Шунидам, ки дар заминаи ноҳи
ҳои Данғараву Ёвон, Ленину Ғозималик Ашту Ғончӣ ва ба
зе минтақаҳои софи кӯҳистон захираи гандумро ба вуҷ
оварданиянд, шунидам, ки дар Душанбеву Хоруғ фабри
ҳои дорусозӣ сохтаниянд, дар Исфараву Шаҳринав истеҳ
ли миқдори зарурии спиртро ба роҳ мондан мехоҳанд, қар
ниммиллиардаи Покистонро натанҳо барои Роғун балки б
рои тиҷорату дигар соҳаҳои иқтисод низ истифода бурда
анд, дар Ашту Файзобод, Панҷакенту Хуррамшаҳр, Хуҷан
Бохтару Шаҳритус сармояи Амрико, Олмон, Фин, Япон, Ч
ва Покистон ба истеҳсолот роҳ меёбад.

Ба ҳар ҳол новобаста ба «ҷангталабии оппозиция», охи
феврал ва шурӯи март умедвор мекард, ки Тоҷикистон

бӯҳрони сиёсӣ наҷот ёфта, имкони рушдашро нахоҳад аз даст дод. Ин андеша ба сабабҳои зерин асос мекунад:

а) рӯзи 6.03.92 телевизиони тоҷик изҳороти ду тан аз роҳбарони ҲД Тоҷикистон — Мирзо Самиев ва Абдулло Очиловро, ки ҳизбро тарк гуфта буданд, шунавонд. Ҳарду экстремизм, «болшевизми» ҳизби худро лаънат карданд. Таъкид шуд, ки агар аъзои ҳизби демократ ба иқтидор оянд, барои халқи мо бадбахтӣ аст, кадрҳои беҳтарину содиқ бегуноҳ кушта мешаванд.

Ман намедонам манбаи ин тарккунӣ хусуматҳои шахсӣ, ҷоҳу ҷалолхоҳӣ, мувофиқ наомадани диди сиёсӣ буд ё чизи дигаре, аммо ин аввалин рахна дар сафи ҲД-и Тоҷикистон гардид. Сарфи назар аз он ки раёсати ҲД чи навъ онҳоро маҳкум намуданд, новобаста ба он ки ба ҳайати роҳбарӣ қувваи нав ва шояд аз ин ду тан беҳтару устувору мубориз тар (масалан Ойниҳол Бобоназарова) омад, сарфи назар аз он ки барои Абдулло Очилов ин аввалин ҳизбтарккунӣ набуд, аммо ба ҳар ҳол ин воқеа, гумон мекунам барои таърихи ҳизби демократ ҳамчун сабақ хоҳад монд.

Ва дар ин тарк барои воқеаҳои оянда низ саволҳоеро мебинам. Тавре маълум аст, ин ду тан аз созмондиҳандагони ҳизби ҷумҳуриятҳои Тоҷикистон шуданд ва воқеаҳои март-апрел боиси он гардиданд, ки ин ҳизби ҳомнависшуда нумӯнакарда монд. Аммо ҳамин ҷумҳуриятхоҳон аввалин шуда, чун гурӯҳи сиёсӣ аз митинги «Шаҳидон» эътироз намуданд, онҳо тавре, ки «телевизиони мардумӣ» дар нимаи аввали моҳи май мегуфт, дар штаби майдони «Озодӣ» роҳбарӣ мекарданд. Агар Очилову Самиев аз ҲД ҷудо намешуданд ҷараёни воқеаҳо чигуна мебуд?

б) Ҳамон рӯзи 6 март Шӯрои Олӣ рухсат дод, ки «барои ришват хӯрдан ва аз вазифа сӯистифода намудан» М. Икромов ба ҳабс гирифта шавад. Ин воқеаро аксарият чун ҷиддӣ ва ба кори аслиаш амалан машғул шудани раиси ҷумҳур пазируфта, умедвор гардиданд, ки акнун вай ба сиёсату дигаргуниҳои қотеона даст мезанад ва мамлакат обод ва озод мешавад.

в) Бебарор анҷом ёфтани митинги ҲД ва Растохез дар рӯзи 12 март дар майдони 800-солагии Москва, ки аз 1,5-2 ҳазор бештар одам ҷамъ наомад. Таърихчаи ин митингро як шиноси ман чунин нақл кард.

«Ман мақолае барои «Чароғи рӯз» навишта будам, барои донистани сарнавишташ ба редакция рафтам. Сипас Дадачон Атовуллоев аз ман хоҳиш намуд, ки то «Хонаи матбуот»

расонам. Он вақт редакцияаш мошин надошт. Вақте аз на ме
ди гастрономи назди театри Айнӣ мегузаштем, касе бо шас ма
сӯи мо даст афшонд. Дадачон ӯро шинохта хоҳиш кард, мо бу
шинро дорам. Дадачон аз сӯҳбати кӯтоҳмуддати ӯ бо ранг ро
рӯи парида омад. «Икромовро ба ҳабс гирифтаанд». То ид М
раи «Растохез» равем. Гарчи ба идораи «Растохез» расидем на
бо чӣ мулоҳизае бошад, ӯ нафаромаду гуфт: «ба дафтар м
Ҳизби демократӣ меравем».

Дар идораи мазкур сӯҳбаташон тӯл кашид. Абдунабӣ Са б
торзода, Раҳими Мусулмониён, Шодмон Юсуф ва дигарҳ р
чамъ шуданд. Вакти пешин аз он чо боз ба идораи «Раст на
хез», сонӣ аз он чо ба бинои сокинонаш кормандони ҳукума гу
тӣ, ки дар кӯчаи Киров вокест, рафтанд. и
— Боз ба ХД меравем. в
— Мошин чароғ надорад, ГАИ медорад.
— Хайр моро расонед, баъд чавоб. н
Аммо Дадачон дар миёни майдони «Озодӣ» мошинро до в
шт. Зеро дар майдон гурӯҳи одамон аз чумла Отахон Лати
фӣ, Сафар Абдулло чамъ шуда буданду, ӯ бо онҳо пайваст н
Чамъшудагон давлатро, прокурорро дашном медоданд. В д
зарурати даъвати митингро мегуфтанд. ч

Дар ибтидо максад буд, ки митинг рӯзи сешанбе 10 мар д
дар майдони «Озодӣ» барпо шавад. Иттиҳоди нерӯҳои мар д
думии Точикистон дар эълоне, ки ба ин муносибат паҳн кар с
да буд, тазаккур медод, ки он «Барои химояи Мирбобо Ми д
рахимов, Максуд Икромов, Шодмон Юсуфов барои пешгир ш
аз пахншавии бехукукӣ, конуншиканихо ва касдгириҳои б а
бадавронрасидагон аст ва агар мо имрӯз демократияро хи р
моя накунем, фардо мо низ курбон мешавем». с

Намоиши оммавӣ рӯзи 10 март дар майдони «Озодӣ» бар
по нагашт. Аммо 12 март дар майдони «800-солагии Москва
митинге барпо шуд, ки 100-150 нафар иштирокчиёни фаъо х
ва дар худуди то 1-2 хазор нафар сомеъ дошт. л

Ин вокеа ишорае ба футури чунбиши зидди хукуматӣ в
нишонае барои фарорасии кори чиддитари Хукумат дар руш
дӣ иктисодӣ буд.

Шояд ана хамин боварӣ бо осудашавиҳо буд, ки Раис
чумхур ба корҳои чиддитар, ба сафари хоричӣ икдом кард
18 март ба мачлиси Москва рафт, охири март аввали апрел
ба Эрону Покистону Хиндустон рафтанӣ буд, 26 март авва
лин бор баъди вазифагирифтан ахли илму адабро ба мулоқ
кот даъват кард.

Аммо рӯзи 25 март дар Шӯрои Олӣ вокеае шуд, ки набоя

мешуд, ҳадди ақал набояд чунин сурат мегирифт. Шӯрои Олӣ масъалаи вазорати умури дохиларо муҳокима намуда, камбудиҳои вазифа ва шахсии вазирро ёфта, ба Девони Вазирон тавсия намуд, ки масъалаи дар кор мондан ё намондани М. Навчувоновро арзёбӣ кунад. Аслан, худи ин чиз кори бад набуд, дар он вақт Навчувоновро дар муҳити Тоҷикистон ҳама чун шахси аз ӯҳдаи кор набароянда мешинохтанд. Ба сӯҳбатҳои телевизиониаш, ки на тоҷикӣ гапзадан метавонист на русӣ, механдиданд.

Аммо тарзи мухокима дар Шӯрои Олӣ бисёр даҳал буд, на арзёбии масъалаи ҳукуматӣ, балки таҳқиқӣ муфаттишу гунаҳкорро мемонд. Дар назар Сафаралӣ Кенчаев на чун Раиси Шӯрои Олӣ, балки чун муфаттишони прокуротура чилвагар мешуд. Хело даҳал ва бад буд, чараёни ин пурсиш.

Бадии дигар он буд, ки ин ҳамаро тавассути телевизион нишон доданд. Аз телевизион дидем ва шунидем, ки Навчувонов мегуфт:

Шумо мардуми кӯҳистонро таҳқир мекунед, кор кардан наметонед. Бад ин минвол Навчувонов масъалаи шахсии худашро ҳамчун масъалаи маҳаллӣ маънидод карда, тавонист ба чони одамоне расад, ки аз фаъолияти ҳукумат дандон мехоиданд. Ин буд, ки рӯзи 26 март соати 6.30-7 саҳар дар майдони Шаҳидон 50-60 кас, асосан чавонони бадахшӣ чамъ омада буданд. Соати 7. 30-8 миқдори ҳозирон ба 100-150 кас расид. Ман байни онҳо шиносҳои зиёдеро аз чумла Ҳалимшорэ дидам. Пурра ба ӯ ҳамфикр будам ва ҳастам, ки намоиши шабонаи телевизионӣ тоҷик беадабӣ, таҳқир аст, ва Сафаралӣ Кенчаев бояд узр пурсад. Муҳим он нест, ки Навчувонов ро аз кор гиранд, ё не, муҳим он аст, ки одоби давлатдорӣ, одоби муносибатӣ инсонӣ поймол шудааст.

Дар толори калони идораи Раиси Чумҳур мулоқот бо зиёиён шурӯъ шуд. Маҳмудчон таъкид намуд, ки кори заруре ҳасту баъди мачлис ҳатман ба назди ӯ бароям. Дар раёсати мачлис Р. Набиев буду Н. Дӯстов, С. Кенчаев. Гумон доштам, шояд ӯ холо узр мехоҳад, шояд ӯ ва Набиев гурӯҳе аз ҳозиронро қабул мекунаду узр мехоҳад.

Дар вохӯрӣ Раҳмон Набиев қариб як соат перомуни умдатарин масъалаҳои рӯз сухан гуфт. Аз чумла вай бо таасуф дар хусуси он сухан ронд, ки ба иллати дониставу надониста ба сиёсат ва иқтисод дахолат кардани зиёиёни эчодкор монатавонистем, ГЭС-и Роғун ва заводи акамулятори Кӯлобро созем ва акнун ба зуддӣ сохтани онҳо низ даргумон аст. Агар мо дар вақташ дастгоҳи барқии Роғунро месохтем, ки

иқтидори он 13 млрд. 600 млн пешбинӣ шудааст, ҳоло қари
20 миллиард сӯм даромад мегирифтем. Ин маблағро имр
ба мо ки медиҳад?!

Набиев тазаккур дод, ки давлати Покистон розӣ шуд, да
сохтмони Роғун ҳамкории моддӣ кунаду 500 млн. доллар қар
диҳад. «Онгоҳ мо албатта ГЭС-ро месозем. Хубии кор дар
аст, ки мо як қисми қарзро дар шакли барқ ба онҳо барм
гардонем. Ҳамчунон бо кӯмаки Покистон дар Шаҳритуз за
води цемент месозем. Аммо шарти асосӣ барои ҳамкории П
кистон ба ҳамаи мамлакатҳои дигар мавҷуд будани осои
дар сарзамини Тоҷик аст. Мову шумо бояд инро таъмин н
моем.

Сипас, Раҳмон Набиев дар хусуси ҳамкории хуби Ҷу
ҳурӣ ба давлатҳои ҳамсоя-Ӯзбекистон, Қазоқистон, Туркма
истон инчунин Россия сухан ронда, зимни масъалаи хайрх
ҳии онҳо нисбати Тоҷикистон мисолҳо оварда аз ҷумла гуф
Ҷумҳурии Туркманистон як кг. сӯзишвории дизелиро ба д
гарҳо 9 сӯмӣ, бо мо 7 сӯмӣ, мазутро ба дигарҳо 7 сӯмӣ ба м
5 сӯмӣ мефурӯшад.»

Чун сухан аз маводи сӯхтӣ техника рафт, сардори давл
ёдоварӣ намуд, ки Тоҷикистон 8-10 сол муқаддам солона 3
ҳазор тонна нефть истеҳсол мекард. Ҳамон вақт имконият
он муайян шуда буд, ки истеҳсоли ҳарсолаи нефть ба як мл
тонна расонида шавад. Раҳмон Набиев мегуфт: Ман нам
фаҳмам моро чи бало зад, ки ба ҷои пеш рафтан оқиб га
тем. Ҳоло ҳамагӣ 80 ҳазор тонна маҳсулоти нефтӣ исте
сол мекунему бас. Ин чоряки пештара аст. Мо бояд ҳатм
ин камбудиро ислоҳ кунем. Мутахассисони хориҷиро, техн
каи хориҷиро ҷалб карда, бояд ҷустуҷӯи нефть, таъмири ҷо
ҳои кӯҳнаро ба роҳ монем. Бе сӯзишворӣ аҳволамон бад м
шавад, ба умеди ҳеҷ кас шуда наметавонем.

Қисми зиёди суханронии Раиси Ҷумҳур перомуни ваз
маориф, илм, тандурустӣ, маданият, журналистика ва адаб
ёт буд. Ӯ зикр мекард, ки давлат вазифадор аст, ки аҳли
соҳаро таъмин кунад, эҳтиром намояд. Ман медонам, ки
ло шароити шумо хуб нест, мегуфт ӯ,-мо кӯшиш дорем ро
ҳалли ин масъаларо ёбем. Мехоҳем маоши шуморо зиёд
нем, дигар имтиёзҳоро бинем. Имрӯз аз нӯги хамир фат
гуфта, барои кӯмак ба нашриётҳо, сарредакцияи Энциклопе
яи тоҷик, маҷаллаҳои «Фирӯза», «Чашма» ва «Садои Шар
20 млн. сӯм ҷудо кардем. Ин албатта кам аст, вале имко
яти ҳозираи мо ҳамин аст.

Ва гапҳои дигар, Сипас шахсони зиёде суханрони
данд ва дар зер иқтибосҳое аз онҳо меорам:

Раҳим Масов: Мо ба вазорати маданият рӯйхати бозёфтҳои таърихиамонро, ки дар Маскав ва Ленинград нигоҳ дошта мешаванд, супоридем, ба шумо бовар дорем, Раҳмон Набиевич, ёрӣ диҳед, то он чизҳоро ба Тоҷикистон орем.

Солҳои 1976-1978 лоиҳаи музейи таъриху маданияти Тоҷикистон тайёр шуда буд, ёрӣ расонед, то худи он сохта шавад.

Матолиби архивҳои марбут ба халқи тоҷикро аз давлатҳои дигари собиқ ИҶШС ба Тоҷикистон овардан лозим.

Муҳаммадҷон Шукуров:

Маданияту маънавиёт аз миён рафта истодааст;

Мо мебоист рӯзи 21 март ҳайкали Фирдавсиро мегузоштем, аммо дар вақташ ин корро накардем, ба халқ таъсири манфӣ расонд;

Ба мо фаҳмонед, ки бо айби кӣ тайёраи Эронӣ, ки дар дарунаш вице президенти Эрон будааст аз болои аэропорти ш. Душанбе пас гардонда шуд?

Овоза хаст, ки ба наздики мо телевизиони Туркияро ҳар рӯз 4 соатӣ тамошо мекардаем. Ин мумкин нест. Ин роҳе ба пантуркизм аст. Телевизиони Ӯзбекистон дарси туркӣ сар кардааст. Тоҷикони Ӯзбекистон боз ҳам зиёдтар дар зери фишори туркҳо мондаанд.

Нафаҳмидам, ки бо кадом мақсад Навҷувоновро аз кор гирифтан мехоҳанд.

Сафаралӣ Кенҷаев:

Ман ақидаи М. Шукуров, яъне ақидаи рӯзномаи «Адолат», ақидаи ҳизби демократияро қабул карда наметавонам;

То ҳозир дар сохтмони ҳайкали Фирдавсӣ II млн. сӯмина кор анҷом ёфтааст. Вале комиҷроияи шаҳр ҳанӯз ин маблағро напардохтааст. Боз 19 миллион сӯми дигар лозим аст, то ки пайкара ба анҷом расад;

Оё ин одамоне, ки ба митинг омадаанд, кор мекунанд ё не, агар кор кунанд магар роҳбарони идораашон намепурсанд, ки вақти кор кучо будӣ;

Мо барои он аз Девони Вазирон хоҳиш намудем, ки масъалаи мувофиқ будан ё набудани Навҷувоновро ба вазифааш арзёбӣ кунанд, чун ӯ сӯистеъмоли зиёде дошт.

Нарзулло Дӯстов:

Бародарон, гӯед мо кор кунем ё не? Ба муқобили дуздон, ҳаннотон сӯистеъмолкунандагони вазифаҳо мубориза барем ё не? Мо Навҷувоновро аз кор холӣ карданӣ шудем, одамон ба митинг омаданд. Внешторг масалан ба 30 млн. доллар алюмин ва пахта фурӯхта он пулро обу лой кард. Пагоҳ роҳбари онро аз кор гирем боз митинг мешавад?

Ҷӯрабек Назриев:

Мо мардуми авомфиреб ва дуздро дастгирӣ мекардагӣ
шудаем.

Ҳол он ки муқобили онҳо бояд ба таври қатъӣ мубориза б
рем.

Лоиқ:

Андозаи 28 фоиза аз китоб ва матбуоти расмӣ бардошта
шавад;

Қонуни забоне, ки қабул шуд, ҳам аз нигоҳи мундариҷа
ҳам аз нигоҳи вақти қабул қонуни замони мустамлика буд
Аз нав қабул кардан лозим. Вай кӯҳна шудааст;

Ман пушаймон, ки бо ҳамин забон (тоҷикӣ) гап мезанам
Аз тоҷик буданам ҳайфам меояд.

Аскар:

Мо агар хоҳем, ки ягон хел диктатура: исломӣ ё комму
нистӣ ба ҳокимият наояд, бояд роҳи оштиро пеш гирем ва и
ҳукуматро дастгирӣ намоем;

Бояд дар муносибат бо ҳар кадом давлат мустақил бо
шем.

Раҳмон Набиев:

Пешниҳодҳои хуб шуд. Аз ҳисоби ҷамъомадагон ва дигар н
мояндагони барҷастаи илму адаб як комиссия созем (мӯҳт
рам Даврон Ашӯров машғул шавед), то пешниҳодҳоро да
соҳаи сиёсат, маданият ва илм ба як тартиб оранд, мо кӯши
мекунем, ки ҳамаи онҳоро ҳал кунем.

Маҷлис ба охир расид. Митинг давом дошт. Аз Маҳму
ҷон хоҳиш кардам, ки ба Набиев расонад, бо ин митинг ҳа
карда намешавад. Ё барояд, ё намояндагонро қабул куна
аз ҳама асосӣ ва дар ҳарду ҳолат ҳам бояд Сафаралӣ Ке
ҷаев барои шакли муҳокима ва нишон дода шудани он тав
ссути ТВ аз Навҷувонов узр хоҳад.

Гуфт: ҳоло намояндагони аҳли митинг назди Р. Наби
хоҳанд даромад.

— Рӯзи 29 март тавассути телевизиони марказӣ мусоҳиб
мустақими Раиси ҷумҳурии Тоҷикистон мешавад. Раҳм
Набиевич аз ман хоҳиш карданд, ки саволҳои тахминиро
айян кунем. Аз як калла дутояш беҳтар. Биё якҷоя фикр
нем.

Ҳамон рӯзи 26 март ман баъди бо ёвари Раиси ҷумҳ
анҷом додани корҳо ба редакцияи «Нидои ранҷбар» дарро
дам, ғайр азҶумъахон Наботов каси дигаре набуд. Ҳамро
ӯ аз паҳлӯи чойхонаи «Роҳат» гузашта, ба майдони «Ша
дон» ба сафи пеши қаноти чапи митингчиён омада, дақи

нд бо Ойниҳол, Сафар Абдулло, Ҳалимшо ҳамсӯҳбат шу-
м. Дуртар Тоҳир Абдуҷаббору Дӯстмуҳаммади Дӯст ҳам
д. Вақте сӯҳбат доштем, муаллимзанаке ҳам омаду ком-
нистонро «бачакуш» гӯён дашном дод.

— Ту баччакушӣ — пурсидам аз ҳамсӯҳбате.

— Ман аз сафи партияи коммунистӣ баромадам.

— Медонам, узви ҳизби демократӣ. Аммо он замоне, ки ин
ак дар назар дорад, ту коммунист будӣ, на ман.

Он рӯз эҳсос намудам, ки аз пагоҳӣ то бегоҳӣ рӯҳияи ми-
нг дигар шудааст. Рӯзи дуввум эҳсосам амиқтар шуд. Ми-
нг роҳбарони нав пайдо карда буд: Т. Абдуҷаббор, Д. Дӯс-
з, С. Абдулло. Онҳое, ки аз ноомади кори рӯзи 12 март нав-
д шуда буданд, аз ин марҳамати худодод ба ҳадде исти-
да бурда, барои он шикаст қасос гирифтан мехостанд.
р суханрониҳо шиорҳои нав ба вуҷуд меомаданд,«Парла-
нт ба истеъфо» «Кенҷаев ба истеъфо», «Ҳувайдуллоев ба
геъфо», «Марг ба коммунистон», «Мардум ғорат ва қаш-
қ мешавад»!

Маъмулан, дар зиндагӣ мушоҳида мешавад, ки пирӯзшу-
гон ба як нуқтае, ки аз омилҳои ғалабаашон мебошад, чу-
н мечаспанд, ки ҳамон нуқта охираш иллати шикасташон
шавад. Шиори «марг ба коммунистон» на танҳо дар ша-
ити Тоҷикистон, балки дар шароити бисёре аз ҷамоҳири со-
қи СССР ба назари ман чунин менамояд. Воқеан соҳиб-
куматҳои собиқ аз номи ҳизби коммунисту бо номи ҳизби
ммунист номаъқулиҳои зиёде карда, сазояшро низ диданд
дар вақташ онҳоро барои ин дуруст ҳам маҳкум намуданд.
мо имрӯз даркору нодаркор ин шиорро боз истифода на-
да, ба камбудиҳои имрӯзаи хеш ҳам коммунистонро гунаҳ-
р кардан дар назари ман мазаро ба қайла гузаронда на-
аи баръакс медиҳад. Ҳаминро фаҳмидан намехоҳанд. Ман
нидам, ки дар рӯзҳои митинг ин шиорро оҳиста-оҳиста кор
ифтанду аввал барои бо он тарсонда одам ҷамъ кардан
бур шуд: яъне коммунистонро то охир саркӯб накунем, боз
счидҳоямонро мебанданд, муллоҳоро ҳабсу нобуд мекунанд
ғайра. Баъди ташкили майдони «Озодӣ» онро пурра ба
майдон иртибот доданд.

Дар он вақт шиорҳо дар бораи коммунистон, парламент
рламони бесалоҳияти коммунистӣ), Кенҷаев (партократ)
крибан ба як маъно истифода мешуданд.

Рӯзи ҷумъа, ба назди Халифабобо рафта пурсидам: оё

конституция ба ҳадде тайёр аст, ки ба чоп тавсия ва б
ҳокимаи умумихалқӣ пешниҳод шавад?

Гуфт: Гумон мекунам мумкин. Мо рӯзи 25 ба забо
чикӣ ба анҷом расонда ба дасти муаллим Шарофиддин
тамов супоридем.

— Оё Раиси ҷумҳур метавонад ба халқ эълон кунад
мо ин ҳафта конституцияро чоп мекунем, муҳокима
ана дар асоси ҳамин конституция парламенти нав ин
мекунем?

— Мешавад... Ва ин роҳи ягона аст. Зеро мувофиқи
ституцияи ҳозираи мо Раиси ҷумҳур ҳаққи парокандаи
дани парламентро надорад. Барои он ки парламент ҳо
худ пароканда шавад, охирин депутат ҳам бояд розӣ ё
ҳад. Пас ин кори ношуданист. Агар ҳоло сессияи Ш
Олӣ ҷамъ шавад, лоиҳаи қонуни асосиро дида, маъқул
ва барои муҳокимаи умумихалқӣ тавсия диҳад, пас
ҳои июн натиҷаи муҳокимаро ҷамъбаст ва барои қабул
ституция референдум эълон кардан ва тақрибан октябр
ябр парламенти навро интихоб кардан мумкин меша

— Мешавад, ки Раиси ҷумҳур ҳамин гапро ба халқ
тингчиён гӯяд?

— Мешавад.

Ба Маҳмудҷон телфон карда гуфтам, ки рӯи ин чиз бо
мон Набиевич сӯбат кунад.

Ман дар он рӯзҳо як чизро дарк карда будам. Боя
чи зудтар роҳбарият ба қатъ кардани ин митинг муясса
вад. Кенҷаев гунаҳкор аст, пас узр хоҳад, Шӯрои Ол
миссияи ахлоқи депутатии он ин масъаларо арзёбӣ ва
фиқи гуноҳ ҷазо муайян кунад. Ин ҳам айни адолат ме
ва ҳам сабақ ба дигар қонуншиканҳо.

Аммо инро ба кӣ мегуфтаму гапи маро ва ман бари
кӣ гӯш мекунад? Ман тарсе аз он доштам, ки ин митинг
аз он рақибони президент истифода бурда тавонанд,
сахте ба ҷумҳурӣ хоҳад буд ва зарбае ба иқтисод ме
Аммо дор он рӯзҳои март гумон намекардам, ки вай
шикасти ҳукумати мавҷуда мешавад. Зеро гумон дошта
ҳукумат мавҷуд аст.

Воқеан чизе бештар аз инро қариб ҳеҷ кас, умума
кас нигарон набуд. Далел ин аст, ки то моҳи май шиор
истеъфои Раиси ҷумҳурро мехоста бошад, пайдо нашуд
роғи рӯз» дар фолномааш «муайян кард», ки агар то 20
дигар давлати ҳамин Раиси ҷумҳур сукут накунад вай
ли дигар ҳукмронӣ хоҳад кард.

Рӯзи 29 март дар дафтари Раиси ҷумҳур мурочиатнома
халқ омода мешуд.

Аммо майдони Шаҳидон хомӯш намешуд, рӯз ба рӯз тоб
нирифт. Сабки эҷоди ман оҷиз, ки чи будани майдони «Ша-
дон», чи гуна будани онро пурра тасвир кунам. Гумон до-
навори овоздор зарур аст, ки то чи гуна будани онро
к намоем. Рӯзҳои аввал, шояд то охирҳои моҳи март, ода-
чанд касе, чандсад нафар дар қисми холигии назди дар-
даи хонаи президент ҷамъ мешуданд. Баъдтар қад-қади ро-
мошингард рост меистодагиҳо пайдо шуданд. 31 март, рӯзе
ё қафо ба номи «Маркази матбуотӣ» аз тарафи чапи да-
дгоҳи бино хаймае пайдо шуд, ки сипас ба тақлид ба он
ҳо хаймаи дигар ба вуҷуд омад. Аввал хаймаҳо дар роҳи
мгард буданд. Ҳаштум-даҳуми апрел хаймаҳо кӯчаи Ис-
ли Сомониро баста, роҳи автобусу тролейбусҳоро ба мин-
аи рости дарёи Душанбе қатъ карданд. Танҳо аз кӯчаи
акӣ нақлиёт мегузашт. Сонӣ, рӯ ба рӯи қаноти охири би-
ҳукумат хайма зада, ин роҳи нақлиётро низ бастанд. Аз
ри Маяковский то ёдгори шуҳадои баҳманмоҳ, аз бинои
умат то қаҳвахонаи Пекин тақрибан 400-500 хайма, кат
ҳои амсоли ин гузошта шуданд. Тарзи зиндагӣ ҳаёти кӯ-
ро ба хотир меовард. Хаймаҳо дар пешу пушт, паҳлӯ ё
и хеш навиштаҷоте доштанд. Он ё шиоре бар маҳкуми
сият ё созмонҳои номақбул буд ё даъвате. Ҳатман маҳа-
ошандагони хайма низ навишта шуда буд: Бохтар, Хур-
шаҳр, Чоркӯҳ, Понғоз, Дарбанд, Вахш... Хуррамшаҳриҳо
алан, дар кӯчаи Исмоили Сомонӣ ҷойгир шуда, дар ирти-
ба деҳаи аслии худ, ё деҳае, ки феълан авлодашон сукун
ба чанд хайма тақсим шуда буданд.

Ман барои дарки чигунагии шиорҳо мехоҳам он шиорҳо
ки як рӯз дидам номбар кунам. Аввал бояд, гӯям, ки ши-
е буданд доимӣ, шиорҳое буданд якрӯза ё яклаҳзаӣ. Ши-
е буданд, ғасбшуда, овезон, дар даст. Шиорҳое буданд
майдон доимӣ, шиорҳое буданд ояндагон ҳамроҳ оварда,
ҳамроҳи худ мебурданд. Шиорҳое буданд дар тика на-
та шуда, шиорҳое буданд дар қоғазу картон ё фанер ин-
уда. Шиорҳое буданд хушрӯ китобатшуда шиорҳое бу-
, ҳамту навишташуда. Онҳо бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ,
кӣ буданд. Шиорҳои тикаӣ ба истиснои ранги сурх ҳар
и дигарро эътироф менамуданд. Дар даромадгоҳ шиор
анги сиёҳ дар тикаи сабз бештар меистод. Нишони (ди-
ши) исломият алалмудом ончо буд. Ман дар бораи ши-
и наттоқон чизе гуфта наметавонам, чун бе сабти овозӣ

ҳамааш «дурӯғ» мешавад. Тавре, ки шиори «Марг ба
ко» (28 март) дурӯғ шуд. Инак он шиорҳое, ки ман
дидам.

1. Набиев, вы рескуете остатся один!
2. Мардуми Кӯлоб бо Шумост, ҳамватанон!
3. Миллатлар орасига айрилиқ солишга барҳам бер
4. Халқи заҳматкаши Кӯлоб аз қаҳтию қашоқӣ
омадааст.
5. Ба қаҳтӣ ва қашоқӣ хотима шавад!
6. Господин президент! Мы требуем отставки анти
ного коммунистического парламента!
7. Ҳаққи заҳмати деҳқон афзояд!
8. Требуем роспуска коммунистического парламен
9. Нест бод парламент.
10. Алҳазар аз диктатура. Зинда бод демократия.
11. Шарора бо Шумост.
12. Зинда бод Озодӣ!
13. Ҳазор мансаб гирӣ, Кенҷаюф, прокурори ноҳия
нӣ!
14. Дасисабозиҳои Кенҷаюф — бадбахтиҳои Тоҷик
15. С. Кенҷаев! Ты не забыл каких законов сторон
ты был в линейной прократуре?
Забыл?! Народ всё помнит!
16. Ай миллати тоҷик, бедор шав, ки вақти бедори
17. Мусулмонони Хуҷанд бо Шумо ҳамроҳанд!
18. М. Икромов набояд қурбони бедодгариҳои маф
вад!
19. Кенҷаюф мард шав. Аз парлумон рав!
20. Ба нархҳои дандоншикан хотима дода шавад.
21. Дод аз дасти нарх.
22. Озодӣ муборак бод!
23. Тараҳҳум бар паланги тездандон.
Ситамгорӣ бувад бар гӯсфандон.

Тавре мебинам, шиор гуногунмавзӯъ ва хело устодо
Шиорҳои иқтисодӣ завқи ҳар касро он рӯз ифода
данд. Аслан, он фикр ва изҳороти ҳукумат низ буд, амм
дон тавре истифода мекард, ки гӯё ҳукумат муқобили
шад. Дар ҳукумат касе набуд, ки онро ба таври оммав
кунад. Репортажҳои телевизион дар ин маврид беранг
тамом буданд.

Дар шиорҳои сиёсӣ зарбаи асосӣ муқобили Кенча
вона шуда, президентро метавонист фориғболтар ку
чунин ҳам шуд.

Шиорҳои зиддикоммунистӣ ду мақсади ҷиддӣ доштанд:
— аввало ҳамаи мардуми аз сиёсати тоталитарии собиқ норозӣ ва ҷабрдидаи ҷумҳуриро муттаҳид мекарданд;
— сониян, ба Россия ва мамолики дигар гӯшзад мешуд, ки мо муқобили сохти коммунистӣ мубориза дорем, агар моро дастгирӣ ҳам накунед, халал нарасонед. Ин тир ҳам ба нишон мерасад.

Ҳоло гап дар бораи майдон буд. Дар сафи пеши гирду атрофи зинаҳо, баъзан болои онҳо занону тифлакон буданд, чои устодони Донишгоҳ маъмулан аз тарафи чапи зинаҳо буд. Чун роҳ баста буд, роҳгузарҳо хоҳу нохоҳ аз майдон пиёда убур мекарданд. Дар чойхонаи Роҳат дар наздикии ҳайкали шуҳадо барои аҳли майдон самовори иловагие гузошта буданд. Дар ҳамин минтақа ҳанӯз аз рӯзҳои аввал чавонони обутобёфта гаштугузор мекарданд.

Рӯзона дар майдон 3-4 ҳазор одам ҷамъ мешуд. Аммо вақти чошт то намози пешин теъдоди мардум ба 6-7 ҳазор мерасид. Инҳо донишҷӯёни дарстарккарда, одамони аз навоҳӣ омада буданд, ки баъди муддате боз майдонро тарк мекарданд. Онҳо маъмулан дар саф ё чанд мошин бо шуру валвала ба майдон меомаданд, ки бо дастгирии инҷобудагон якҷоя аҷаб ҳангома ва шӯру шаре мешуд.

Аслан майдон ороми ноором ё нооромии ором буд. Наттоқон (воқеан онҳо ровӣ, воиз ва наттоқони олӣ буданд) суханро бисёр зебо ва муассир сохта бо аҳодис ва сураи қуръони мачид мукаммал карда, ба сари ҳуззор мерехтанд. Онхо, ки аз ин бехуд мешуданд, дастҷамъӣ шиорҳо посух медоданд ё суруде мехонданд:

Иртичо, иртичо, марг ба найрангатон! ва ё «аз хоби гарон хез»!

Ҳангомӣ шиорандозиҳо чунон валвала мешуд, ки гумон мерафт, ҳозир майдон мекафаду ҳама ба қасри Раиси ҷумҳур зада даромада, онро пора-пора мекунанд. Ин вақт муллое бо овози маҳин порае аз қуръон тиловат мекард ва майдон ором мешуд, то шӯру шари навбатӣ.

Наттоқони деҳотиву азияткашида низ сухан мегуфтанд, яке ҳақиқатро дигаре таблиғро. Аммо ин барои созмондиҳандагони митинг муҳим набуд. Чизи асосӣ он ки ҳозирон машғул дошта шаванд.

Рӯзе масалан зане бо овози бурро аз ноадолатии замона шикоят мекард: ду писарам ба балоғат расидаасту имкони хонадоркунии онҳоро надорам. Шояд ӯ дуруст мегуфт, гарчи маълумоти олии филологӣ дошту зану шавҳар дар тӯйҳои

ноҳияи Кофарниҳон овозхонӣ мекунанд. Аммо маълум на
буд, ки ин ба Кенҷаеву парламон чӣ иртибот дошт.

Даруни бино оромӣ буд. Ҳама бо кори худ банд. Берун ад
шахсиятҳо дошт: Ҳимматзода, Давлат Усмон, Бозор Собир ма
Шодмон Юсуф, мударрисони мадраса, шахсиятҳои дохил но
маълум буд: на Набиев, на Дустов, на Мирзоев, берун даст гу
ёрҳо дошт: А. Сатторзода, Р. Мусулмонқулов, Ойниҳол Бобо ом
назарова, Теша Рачаб, Зокир Вазиров, дар дарун дастёрҳо ме
дар андешаи хиёнат буданд, чун Б. Раҳмонов ё ҳеҷ набуданд да
берун мубалиғҳо дошт чун Д. Дӯст, С. Абдулло, муллобача ва
ҳо, нашриёти озод, дарун гунг буд. Берун такябон дошт ҳо
такябон месохт, дарун такябон гум мекард. Чӣ милиса буд ас
ки 200 нафарро пароканда карда натавонист, чӣ милиса буд
аввалин хаймаро вайрон накард, чӣ милиса (ГАИ) буд, ки хо
онҳоеро ки роҳи нақлиёти шаҳрро мебанданд, ба масъулият ма
накашид?! Чаро Навҷувонову аппарати ӯ, Раҳмонов (упр. ми-
лицияи Душанбе) ва аппарати ӯ, М. Мирзоев (мири шаҳр) ин
ва аппарати ӯ маош мехӯранд? Генерал Раҳмонов барои чӣ аз
вазифа гирифт?!

Халқ инро намефаҳмид. Шунидам, ки Н. Дӯстов низ инро Ху
фаҳмидан мехост.

Ба майдони «Шаҳидон» мардумро ҷамъ мекарданд. Ман ор
намедонам он гап оё дуруст аст, ки аз деҳот бо зӯрӣ ва зан са
талокӣ бо таҳдиду ҷарима ҳам одамонро оварданд, намедо ну
нам, зеро далели шайъӣ надорам, аммо одамони ихтиёрӣ ома мо
даро ҳам дидем ва даъватномаҳоро ҳам хондам. Масалан Д
моҳи апрел «Муроҷиатномаи гирдиҳамомадагони майдони ди
Шаҳидон, ки аз рӯзи 26 март ин ҷониб идома дорад, ба ҳа пу
маи мардуми шарифу нақиби ҷумҳурӣ» дар шакли варақа мо
чоп ва дар байни аҳолӣ паҳн карда шуд. Дар он аз ҷумла ан
омадааст: ма

Мардуми шариф, ҳамватанони азиз ҳафт рӯз инҷониб па ма
дарон, бародарон ва хоҳарони шумо дар майдони Шаҳидон чу
болои замини сард, зери боронҳои баҳорӣ ва шабҳои хунук на
рӯзҳо ва шабҳоро мегузаронанд. ни

Ҳамватанони азиз! Воситаҳои ахбороти ҳукуматӣ воқеи-
ятро таҳриф намуда, мардуми шарифи гирдиҳамомадаро, ки ди
аз олимон, шоирон, рӯҳониён ва ҷавонони баномуси миллат ши
ҷамъ омадаанд, тудаи бекорхӯҷа, роҳгумзада ва мансабхох ги
муаррифӣ мекунанд. Шумо бидонед, ки мардуми мазлуми М
ҷамъомада дар рӯзҳои киштукори баҳорӣ корҳои зиёде до га
ранд, дар қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ то ҳол чизе киш да
накардаанд, бо вуҷуди даҳони рӯзадор ба хотири ҳақиқат.

адолати иҷтимоӣ ва пешгирӣ аз бозгашт сӯи диктатурӣ ва таъқибот, ки роҳбарияти ҷумҳурӣ моил аст, ҷорӣ кунад, ба майдон баромаданд.

— Касе мардумро бо фиреб ба майдон набаровардааст ва гумроҳ накардааст. Бовар дорем ҳазорон ҷавонони донишомӯз дар донишгоҳ ва донишкадаҳо қалбан ва рӯҳан азоб мекашанд, ки ҳамроҳи падарон ва бародарони ҳамсояашон дар майдон ҳузур надоранд, аз лаззати шиорҳои адолатхоҳӣ ва ҳақталабӣ маҳрумашон карданд, зеро дар ҳамаи ҳаракатҳои озодихоҳии ҷаҳон ҷавонон, ба хусус донишомӯзон нақши асосиро адо намуданд.

Вале роҳбарияти мактабҳои олӣ бо таҳдид ҷавононӣ ҳамхори миллатро аз шарафи ҳамдӯшӣ бо ҳамсолони худ дар майдон маҳрум кардаанд, ки ин қалбашонро хун карда аст...»

Ин даъват буд. Воқеан одамоне кам набуданд, ки ин ва ин гуна даъватҳо онҳоро ба майдон меовард. Масалан,шахсе аз Навобод зану кӯдаконашро дар деҳа монда,чил рӯз дар майдон нишаст. Даъват мардумро аз Хатлону Вахш, Рашту Хуҷанд ба Душанбе оварда.

Аммо ҳар варақаи даъват, ҳар василаи таблиғ аз дурӯғ орӣ нест ва варақаи фавқулзикр ҳам истисно намебошад. Масалан дар мавриди муносибат ба донишҷӯён мехостам як нуқтаро тазаккур диҳам. Донишҷӯён дар митинг ва исёни моҳи феврали соли 1990, ихтиёрӣ ва фаъол саҳм гирифтанд. Дар митинги моҳҳои сентябр-октябри 1991 низ буданд, вале дилу бедилон ва маҷбурӣ. Он вақт овоза шуд, ки барои онҳо пулу хӯрок медиҳанд. Ман ба ин чандон боварӣ надорам. Аммо дар моҳҳои номбурда гурӯҳи фаъоли ҷавонон ҷудо шуданд, ки онҳо кам бошанд ҳам, рӯҳияро ифода мекарданд.

Бо ҳамин хел даъватҳо, таъсиррасониҳо, шармдорониҳо майдон пур мекарданд. Ин кор дар ибтидои митинги моҳи март душвор буд, зеро тавре, ки зикр шуд, дили ҷавонон аз чунин митинггариҳо монда буд. Ташкилотчиёни майдон роҳи навро сурағ мекарданд. Дар чунин ҳолат роҳбарии давлат низ роҳи халосӣ аз ин балворо сурағ мекард.

31 март дар бинои собиқ институти таърихи ҲК конференцияи матбуотии ноиби раиси ҷумҳур Нарзулло Дӯстов барпо шуд. Дар он вазири умури хориҷа Лақим Қаюмов ҳам иштирок дошт. Сафаралӣ Кенҷаев низ хело фаъол буд. Акбар Мирзоев низ чун сурат ҳузур дошт. Аз ин конфронси матбуот ҷанд саволу ҷавобро ёдоварӣ карданиам:

— Оё Сафаралӣ Кенҷаев барои Навҷувоновро таҳқир карданаш ба масъулият кашида мешавад?

— Кенҷаев: Бале, ман тайёр ҳастам барои таҳқир ч
дихам. Аммо ҳеҷ гуна таҳқир он ҷо мавҷуд набуд.
Сонӣ Дӯстов бо мисол нақл кард, ки муносибати Кен
ва Навҷувонов дӯстона аст. Инро мухбирон бо лабханд
бул карданд.

— Он чи ба қонуни матбуот илова шуд, оё моҳиятан
тани даҳони матбуоти демократӣ нест?

— Он чӣ мо илова кардем, дар қонунҳои кишварҳои д
ҳалқ аст. Дар матбуот таҳқири шахс ҷоиз нест.

— Таҳқир яъне чӣ? Ин мафҳум дар ҳеҷ ҷой муайян
шудааст. Кӣ, кай чӣ хел хоҳад истифода бурданаш мум
Чи навъ исбот мекунед, ки чи таҳқир асту чи не?

— Надониста ҳукм накунед ва он чиро, ки намедонед,
чун чизи набуда маънидод накунед. Мафҳуми таҳқир дар
ғатҳои ҳуқуқшиносӣ пурра шарҳ дода шудааст.

— Оқибати ин гирдиҳамоӣ бадӯши кист? Хун резад кӣ
вобгар?

— Медонед, ки ин аз воқеаи Навҷувонов сар шуд. А
ин масъала ҳал шуда буд, ки ҳизби демократу растох
майдонро соҳиб шуданд. Ҳар кас ки гирдиҳамоиро таш
карда бошад, ба оқибати он ҳам ҷавоб медиҳад. Онҳо наб
оби чашми модарон ва фарзандони мардумро барои ғар
худ истифода кунанд.

Ба хуни рехташуда бояд Шодмон Юсуф, Тоҳири Абду
бор, Давлат Исмон ҷавоб диҳанд. Онҳо гунаҳкоранд.
танҳо аз рӯи қонун, аз рӯи амри виҷдонам кор мекуна

Дар конфронси матбуот перомуни тайёраи пазируфт
шудаи эронӣ сухан рафт ва Л. Қаюмов гуфт, ки «аз ин т
риф мо огоҳӣ надоштем».

Аз он сухан шуд, ки дар митинг шиорҳо ва телегра
ҳои экстремистона садо медиҳанд ва Муҳаббатшоев и
дошт:

— Он митинггароне, ки тирпарониро талаб мекунанд,
тремистанд.

Ин буд суханҳои асосӣ дар он конфронси яксоата.

Новобаста ба он ки Сафаралӣ Кенҷаев худро ба ифо
ҳалқ «мард мегирифт» аммо ташвишаш, ноороми аш эҳсос
шуд. Ӯ аз як тараф худро ҳақ меҳисобид, ки муқобили м
хӯрон мубориза мебарад, аз тарафи дигар дарк мекард
шакли мухокимаи Навҷувонов чандон хуб набаромад. Ӯ
мекард, ки фишори митинг ба давлат то рафт меафзояд ва
нун Набиев онро на фақат ба қурбони қадр, балки ум

бозӯрӣ хомӯш карда наметавонад, аз тарафи дигар Р. Набиевро муътақид сохта намешуд, ки ба муқобили майдон зӯриро, ақалан мошинҳои оби фишордоштаро истифода кунад.

Чунин вазъи ноҳинҷор ва сохте дошт ӯ. Ин буд, ки рӯзи дуюми апрел маҷлиси Шӯрои олимони назди Шӯрои олиро даъват кард. Дар он бисёриҳо гап заданд: Раҷаб Амонов, Мӯсо Диноршоев, Абдунабӣ Сатторов, Раззоқ Ғаффоров, Сорбон, Абдулҳамид Самадов, Маҳмадёр Мамадназарбеков, худи Сафаралӣ Кенҷаев. Ҳама мақсади ором кардани майдонро доштанд. Аммо —

Кенҷаев мегуфт: Ман намефаҳмам байрақи Эрон чи нишоне дар дасти митингчиён бошад. Ҳукумати Исломии Эрон куҷову демократия куҷо... Профессороне, ки монанди Мусулмониён, фарзандони моро бояд тарбия кунанд Шӯрои олиро чиноятқор меноманд, ба ҷанг ҳозиронро даъват мекунанд. Чи гуна бояд дилам шавад, ки фарзандамро ба тирбияи чунин устодон диҳам...

Бовар кунед, бародарҳо, мансабҳои мо ба гиряи як кӯдак намеарзад. Ҳеҷ кас муқобили миллаташ яроқ ба даст намегирад. Аммо набояд фаромӯш кард, ки луқ-луқи кӯдак ба гиря мерасонад. Худо аз чунин рӯз нигоҳ дорад. Он вақт сари ҳамаамон хам мешавад.

Ман мехоҳам маслиҳати шуморо шунавам. Чӣ бояд кард, ки бо осудагӣ митингро тамом кунему одамон пароканда аз паи зиндагӣ ва кору бори худ шаванд. Коре кунем, ки кори баҳорӣ нашуда намонаду пагоҳ халқ аз гуруснагӣ намурад.

Росташро гӯям ман аз қасдкориву ғаразкорӣ ва талоши мансаб безор шудаам. Аммо як чзро бояд гӯям: Аз роҳе, ки пеш гирфтаам, асло пас намегардам. Дар вазифаи дигар ҳам ба муқобили муфтхӯрӯ ҳаромхӯрон мубориза мебарам. Як чизро бояд оппозиция фаҳмад, касе таслим нашудааст ва намешавад. Мо фақат дар ҷустуҷӯи роҳи ҳалли осудаи масъалаи мазкур мебошем.

Бояд иқрор шавам, мо ҳақ дорем нафақат онҳоеро, ки ба яроқнокшавӣ даъват мекунанд, ҳабс кунем, балки ҳизби демократиро бандем. Зеро: вай хилофи оинномаву барномааш фаъолият дорад. Ман нав возеҳ дарк карда истодаам, ки мо дар вақташ ғайриқонунӣ ҳизби коммунистиро баста будем.

Аҳли майдон, онҳое, ки аз номи демократия сухан мегӯянд, аз худ рафта, қонунро пешпо мезананд. Чи кор кунем, ки бехунрезӣ сари ин худхоҳию беэҳтиромӣ нисбат ба ҳуқуқу қонунро гирем. Мехоҳам, дар ин бора маслиҳати шуморо шунавам.

Онҳое, ки сухан гуфтанд, ҳамақида набуданд. Аз ду самти ба ҳам муқобил ҳарф мезаданд. Зеро инҳо ду қаноти зиёниён онрӯзаи мо буданд: онҳое, ки мехостанд бо роҳи қонуни чомеа пеш равад ва онҳое, ки майдоншину майдонпараст бу-данд. Таваҷҷӯҳ кунед, кӣ чӣ мегуфт:

Р. АМОНОВ:Ман бисёр афсӯс мехӯрам, онҳое, ки худро демократ мегӯянд, худ қудрати онро надоранд, то сухани дигаронро шунаванд Дар вазъияти ҳозира бояд се кас-раиси чумҳур, раиси Шӯрои Олӣ ва раиси девони вазирон боҷуръатту қатъӣ бошанду ба назди митингчиён рафта, масъалаҳоро ҳал кунанд. Аз гирдиҳамомадагон фаҳмидан лозим аст, ки пароканда кардани парламон яъне чӣ. Ман мехоҳам ва тайёр ҳастам, ки вохӯрии мо аҳли ин шӯро ба намояндагон— роҳ-барони митинг шавад, то роҳи ҳалли масъаларо дарёбем.

М. МАМАДНАЗАРБЕКОВ: Ҳама медонем, ки баҳонаи ин митинг ҳамон спектакли нангини телевизионӣ шуд. Агар роҳ-барият ҳамон вақт назди мардум баромада, гуноҳи худро ба дӯш мегирифт, ҳамон вақт масъала ба хубӣ ҳал мешуд. Ҳоло гумон мекунам, роҳи ягонаи ҳалли масъала он аст, ки раиси чумҳур ва раиси Шӯрои Олӣ бояд баромада, назди митингчиён рафта, рӯ ба рӯ истода гап зананд.

А. САТТОРОВ: Дар Шӯрои мушовирон одамоне ҷамъ шу-даанд, ки назари яктарафа доранд. Ин ҷо ишора шуд, ки Шӯ-рои Олӣ аз халқи Тоҷикистон ба дастгирии худ номаҳои зиёд мегирад. Чанде аз ин номаҳо дар матбуот ва радиову телевизион нашр шудаанд. Он номаҳо мактубе не, ташкилно-маҳо ҳастанд. Ҳақиқат ошкор шавад, ҳамааш ҳал мешавад.

Ҳукумат бо роҳбарии генерал Раҳмонов— аскарҳои қарағандагиро ба ҳимояи худ овардааст ва онро милисаҳои тоҷик не, узбек ҳимоя мекунанд.

Роҳи ҳалли масъала гуфтушунид аст ва аҳли майдон омо-даи диалог ҳастанд.

Дар ҷараёни сӯҳбат, ҳам дар сухани дигарҳо С. Кенҷаев гуфт, ки омода аст ба майдон равад ва чанд бор кӯшид, ам-мо то ҳозир муяссараш нашуд. Чун Сатторов гуфт, ки «май-дон омодаи диалог ҳаст» пурсид:

— Оё метавонед мусоидат кунед, ки ман дар он ҷо рафта баромад кунам?

— Албатта.

— Биёед ҳозир равем.

Сатторов аз гапаш гашт:

— Он ҷо роҳбар дорад, ташкилотчиёнаш ҳаст, тартибу

интизом дорад. Ҳамту бемаслиҳат рафтан намешавад. Ман бояд пешакӣ рафта маслиҳат карда, баъд вақташро ба шумо гӯям. Он ҷо ҳоло бо президент гуфтушунид давом дорад. Ба маслиҳате ҳам наздик расидаанд.

В. АСРОРӢ: Ман ҳайронам мардум чунон ба майдоншинӣ одат кардаанд, ки-Намедонам зану фарзандони онҳо нони худро аз кучо меёбанд.

М. ШУКУРОВ: Бисёрии онҳое, ки ба митинг омадаанд, аслан намедонанд, ки барои чӣ омадаанд. Бисёре аз мӯйсафедон ба митинг ба умеди қанду нон омадаанд.

Дар майдон заррае аз халқи мо нишастааст. Онро эҳтиром кардан лозим аст. Бо ӯ бо забони худаш сухан рондан зарур аст. Бояд арзу додашонро шунида, то ҳадди имкон ба онҳо ёрдам кунем.

Ҳукумат бояд маданӣ бошад. Дирӯз роҳбарияти ҷумҳурӣ ба муқобили ин митинг дар назди театри опера ва балет митинг ташкил кард. Ин кори хуб набуд, беандешона буд. Агар задухӯрд мешуд, чӣ мешуд? Ҳозир мардуми мо аз ҳама чиз ба дод омадагӣ. Ҳатто аз митинги майдони «Шаҳидон» ҳам ба дод омадагӣ.

Р. ҒАФФОРОВ: Тоҷикистон баъди душвориҳои зиёди иҷтимоӣ нав ба оромӣ рӯ оварда буд, ки ин митинг шурӯъ шуд. Гумон мекунам оромиши ҷамъият ба баъзе гурӯҳҳо маъқул нашуд. Агар имрӯз ба воқеаҳо дуруст нигарем, обрӯталошиву мансабталоширо мебинем.

Мехоҳам як чизро иқрор кунем: ин хел митинг, ки мардум мурдаша партофта, даҳ рӯз митинг кунад, дар ҳеҷ ҷо набуду нест. Рости гап демократҳои мо, маънои демократияро то ҳол нафаҳмидаанд.

А. САМАДОВ: Ҳоло баҳор, вақти киштукор асту дар ҳеҷ ҷо кор нест-на дар Данғараву на дар Қӯрғонтеппа. Ин гирдиҳамоиҳо, ки аз ҳадафҳои шахсӣ нашъа мегиранд, Тоҷикистонро ба харобӣ мекашанд.

М. ДИНОРШОЕВ: Агар парламентро барҳам доданӣ бошанд, онҳое, ки дар майдони Шаҳидон нишастаанд, раванд, ташкил кунанду депутатҳоро бозхоҳанд, парламент барҳам мехӯрад. Аммо бовар дорам чунин намешавад, зеро онҳо гарчи ҳатман халқи тоҷик бошанд ҳам, ақалияти онро ташкил медиҳанд.

Аксарияти онҳое сухан гуфтанд, мегуфтанд ки мо омода ҳастем бо мулоқоти роҳбарияти митинг равем. Шукуров лукма дод: «Мо кистем, ки бо мулоқоти онҳо равем».

Сорбон дар бораи қашшоқӣ ва қиматӣ, ки боиси ба май-

дон омадани одамон шудааст гап зад. С. Кенҷаев тамасхур кард;

— Бародароне, ки дирӯз якҷоя оши ҳарифона мехӯрдем, ба имрӯз мукобили мо гап мезананд. Магар мо аз ин мардум хо нон руст кардем, нонашонро кашида гирифтем? Охир, кӯши- ш ши мо баръакс-ку. Агар воқеаҳоро нависандаву олимони са- И воддор чунин ғаразкорона шарҳ диҳанд, аз дигарҳо чӣ гила?!

Фикри он маҷлиси шӯрои зиёиён чунин буд:

— Дипломатияи халқиро барои ҳалли масъала бояд кор гирифт;

— ба воситаи матбуот ва телевизион гуфтан даркор аст, ки истеъфои қонунии парламент чи нав сурат гирифта метавонад;

— Сафаралӣ Кенҷаев дар назди митингчиён баромад кунад ва барои шакли дағалӣ муҳокима аз Навҷувонов узр хоҳад;

— Қонуни асосиро ба зудӣ Шӯрои Олӣ муҳокима ва ба чоп тавсия намояд;

— вазирони дигарро ҳам, ки гунаҳкоранд, аз кор ба зудӣ сабукдӯш кунанд;

— Ҳукумат бояд ҳукумат бошад ва қонун бояд амал кунад:

— пули Тоҷикистонро харчи зудтар баровардан лозим аст.

Вазъияти пурпечутоб масъалаи истеъфои Сафаралӣ Кенҷаевро метезонд. Барои рӯзи 10 апрел сессияи Шӯрои олӣ таъин шуд, ки бегумон мебоист бояд ду масъалаи асосӣ: муҳокимаи қонуни асосӣ ва масъалаи С. Кенҷаевро баррасӣ мекард.

Рӯзи 10 апрел депутатҳо барои сессия ҷамъ омаданд. Аммо сессия барпо нашуд. Онҳо то рӯзи 12 нигарон шуданд, зеро гуфтугӯ гӯё байни қозикалон, Ҳимматзода ва роҳбарияти ҷумҳурӣ воқеъ шуда будааст, ки баробари омадани депутатҳо майдони Шаҳидон пароканда мешавад ва он гоҳ сессия оғоз мегардад. Аммо се рӯз мунтазир шуданду майдон холӣ нашуд. Зиёда аз он ба истилоҳ як гурӯҳ ҷавонон аз майдони Шаҳидон баромада, ба назди Шӯрои Олӣ омаданд. Рӯзи 10 апрел онҳо аввал шиорҳои «Шӯрои Олӣ ба кори худ оғоз кунад!, «Сафаралӣ Кенҷаев ба истеъфо!», «Парламони бесалоҳият ба истеъфо!»-ро дар даромадгоҳи бино садо карданду сипас роҳи тролейбусгардро ишғол намуданд. Муддате баъд қозикалон онҳоро ором доштанӣ баромаду гуфт:

— Шумо медонед, худо шоҳид, ки ман Шуморо ба ин майдон даъват накардаам, худатон омадаед. Аммо дарунбудаҳо

ба ман бовар намекунанд. Мегӯянд, ки: барою он мусулмонҳоятро ҷавоб деҳ. Пас шумо мусулмон будаеду онҳо не. Ман шуморо даъват накардаам, равед гуфта ҳам наметавонам. Ихтиёр доред, хоҳед истед, хоҳед равед.

Чунин «насиҳати» қозикалон ба «мусулмонон» чӣ таъсире карданаш даркор, ҳар одам ба худӣ эҳсос мекунад, ин гапи дигар. Аммо оё ишораи «онҳо мусулмон набудаанд», гумон мекунам; шурӯи ҳамон иғвое аст, ки сипас ба«кӯлобиҳо» часпонда мешавад.

Рӯзҳои 10-11 апрел ба ҳамин минвол гузаштанд. Раёсати Шӯрои Олӣ шурӯъи сессияро ба таъхир меандохт, ба умеде, ки мухолифин ваъдаи хешро иҷро мекунанд ва майдон аз митингчиён холӣ мешавад. Аммо ин умед ва он ваъда пуч бароманд. Нияти гузаронидани сессия барбод рафт.

Неруҳои оппозиционӣ, ки худро пурзӯр ва шикастнопазир эҳсос менамуданд, дар назди ҳукумат вазифа мегузоштанд, аммо ҳеҷ кадом аз хоҳишу пешниҳоди онро қабул кардани набуданд.

Илова ба ин шавқи аҳли майдон, зӯрӣ ва худбоварӣ ба ҳадде расид, ки рӯзи 11 апрел онҳо як ду соат роҳи дарвозаи оқибӣ қасри раиси ҷумҳурро ҳам баста, амалан корхонаи давлатиро ба муҳосира гирифтанд. Ба ин ҳам касе сазовор муносибат карда натавонист: на милицияе, ки бонии ин ҳудуд ба дӯши ӯст. На генерал Раҳмонов ва тобеонаш, ки барои ҳимояи президент ташкил ёфтанду маош мегиранд ва ба ин мақсад савганд ҳам хӯрдаанд. Баъдтар овоза шуд, ки мувофиқи хоҳиши раиси ҷумҳур қозикалон роҳи оқибӣ биноро озод кардааст. «Агар ин гап рост бошад вой бар ҳоли давлату давлатдорӣ»-мегуфтанд одамон.

Рӯзи 12 апрел депутатҳо ба хона баргаштанд. Рӯзи 13 апрел раиси ҷумҳур мухтасари маърӯзаро, ки барои сессия тайёр шуда буд, ба воситаи радио чун муроҷиат ба халқ хонд. Дар ин муроҷиат ҷумлае буд, ки мардумро ба анҷоми нек умедвор мекард. Дар иртибот ба рақибон раиси ҷумҳур мегуфт, ки «ҳукумате, ки худро ҳимоя карда наметавонад, ҳаққи зист надорад».

Аммо майдони «Шаҳидон» чун пӯлод мустаҳкам буд. Онро қисме аз халқ дастгирӣ мекард: аз корхонаҳо, хоҷагиҳои зироаткор, масҷидҳо одамони алоҳида ҳазорҳо сӯм ёрӣ мерасид.

Ҳар соат одамони хайроткардаро номбар менамуданд. Аз деҳот, ба хусус аз водии Вахш ҳар рӯз одамони нав меомаданд. Агар 1-2 ҳазор аъзои доимӣ бошад, дигарҳо нав шуда меистоданд. Дар шаҳр гап-гапи ҳамин майдон буду касе он-

ро бо овози шунаво ноҳақ намеҳисобид. Аҳли «Шаҳидон» д
ақидаву ҳаракати худ устувортар мешуданду боҷасоратта
Бояд гуям, ки Раҳмон Набиев аҷаб президенте буд. Я
моҳ даромадгоҳи асосиаш пуродам, ҷои кораш пурвалва
се бор идораашро пурра муҳосира ва кормандони онро гар
гирифтанду пинакаш вайрон нашуде. «Ин хел накунед, ко
нағз не» нагуфт. Ман намедонам таърих ба ин навъ муно
бат дар оянда чи баҳо медода бошад. Ман намедонам ин м
даниятнокӣ буд, тарс буд, беҳиссӣ буд. Ҳар чӣ буд, бад бу
Ин ҷо хонандаи гиромӣ маро бояд дуруст фаҳмад: Набие
шахси наҷиб, инсони олӣ, роҳбари кордон, мушкилкушо бу
аммо муносибати вай, сабукнигоштааш ба майдон бад бу
Зеро фаромӯш гардид, ки:

Паша аз шабзиндадорӣ хуни мардум мехӯрад,
Зинҳор аз мардуми шабзиндадор андеша кун.

Ин Тоҷикистонро ба вартаи бедодӣ, беҳукуматӣ, пароканда
гӣ, хунолудагӣ наздик мебурд. Зеро чӯпон бетафовут бошад
рамаро гург мехӯрад.

Рӯзи 17 апрел дар митинги бардавоми Душанбе ба тавр
расмӣ тамоилу ҳаракати наве ба вуҷуд омад. Аз майдон
«Шаҳидон» 100-500 нафар ҷавонони ҳузарб ҷудо шуда, б
таври низомӣ саф кашидаву гом бардошта ва ҳам сурудх
маршӣ хонда, гоҳи дигаре танҳо шиорҳои инқилобӣ партоф
та, аз кӯчаҳои шаҳр, аз миёнаи роҳи асосии мошингард ро
паймуда аз будани хеш шаҳрро огоҳ мекардагӣ шуданд. Онҳ
дар назди студияи телевизион, хонаи матбуот, вокзали рох
оҳан митингчаҳо ҳам доир мекарданд. Ин гурӯҳ ҳамарӯз
2-3 соат чунин машқ мекард.

Вазъият то рафт душвор мешуд, пеши онро ҳатман гириф
тан лозим буд. Дар ҳамин ҳолат бегоҳии рӯзи 19 апрел теле
визион ва радио фармони Раиси ҷумҳурро шунавониданд.

Бояд то соати 10 рӯзи 20 апрел митингчиён майдони «Ша
ҳидон»-ро тарк кунанд. Онҳое, ки ихтиёран ин корро меку
нанд, аз ҷазои ҷиноӣ ва маъмурӣ озод карда мешаванд;

— ба роҳбарони навоҳӣ ва ташкилотҳо супорида шавад
то нисбат ба онҳое, ки дар майдон боқӣ мемонанд, чора би
нанд.

Ин фармонро мувофиқи маслиҳат бояд генерал Б. Рах
монов дар назди ҷамъомадагони майдони Шаҳидон мехонд
аммо ӯ нахонд. Дертар дар маҷлиси Шӯрои Олӣ вай икро
кард, ки барои эълон кардани фармон ман ба майдони Ша
ҳидон рафтаму аввал бо Давлати Исмон, Тоҳир Абдуҷаббор
ва Шодмон Юсуф сӯҳбат кардам, вале онҳо барои баромад

кардан рухсат надоданд. Гуфтанд, ки атрофиёни президент байни Раиси ҷумҳур ва халқ холигӣ ба вуҷуд овадаанд.

Шумо тасаввур кунед чӣ вазъияте доштем: роҳбарони созҳанд, ки фармони сардори давлатро ба халқ хонад. Аммо оно аз ҳамин манбаъ истифода бурда, телевизиони Россия онро таҳдиди Раиси ҷумҳур номид.

Бояд иқрор кард, ки ин фармони Раиси ҷумҳур асоси қувай надошт. Аслан Раиси ҷумҳур он чиро, ки гуфт, ичро карда натавонист. Ташкилотҳои маҳаллӣ ва роҳбарони корхонаҳо дар ичрояш оҷиз буданд, зеро ҳукумати марказӣ кор накунад, ҳукумати маҳаллӣ ё корхона аз ӯҳдаи ҳеҷ чиз намебарояд.

Роҳи ҳалли масъала дар даъват кардани Шӯрои Олӣ ва дар он ҳал кардани ду чиз мушоҳида мегардид: истеъфои Раиси Шӯрои Олӣ ва қабул ва ба нашр тавсия намудани лоиҳаи қонуни асосӣ. Рӯзи сессия 20 апрел ҳам таин шуд. Ақида он буд, ки Сафаралӣ Қенҷаев ба истеъфо меравад. Албатта андешаи дигаре ҳам буд: дар занҷири Раиси ҷумҳур ӯ ҳалқаи муҳимест, ки канда ё кушода шавад, занҷир пош мехӯрад. Воқеан ин ақида ғалат набуд.

Сафаралӣ Қенҷаев ҳам розӣ шуд, ки агар депутатҳо хоҳанд, майлаш ба истеъфо меравад. Аммо дилпур буд, ки онҳо намехоҳанд.

Рӯзи 17 апрел ба ман гуфтанд, ки аз Шӯрои Олӣ телефон карданд.

— Муаллим, ташвиш шавад ҳам як панҷ дақиқа омада мерафтед, — гуфт ӯ. — Мошин мефиристам.

— Не, худам дорам.

Ҳайрон будам, ки чи зарурате пайдо шудааст, ки ба хонаам телефон карданд. Ман бо Сафаралӣ Қенҷаев шиноси наздик набудам. Аввалин бор ӯро дар театри ҷавонон чанд сол пеш ҳангоми машқи кадом як спектакл дидам. Ӯ барои Ато Ҳамдаму Абдулҳофиз Қодиров мушовир буд. Сӯҳбате, ки моро бо ҳам шиносонда буд, 31 декабри соли 1990 ба амал омад, дар он вақте, ки Насибҷон Амонӣ ва Шамсиддин Насриддинов-кормандони «Сухан» ба муқобили ноадолатии Иттифоқи журналистон, ба хусус-Отахон Латифӣ ва Мирзоҳаёт Давлатов қиём ва гуруснанишинӣ эълон карданӣ буданду мо-аъзои ҳайати таҳрирро ба машварат хостанд...

Дар идораи Раиси Шӯрои Олӣ доктори илми тиб Ю. Нур-

аллиев доктори илми фалсафа Б. Исматов, номзади илми таъ-
рих О. Ғуломов нишаста буданд.

Аз сӯҳбат фаҳмидам, ки фардо намоиши телевизионӣ ме-
шудааст ду дар он олимон аз корҳои анҷомдодаи Шӯрои Олӣ
баҳс мекардаем. Камбудӣ албатта ҳаст, аммо кори хуб аз
он зиёдтар. Чунин мешуд ҷараёни сӯҳбат. Сабт пагоҳ соати
2 ва шомаш нишон медиҳанд. Олимони дигар ҳам меоянд.
Пагоҳ соати 1 боз ҳамин ҷо ҷамъ мешавем.

Ман дилам намехост дар ин сӯҳбат иштирок намоям. На
барои он, ки фаъолияти Шӯрои Олӣ ба ман маъқул набуд.
Не баръакс, ман басе иқдоми онро, махсусан муборизаи
алайҳи ҳанноти, кӯшиши таъмини доништҷӯён ба хобгоҳро
дастгирӣ мекардам. Аммо чизҳое ҳам буданд, ки ба ман маъ-
қул не.

— Агар ман ин дафъа гап назанам чӣ?— гуфтам ба Кен-
ҷаев.

— Чаро?

— Одам зиёд. Ин ҷо ғайр аз ман 5 кас. Агар ҳар кас даҳ
дақиқаӣ гап занад ҳам, вақт тамом мешавад.

— Ман ба раис гуфтам, вақт маҳдуд не.

— Дуруст. Аммо тачриба нишон медиҳад, ки намоиши те-
левизионӣ аз 40-50 дақиқа зиёд шавад, ба дили тамошобинон
мезанад, намебинанд.

— Хайр, шумо худатон гап назанеду намоишро баред. Дар
намоиш ба ғайри зикршудаҳо доцентон Асадулло Сӯфиев ва
Урбатулло Тоҳиров низ иштирок карданд.

Рости гап ман дертар хурсанд шудам, ки дар ин намоиш
будам.

Зеро олимони мӯҳтарам чунон ба шавқ омаданд, ки дар
ситоиши Раиси Шӯрои Олӣ аз бисёр тавсифҳои ғулӯъ худ-
дорӣ карда наметавонистанд ва дар бораи аҳли митинг гап-
ҳои гуногунро раво медидагӣ шуданд. Дар равандӣ сабт ман
кӯшидам ҳамин, ки тавсиф ё танқид боло рафт, шастро паст
кунам, гапро гурезонам ва ҳамчунон ёдоварӣ карда истодам,
ки аҳли майдони Шаҳидон низ ҷузъе аз халқи мо мебошад.

Ҳангоми сӯҳбат дарк карда мешуд, ки Раиси Шӯрои олӣ
нияти ба истеъфо рафтан надорад. Агар, рости гап аз рӯи
виҷдону қонун гап занем, ӯ гуноҳе надошт, ки сазояш истеъ-
фо бошад. Он чи то моҳи март, дар чаҳор моҳ кард, арзёбӣ
кунем, кори ҳубаш хело бештар аз бадаш буд. Аммо чун но-
мерафт, ба вазифаи дигар мегузашт, агар оянда президент
шуданӣ бошад, тайёрӣ медид.

Аммо баъзан дил ба кағӣ мекашад. Хато аст, албатта хато аст, аммо фикр мекунам, ки дар он рӯзҳо ҳам атрофиёни Раиси Шӯрои олӣ, ҳам роҳбарияти аҳзобу гурӯҳҳои мухолиф ва ҳам онҳоеро, ки дар интихобот бахташон омад накард, сину солии Раҳмон Набиев ба ташвишу ҳаракат меовард. Гумон мекунам фаромӯш шуда буд:

Ҳомати хамгаштаи пирон нишони марг нест,
Як камон сад тирро пинҳон андар хок кунад.

20 апрел сессияи Шӯрои Олӣ ба кори худ шурӯъ намуд. Аммо дар онРаҳмон Набиев иштирок надошт. Зеро сахт бемор буд. Баъзеҳо даъво мекунанд, овозаҳо ҳаст, ки ӯ худро ба бемории сохта задааст, то ба ин васила аз Сафаралӣ Кенҷаев «муфту бегуноҳ» халос шавад. Яъне ҳам лаъл ба даст ояду ҳам ёр наранҷад.

Дигарҳо гумон доранд ва ин фикр дар сессия ҳам изҳор шуд, ки Набиев аз ҳалли масъалаҳои муҳим худро канор кашида, айбро ба дӯши дигарон мондани мешавад. Аммо гумон мекунам ин фикрҳо ғалатанд. Ӯ воқеан бемор буду наомад ва ба ҷои ӯ Нарзулло Дӯстов маърӯза карда, авзои сиёсиро фаҳмонд. Он чи ки ӯ гуфт, он қарорҳое, ки қабул шуданд, ба ҳама маълум аст, матбуот нашр намудааст. Дар ин маврид камтар мегӯям ва чанд ҳолате, ки мушоҳидаш будам, шарҳ медиҳам. Қабл аз шарҳ додан як чизро хотирнишон кардаам. Ба назарам аз моҳи сентябри соли 1991 ба ин тараф Шӯрои Олии мо ба кӯҳе табдил ёфтааст, ки дар он садои худи не, акси садо шунида мешавад. Мо сухани худи депутатҳоро қариб, ки намешунавем: онҳо ё «наказӣ» интихобкунандагони дар майдонҳо нишастаро ичро мекунанд, ё аз худи майдонҳо бевосита намояндаҳо омада, сухан мегӯянд ё дар Шӯро роҳбарони аҳзоб ва гурӯҳҳои сиёсӣ, ки ба парламент ҳеҷ иртибот надоранд, гап мезананд. Чунин буд, дар ҳамаи сессияҳо дар тӯли як сол, ҳамин буд асоси қарорҳои пурғалати Шӯрои Олӣ дар тӯли як сол ва аз ин маҷлисе ҳам, ки 20 апрел шурӯъ шуд, истисно набуд.

Агарчи дар ин сессия дар аввал ҳамчун қувваи баробарвазн маърӯзаи асосӣ шунида ва муҳокима шуд ва ҳатто сиёҳнависи қарор дар ҳамин рӯҳия омода гардид, ба ҳар ҳол майдон, зӯри майдон кори худро кард-қароре, ки аз рӯи маърӯзаи ноиби Раиси ҷумҳур қабул шуд, мундариҷаи онро ифода намекард: дар навоқиси ҷиддие, ки дар умури сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодии Тоҷикистон мушоҳида мешуд, Раиси Дево-

ни вазирон гунаҳкор набуд. Майдон онро мехост ва ҳамин қарори сессия шуд.

Ҳамин рӯз Давлат Исмон соати 11.30 ба сухан баромад. Ӯ аз чумла гуфт, ки намояндагони майдон аз мо хоҳиш намуданд, ки миёни онҳову ҳукумат миёнрав шавем. Ва мо рӯзи якуми гирдиҳамоӣ назди Раиси ҷумҳур рафтем. Ман ба президент гуфтам, ки Шумо ду талаби гирдиҳамомадагонро қонеъ созед.

Тибқи шаҳодати Давлати Исмон Ҳизби Наҳзати Ислом сеюмин гурӯҳи сиёсӣ (баъди ҲД ва Растохез) буд, ки ба талаботи митинги «Шаҳидон» ҳамовоз шуда, ба он пайваст ва ин дар рӯзи сеюми воқеаҳо (29 март) ба амал омад. Ин митинг аз муҳокимаи генерал Навчувонов шурӯъ шуд. Қонуншиканиҳо бошад, аз эътироф нашудани ҳукумати нави Қумсангир оғоз гардиданд.

Давлати Исмон ба он ишора намуд, ки ҳангоми муҳокимаи рӯзномаи сессия масъалаи истеъфои Раиси Шӯрои олӣ ба он дохил карда нашуд. Ӯ гуфт:

— Шумо ба ин масъалае, ки овоз нагирифт, бозгардед. Зеро мардуми майдон тайёр аст, то охири ҷон бар он ҷо биистад. Оқибати ин кор нохуш аст. Оқибати ин кор ба тақсимшавии як Тоҷикистони кӯчак оварда мерасонад. Зеро 40 фоизи мардуми ҳозираи Тоҷикистон тарафдори оппозиция ҳастанд.

Дар ин ҷо барои як муддат сессияро тарк карда, ба митинги 12 марти соли 1992 бозгаштан мехоҳам. Дар он ҷо шоир Бозор Собир таъкид кард, ки тоҷикон танҳо онҳое мебошанд, ки тарафдори номзади мо овоз доданд. Яъне ҳамон фоизе, ки акнун Давлат Исмон дар сессия ба муболиға ном мегирифт.

Барои ин гурӯҳ мардум одат шуда буд: гапи онҳо хоҳ рост бошад хоҳ дурӯғ гап аст, таҳқири онҳо бояд навозиш донист та шавад, таҳдиди онҳо бояд амри воқеияти қонунӣ бошад. Биноан Давлат Исмон дар сессия меафзуд .

«Агар ба мардум воқеае шавад, шумо гунаҳкоред. Агар хоҳиши мо иҷро нашавад, аз депутатҳои оппозиция, аз намояндагони мардумӣ тақозо мешавад, ки мандатҳояшонро гузошта, ба майдони «Шаҳидон» ҳозир шаванд».

Он вақт касе ба ин чиз аҳамият надод. Афсӯс. Муҳокимаи масъалаҳо дар сессия ба ман хуш наомад, зеро нигарон будам, ҳатман ду масъала; дар бораи Раиси Шӯрои Олӣ ва ба чоп тавсия намудани лоиҳаи қонуни асосӣ арзёбӣ мешавад. Аммо якумаш ба рӯзнома надаромад ва муҳоки-

маи дуюмаш чунон шурӯъ шуд, ки эҳтимол мерафт натиҷа хилофи чашмдошт хоҳад шуд. Ман ба Давлат Давронов гуфтам, ки инро «ба С. Кенҷаев расонед, ин шакли кор ба зарари худашон меанҷомад». Гуфт, «гапи маро аз куҷо гӯш мекунанд, худатон гӯед». Қурбони Восеъ омад, ба ӯ фаҳмондам. Муродулло Шералиевро ёфта оварда. Гуфт «парво накун конституция ба чоп тавсия мешавад»...

Давлати Исмон Тоҳирро ҷеғ заду ҳарду аз толор баромаданд. Баъди 5-6 дақиқа Тоҳир баргашта касеро меҷуст. Дар дасти Тоҳир варақаи мошинкашудае буд, ки онро ба як депутати лоғарандоми қоматбаланд, шояд Акбаров дод.

Давлати Исмон Абдулло Ҳабибовро низ аз роҳ дошта, чизе гуфт. Ӯ аҳамияти ҷиддӣ надод.

Акбаров ба назди микрафон рафту аммо ин қоғазро нахонда баргашт. Давлати Исмон ба ғазаб «те инҷо» гуфта, он варақро гирифту қаҳромез ба Тоҳир чизе гуфту онро ба Сохибназаров бурда дод. Ӯ онро зери лаб хонд. Давлат Исмон Тоҳирро ҷеғ заду ҳарду аз толор берун шуданд.

Шабдолов даҳ дақиқа гап зад, натанҳо ман, худаш ҳам нафаҳмид, ки чӣ мегӯяд. Раҳмам меояд ба ваю ҳизбе, ки вай роҳбарӣ мекунад. Охири гапашро депутатҳо низ шунидан нахостанд.

Аслиддин Соҳибназаров сухан гирифт. Мехоҳам баъзе қисматҳои онро иқтибос кунам. Борҳо шуд, ки суханашро бо ғалоғула эътироз карданд. Раиси Шӯрои Олӣ луқма ҳам дод. Чунин буд қисматҳои асосии гап:

— Шумо аз 23 сентябри соли 1991 сар карда, маъракаи маҳалгироенаро авҷ додед;

— Шумо митингчиёнро таҳқир карда, исломӣ ва қаротегинӣ меномед. Онҳо намояндагони тамоми мавзеъҳои Тоҷикистонанд;

— Раиси Шӯрои Олӣ агар ваҳдатро мехоста бошад, истеъфо диҳад.

— Магар Раҳмон Набиев дар маъракаи интихоботи Раиси ҷумҳур барои ваҳдат шуда аз мансаб нарафт?

— Ин мансаби Раиси Шӯрои Олӣ ба Соҳибназаров наме-расад.

— Агар Раиси ҷумҳур ба ҳар баҳона ҳангоми муҳокима, ё аз кор гирифтани Раиси Шӯрои Олӣ, мири шаҳр, раиси ҳукумат иштирок накунад, агар надонад, ки чаро меҳмони олиқадр аз майдони ҳавоӣ пас гардонда шуд, ӯ чӣ касест!

— Рости гап Раҳмон Набиев хело кам дӯст дорад.

— Набиев дар вазифааш кор кардан гираду С. Кенҷаев

равад, вахдат пайдо мешавад. Сафаралӣ Кенҷаев агар аз мансаб наравад, Тоҷикистонро пора мекунад.

Кеҷаев чизе гуфт; ба микрафон не, сӯи Аслиддин Сохиб назаров ки ман нашунидам. Аммо ҷавоби ӯ равшан буд:

— Ман маҳалчигиро ташкил накардаам, акнун ташкил мекунам.

Аслиддин нишастанӣ мешавад. Давлат Исмон аз толор:

— Акаи Соҳибназаров ҳамонро бихон.

Соҳибназаров як-ду сония боз меистад, сонӣ даст афшонда менишинад. Давлат Исмон дар толор норозӣ гаштугузор мекунад.

Арзёбии масъалаи аввал, яъне маърӯзаи Н. Дӯстов оид ба вазъи сиёсӣ ба охир меояд. Депутат Зиннатшоев лоиҳаеро ки гурӯҳи ӯ тайёр кард, мехонад ва дар он асосан се таклифи зер аст:

1. Ба митингҳо маратория эълон карда шавад:

2. Аз комиҷроияи шаҳр талаб карда шавад, ки тартибу низомро дар шаҳр таъмин намояд.

3. Салоҳияти Раиси ҷумҳур зиёд шавад.

Депутат А. Тураҷонзода ва Т. Абдуҷабборов саволҳое медиҳанд, ки моҳиятан эътирози зидди қарорҳои лоиҳа мебошанд Зинатшоев ба Тоҳир ҷавоб медиҳад:

— Ман дар танаффус ба Шумо фаҳмондам. Ман як кас будам, чи кор карда метавонистам?

Саволу ҷавоб ва табодули андешаҳо хеле идома ёфтанд. Ба лоиҳа боз ду бандро илова карданӣ шуданд:

— митинги майдони Шаҳидон ғайриқонунӣ эълон карда шавад;

— ба прокурори генералӣ супорида шавад, ки нисбат ба ташкилотчиёнаш чораи шадид бинад.

Давлат Исмон муяссар шуд, ки он варақаро худаш хонад. Вай аз номи аҳли Шаҳидон буд. Ба депутатҳо гӯшзад мекарданд, ки ин корашон, бемасъулиятиашон ба хунрезӣ расонида метавонад. Ӯ мӯҳлат дод, ки то соати 11 рӯзи дигар С. Кенҷаевро ба истеъфо фиристанд. Вагарна ба оқибати кор С. Кенҷаев ва вакилони халқ масъуланд.

Раиси маҷлис ва депутатҳо худи ӯро гунаҳкор карданд. Давлат Исмон ва Шодмон Юсуф бо қаҳру ғазаб ва хотирпарешонӣ толорро тарк карданд.

Дар суханронии Қадриддин Аслонов низ нуқтаҳои ҷолиб бисёр буданд. Бисёриҳо бар он фикранд, ки ин котиби якуми қолае буд), Раиси Шӯрои олӣ, ки «кӯлохи Мономах» ё тоҷӣ

шоҳӣ дар сараш наистод, аслан яке аз ташкилотчиёни моҷаро буда, кӯшиш мекунад, ки худро чун коргардон пушти парда нигоҳ дорад, аммо ҳамин ки сухан гирифт, парда аз рӯяш меафтад. Ман намедонам ӯ роҳбари якум буда метавонад ё не, аммо ба он фикрам, ки ба идораи соҳае қодир аст. Ва ӯ мегуфт:

— Митинги аввал президент Маҳкамовро ба истеъфо маҷбур кард.

— Митинги коммунистон (23 сентябри соли 1991) сарсухани Вазъияти нохуби сиёсии Тоҷикистонро он ба амал овард.

— Ташабускори ҳамаи ин митингҳо Сафаралӣ Кенҷаев буд. Ман моҳи сентябр ба иштибоҳ афтода, дар бораи Раҳмон Набиев суханҳои нодуруст гуфтам. Он кас ягон гуноҳ надоштанд. Ин ҳама дасисаи Сафаралӣ Кенҷаев будааст.

— Вай бояд ҳатман ба истеъфо равад. Барои як кайк шуда пӯстинро насӯзонем.

— Сафаралӣ Кенҷаев, то шумо истеъфо надиҳед, ман сад дар сад медонам, ки Шумо ин корро намекунед, оромӣ намешавад.

— Бинобар ин аз депутатҳои мӯҳтарам илтимос мекунам, ки ӯро аз кор холӣ кунанд.

— Сафаралӣ Кенҷаев, шумо дигар ҳақ надоред ба арсаи сиёсат баргардед. Гумон аст, ки Шумо депутат шавед. Ман кафолат медиҳам, ки шумо депутат намешавед.

Мегӯянд, ҳангоми суханронӣ, агар Аслонов қаҳролуд шавад, чашмонаш танг шуда рӯяш тобише пайдо мекунад ва андоми ғазаболудаи вай нафраташро нисбат ба шахс, мавзуъ ва воқеае, ки перомунаш баҳс дорад, ифода менамояд.

Дар маҷлиси рӯзи 20 апрел аз ҳамаи ин гапҳо сарфи назар изҳороти Соҳибназаров «акнун маҳалчигӣ мекунам» басе ҷолиб буд. Аз ин пештар дар рӯзномаи навташкили Нур Табаров изҳороти тақрибан ба ин шабеҳи Бозор Собир нашр шуд. Ба ин чизҳо аҳамият надодан, онҳоро сарфи назар кардан нашояд, зеро гӯяндаи онҳо одамони кӯчагӣ не, шахсиятҳои шинохтаи фарҳангӣ ва ҷамъиятӣ буданд. Соҳибназаров аз ин баъд дар хусуси маҳалчигии намояндагони шимол қариб дар ҳар баромадаш гап мезад. Дар хусуси поймол шудани кӯҳистониҳо сухан меронд.

Ман аз эҳтиромкунандагони Соҳибназаров будам. Зеро дар назар мерасид, ки ӯ ҳақиқатро мехохад. Аз ростӣ ман дар он маврид ҳам, чи хуҷандихоро ӯ ҳамчун ғосибони давлат ишора мекунад, гумон мекардам ҳақталошӣ дорад. Аммо эҳ-

сос намудам, ки гап дигару амал дигар будааст. Ӯ мукобили маҳалгарой шиор андохта, бо дастгирии бачаи кӯҳистон, ки ба иқтидор расидааст, даъват мекард, шири сафеди модарро хор карда, вазифа мегирифт. Хайр ин гап ҷои дигар, вақти дигар ва шояд китоби дигар.

Рӯзи 21 апрел дар ҷаласаи Шӯрои Олӣ бо ташаббуси С. Кенҷаев масъалаи истеъфояш ба муҳокима гузошта шуд. Аммо Шӯрои Олӣ зидди истеъфо раъй дод. Ҳамон рӯз соати 18 гурӯҳе аз майдони Шаҳидон ба бинои Шӯрои Олӣ омада, чанд депутатро (аввал гуфтанд 12-13, сонӣ 18) гарав гирифта бурданд. Дар байни онҳо Додобоев А, Хӯҷаназаров И,Мирзобадалов ва муовини девони вазирон Ҳ. Саидмуродов буданд.

Мегӯянд: агар ҳамон рӯз қозикалон худро дами дарвоза танба карда, пеши роҳи онҳоро намегирифт, даромада бисёриҳоро азоб медоданд;

Мегӯянд ба депутат А. Раҳмонова дар пушти бинои Шӯрои Олӣ чанд ҷавон ҳамла оварданду ӯ ба як азоб худро ба мошинааш расонда, гурехтааст.

Гаравгонҳо чӣ шуданд? Аниқашро ҳеҷ кас намедонад. Аммо рӯзи дигар Додобоев аз мандати депутатӣ даст кашид. Саидмуродов гӯё то чошт дигар гап гуфтаанду баъди чошт «моро озор надодаанд, беҳурматӣ накардаанд, як шаб меҳмонашон шудем» гуфтаанд.

Шунидам, ки дарди дили Хӯҷаназаров хурӯҷ кардааст, аммо то омадани духтур ақаллан намондаанд, ки бишинад.

Субҳи рӯзи 22 апрел дар назди идораи комиҷроияи шаҳр дидам ки 15-20 нафаре бо низом мераванду пеш-пеши онҳо А. Додобоеву Т. Абдуҷаббор. Ман ҳанӯз аз гаравгириҳо бехабар будам, аз ин иттифоқи «мушу гурба» тааҷҷубб кардам. Ин вақт Бобоҳакимро дидам.

— Шунидед, ҳозир радио изҳороти Сафаралӣ Кенҷаевро дар хусуси истеъфояш шунавонд.

Гашта ба оқиб нигаристам, А. Додобоев ба асире мемонд, ки ӯро аз байни мардум пешандоз карда мебаранд. Имрӯз бегоҳӣ ТВ сухани ӯро мешунавонд: ман ба ин депутатҳо як ҷо будан намехоҳам.

Дертар дар хусуси воқеаи шаби 21 ба 22 апрели 1992 бисёр гуфтанду ҳатто навиштанд. Яке аз он нақлҳо ин аст, ки роҳбарияти майдони Шаҳидон ними шаб Ҳ. Саидмуродовро пешандоз карда, хонаи Р. Набиеви касал мебаранд ва ризоияти ӯро ба истеъфои С. Кенҷаев ҳосил мекунанд. Воқеан, Саидмуродову депутат Қ. Тӯраев барои пуштибонии депутатҳои гаравгонӣ худашон ба майдон омадаанд.

Сафарали Кенҷаеву Нарзулло Дӯстов дар идораи муовини Раиси ҷумҳур тамоми шаб роҳи ҳалли моҷароро ҷустанд. Чи бояд кард, к вакилони ба ҷанги ҷоҳталабон гирифторгардида беосеб наҷот дода шаванд ва ниҳоят соати 4-и субҳ Кенҷаев шарти майдонро пазируфта, ба протоколи истеъфо имзо намудааст. Ҳамчунон тазоҳуротчиён аҳд кардаанд, ки то рӯзи 24 апрел майдони Шаҳидон ҳам пурра холӣ мешавад.

Шӯрои Олӣ рӯзи 22 апрел ҳамаи инро қонунӣ кард. Онҳое, ки шиори демократӣ ба забон доштанду ҳарифони худро ба зӯргӯӣ муттаҳам мекарданд, бо роҳи гӯшношунид мақсади худро ҳосил намуданд А. Искандаров иҷрокунандаи вазифаи Раиси Шӯрои олӣ таъин шуд.

Дар ҳамин маҷлиси Шӯро доманафшониву абрӯпаронии қозикалон, ки надонам чаро онро режиссёри телевизион хело бохавсалае нишон дод пирӯзии томи ӯ ва пайравонашро ифода мекард. Ӯ ҳатто ба Акбаршо Искандаров маҷоли идораи ҷаласаро намедод. Ғашовар буд ин аъмол. Ҷавон буд қозӣ ва хурсандиашро пинҳон дошта наметавонисту ба ин минвол ифода мекард. Ғофил аз он, ки ба деги хашми рақибони худ ҳезум мерезад.

Рӯзи 23 апрел майдон холӣ нашуд. Баръакс тантана ва шодӣ дошт аз шикасти Набиев, истеъфои Кенҷаев ва пирӯзии худ. Тавре нигарон шудан даркор буд, он рӯз аҳли майдон гурӯҳеро ҷудо карда бо шиорҳои нав ба майдони назди прократура фиристоданд. Онҳо истеъфои Н. Ҳувайдуллов ва аз маҳбас озод шудани М. Икромовро мехостанд. Воқеан, ин ду ном акнун доимӣ паи ҳам меомад, аввалинро нафрат ва дуввумиро сифат мекарданд ва ин чор моҳ давом карду якбора ин номҳо аз ҳам ҷудо шуданд.

Ҳукумат шартҳоро иҷро кард, халқ холӣ шуданӣ майдонро нигарон буд, зеро ҳама чиз ба дил зад, мардум мондаву дилгир шуд. Аммо гуфтанд, рӯзи 24 апрел намози ҷумъаро дар майдон мехонанд, гов мекушанду фотиҳа мегиранд ва ҳама пароканда мешаванд. Ин хилофи шартнома буд, зеро майдон то 24 апрел бояд озод шавад. Аммо чи илоҷ расм нашудааст, ки ғолибонро маҳкум кунанд.

Дар шаҳр овозаҳои гуногун пайдо мешуданд. Аз ҷумла гап-гап, ки ин қарори зери фишор ва базӯрӣ қабулшуда, таҳқири депутатҳо халқро ба шӯр овардаву онҳо бархостаниянд.

Саҳарии офтобии рӯзи 24 апрел, рӯзи мубораки ҷумъа майдони Шаҳидон асосан холӣ буд. Асосан барои он ки дусе хайма ва чанд касе канори роҳи Исмоили Сомонӣ мунта-

зири мошин буданд. Боқӣ ҳама ҷо озода. Шаб аз соати 18.00 холӣ кардани майдон оғоз ёфтааст.

Гумон мекунам, он рӯз ҳама хурсанд буд, зеро пас аз расо як моҳ майдон холӣ шуду акнун аҷаб не, мардум осудаву бе-ғам кору зиндагӣ карда тавонанд. Акнун ҳамагуна таҳқир, хо-риҳо ва душвориҳо бояд хотима ёбанд.

Аз ҷумла Давлат Давронов фаромӯш кунад, ки ӯро чи хел ҷавонон ба хайма оварданду Абдунабӣ Сатторов нашинохт. Хайрият Раҳим Мусулмонқулов шинохтагӣ барин карду бо хориву зорӣ бошад ҳам, аз ҷанг раҳоӣ ёфт.

Ниёзбадал Мирзоев бояд фаромӯш кунад, ки барои акаи бемори гаравафтидааш — депутат Мирзобадалов чӣ хориҳо кашиду муаллимони майдоннишину майдонсози Донишгоҳ, ки он ҷо буданд, изҳор карданд, ки дар кӯмак оҷизанд.

Бояд ҳамаи ин гуна чизҳо фаромӯш шаванд, агар оромиву осоишро мехоҳем. Вагарна он намешавад. Ҳар кадом ҳаракати бечо боз ба низои саҳттар мекашад.

Дуруст аст, ки дар ин шабу рӯз онҳое, ки аз пушти дигарон ном мегиранду нон мехӯранд, қадаммонии худро дигар кардаанд. Аммо инро оянда ҳукумату муҳит бояд ҳал мекард, бо осудагӣ, маслиҳат ва аз рӯи қонун, на бо роҳи дигар.

Мардум бояд ҳама чизро барои осудагии ҳамдигар бахшад, аммо амали Ҳ. Саидмуродовро гумон мекунам на ҳар кас фаромӯш мекунад. Ӯ аслан мебоист чун мар-ди ориф, ҳомии ҳақиқат шамшер дар гулӯ рост мегуфт ва ба ин васила пеши роҳи марги ҳазорон одамон, пиру ҷавону тифл, зану мард, тоҷику ӯзбеку рус, сари роҳи хонавайронии тоҷиконро мегирифт. Аммо чунин накард, Ӯ дар ҷаласаи Шӯ-рои Олӣ ҳақиқати гаравгонии депутатҳоро нагуфт. Дар на-тиҷа ба ин шакли қонуншиканӣ ва ҳуқуқпоймолкунии гӯш-ношунид, баҳои сазовор дода нашуд, балки баръакс ҷиноятро рӯпуш карданд, яъне «моро меҳмондорӣ карданд». Лиҳозо ташабускорони ин амал сиҳату саломат ва озод монданд, ку-вват гирифтанд, шубҳаашон барҳам хӯрд, имонашон ба ду-рустӣ ва бехатарии роҳи интихобкардаашон қавӣ шуд. Дар оянда акнун онҳо ба ҳар иқдоми дигар даст зада метавонис-танд, зеро аввали ҳар кор, санҷиши ҳар кор душвор аст, он тарафаш ҳеҷ гап не.

Чаро маҳз Ҳ. Саидмуродовро набахшанду дигаронро бу-аст, ки профессор Ҳ. Саидмуродов аз шахсиятҳои баруманди даи ӯ худро бовар кунонда метавонистанд, ки ҳар каси ди-

гарро ҳам барои ифодаи мароми худ истифода карда метавонанд. Ва чунин ҳам шуд.

Чунин аст гардандаи кажпушт
Чу нармӣ намудӣ биёбӣ дурушт.

Шаби 24 ба 25 апрел аз тӯе бармегаштаму дидам, ки қадҳо сипардевор шудааст. Дар назди бинои Раиси ҷумҳур бо милисаи автобусҳои пуродами тамғаи Кӯлобро дидам, ки нав омаданду меомаданд. Дилам таҳ кашид. Он лаҳзаҳо мехостам фаромада зорию тавалло кунам, ки падару модарон, хоҳару бародарон. Илтимос баргардед. Шаҳр нав ором шуд. Аммо ман кӣ будам? Ба кӣ мегуфтам? Гапи маро кӣ мешунид? Чи илоҷ, ки ҳатто Фирдавсӣ эътироф намудааст:

Чунин аст расми сарои фиреб,
Гаҳе бар фарозу гаҳе бар нишеб
Чунин буд то буд гардонсипеҳр,
Гаҳе ҷанг захр асту гаҳ нӯшу меҳр.
Якеро барорӣ ба чархи баланд,
Якеро кунӣ хору зору нажанд.
Якеро зи тахти каӣ дар кашанд.
Якеро зихоки сияҳ бар қашанд.
Якеро зи моҳ андар орӣ ба чоҳ
Якеро зи чоҳ орӣ бар сӯи моҳ
Якеро барориву шоҳӣ диҳӣ
Якеро бо дарё ба моҳӣ диҳӣ,
На ба он-т меҳру на ба ин-т кин,
Ки беҳдон тӯӣ, эй ҷаҳонофарин.

Пагоҳӣ шунидам, ки гӯё шаб Сафаралӣ Кенҷаев, ки ба вазифаи раиси Кумитаи амнияти миллӣ таъин шуда буд, чун фаҳмидааст, ки мардум бо пуштбонии ӯ расдаанд, миннатдорӣ намудааст, ва илтимос кардааст, ки баргарданд. Аммо онҳо нахостаанд:

— Мо то адолатро барқарор накунем, барнамегардем. Аз дарки ин ҳол шод шудам, ки хайрият милиция ин дафъа нагузошт, ки боз назди қасри Раиси ҷумҳур банд шавад. Аммо ба он ҷо расида, ҳайрон шудам: ҷои милицияро боз ҳамон одамоне ишғол намудаанд, ки ду рӯз пеш ин ҷо буданд. Акнун дар ду майдони марказии Душанбе митинг шуруъ шуд.

Мегуфтанд, ки рӯзи 25 апрел дар назди кохи Борбад ҳам як гурӯҳ одамон ҷамъ омаданд.

Овозаҳои гуногун пайдо шуданд:

— Гӯё қозикалон дар назди ҷамъомадагони майдони Шаҳидон ба сухан баромада гуфтааст, ки дар он майдон истеъфои маро талаб доранд. Ман вақте ба истеъфо меравам, ки шумо талаб кунед.

— Соҳибназаров ва Абдуҷабборов дар майдони Шаҳидон баромад карда, зикр кардаанд, ки ташкилотчиёни он митинг ҳукумат ва ҳизби коммунист мебошанд.

— Аз Панҷакенту Зафаробод тавассути Самарқанд бо дастгирии ҳукумати собиқ махсусан Сафаралӣ Кенҷаев гурӯҳи калони одамон омада истода будаанд.

— Аз нӯҳияи Айнӣ тақрибан 4 ҳазор кас тавассути Анзоб омада истода будаанд.

— Аз Хуҷанд 10 тайёра ихтиёриён меомадаанд.

Чунин буданд овозаҳо. Ман намедонам ин овозаҳо ба чи ҳад ростӣ ба чӣ ҳад дурӯғ буданд. Аммо яқин доштам, ки дар онҳо аз як тараф орзӯи одамон, аз тарафи дигар ғарази онҳо ифода меёфт. Баъзеҳо инро барои ҳимояи одамоне, ки ғайриқонунӣ, бо зӯрӣ аз вазифа сабукдӯш шуда буданд, мегуфтанду дигарҳо барои ба маҳалчигӣ гунаҳкор кардани онҳо. Вақеан намедонам, ҳақиқати овозаҳо чи буд, аммо моҳи июн як нафар интернационалист гуфт, ки якҳафта нигарони фармон будем, то моро иҷозати ба кӯмаки майдони Озодӣ рафтан диҳанд.

Майдони «Озодӣ» созмондодаи давлат мегуфтанд. Ҳаттӣ аз диди аввал таблиғ будани ин ақида ошкор мешуд. Рӯзҳои аввал барои наттоқони он ҳатто баландгӯяк набуд. Ҳанӯз рӯзи 25 апрел Р. Набиев бо Тӯраҷонзодаву роҳбарони майдони «Озодӣ» гуфтушунидро сар кард.

Вазъияти майдонҳо хеле пуршиддат буд. Дар майдони «Шаҳидон» монанди пештара тазъиқи танзимшуда шурӯъ шуд: Шеър мехонданд, таронаи инқилобӣ месуруданд, баёнияҳо гуфта мешуданд, шиорҳо меандохтанд, сурае аз қуръони маҷид тиловат, аҳли майдони «Озодӣ» ба кофириву хушдастаҷамъиву муташаккилона замину замон меларзид. Аз овози навоҳӣ дар мошинҳо одамон меомаданд. Майдон пур, хаймаҳо аз нав пайдо мешуданд. Эълони ёрии муассисаҳову масҷидҳо дар авҷ буд.

Дар майдони «Озодӣ» муташаккилият камтар буд. Мегуфтанд Сангак ном шахсе, ки 20 соли умраш дар маҳбас

гузаштааст, Рустами Абдураҳим— Раиси Раёсати маданияти Кӯлоб, Абдулло Очилов ва Мирзо Самиев ба штаб роҳбарӣ мекарданд. Роҳбари маънавӣ қозии Кӯлоб мулло Ҳайдар Шарифзода буд. Аммо барои аҳли Душанбе ин номҳо ҳанӯз нав ва шарҳҳояш нофаҳмо буданд.

Дар ин майдон ҳам одам бусёр буд, мегуфтанд боз дар кинотеатри Ҷомиву вазоратхона низ одамон ҳастанд. Дар ин майдон аз чорраҳаи хонаи матбуот сар карда, то хонаи радио хаймаҳо заданд. Дар ин майдон ҳам нутқ мекарданд, шеър мехонданд, аз қуръони карим тиловат менамуданд. Дар ин майдон ҳам шиор мепартофтанд онро дастгирӣ карда, шӯру садо менамуданд. Аммо инҳо чандон танзимшуда набуданд, «авом» буданд инҳо, агар бо «ашрофони Шаҳидон» муқоиса шавад. «Озодӣ» бекор кардани қарорҳои ҷаласаи шӯрои охир, барқарор намудани Сафаралӣ Кенҷаевро дар вазифа, сабукдӯш кардани Тӯраҷонзодаро аз вазифаи қозикалонӣ талаб мекард.

Ба ин майдон ҳам одамон мепайвастанд: аз Ёвон, Зафаробод, Вахш Хуҷанд, Исфара, дар ин майдон ҳам мехонданд: кӣ одам ё ташкилот чӣ қадар кӯмак кард. Пайдо шудани митинги майдони «Озодӣ» як чизи ниҳоят муҳимро исбот мекунад

Дар ҳар ду майдон ҷавонҳои ғаюр, ки шояд дирӯз дар як ҷо мехонданд, мезистанд, кор мекарданд ба ҳам теғи назар мекашиданд.

Воқеан ин зуҳури мухолифати ақидаҳо буд. Ҷамъомадагони майдони «Шаҳидон» ақидаи Ҳизби наҳзати Ислом, қозиёт, Лаъли Бадахшон, ҲДТ ва Растохезро ифода менамуданд, андешаи қонунпарастӣ ва ҳимояи ҳукумати онрӯза дар майдони Озодӣ ҳимоя мешуд. Ин майдон ҳизби роҳнамо надошт.

Яъне на ҳама ақидаеро дастгирӣ мекарданд, ки дар минбари майдони «Шаҳидон» ифода меёфт. Халқ, агар ин мафҳумро ба аҳолии қарьяҳо, ба деҳқону коргар, аниқтараш ба мардуми бевазифаи роҳбарии ҳукуматӣ мансуб додан мумкин бошад, тавре, ки ин ошкор мегардид, ҳама ҳамфикри шаҳидониҳо набуд. Қисми асосии он ба таври дигар меандешид-қонунро риоя кардан, оини давлатдориро эҳтиром намудан мехост.

Ҳизби коммунисти Тоҷикистон мухолифи ҳардуи майдон буд. Даъвогароне, ки ҳизби коммунисти Тоҷикистонро муассиси майдони «Озодӣ» медонанд, аслан далеле надоранд. Дарвоқеъ зиёда аз он Мирзошоев бисёр кӯшидааст, ки ози-

мони Душанберавро аз роҳ гардонад, аммо натавонистааст. Мухбири «Ҷумҳурият» Нозир Ёдгорӣ навишта буд, ки «Ман ба тамоми вилояти Кӯлоб кафолат намедиҳам, аммо аҳолии ноҳияи Восеъ ба митинг ба таври зеҳнӣ ҷамъ шудаанд». Он чи дертар ТВ мардумӣ ҳамчун иштироки коммунистон дар майдони «Озодӣ» нишон дод, баёнияи якумимаии Шабдолов буд. Воқеан сухан аз он буд, ки ҳардуи майдон ҷавонони ғаюри нооромдошт. Онҳо сӯи якдигар назари тез меандохтанд. Мегӯянд, ҳатто аз назди вазорати саноати сабук ҷавонони «Шаҳидон» саф кашида, сӯи майдони худ мерафтанд. Ин буд, ки дар қад-қади кӯчаи Коммунистӣ кӯчаи Рӯдакиро аз ду тараф бо девори милиция бастанд, то рафтуомад нашавад. Дар наздикии бари «Шарқ» гурӯҳи ҷавонон ҳамчун рамзи эътироз ба майдоншиниҳо хайма зада гуруснанишинӣ оғоз карданд.

Вазъи одамони коррав душвор гардид. Агар пештар роҳи мошин аз чорраҳаи назди меҳмонхонаи «Тоҷикистон» то хонаи маорифи сиёсӣ банд бошад, акнун аз хонаи маорифи сиёсӣ то хонаи матбуот. Ин раҳро ё пиёда тай кардан лозим буд, ё бо воситаи мошинҳои маршруттағйирдода.

Душвории нақлиёт барои аҳолии Душанбе басо сахт мерасид, аммо кашидагӣ ва пурхатарии вазъият боз ҳам душвортар. Гумон мекунам, вақте дар Тоҷикистон оромӣ фаро расид, боз солҳои дароз зарур мешаванд, то асаб орому табобат ёбад.

Рӯзи 12 апрел овоза шуд, ки дар варзишгоҳи «Спартак» ҷавонон ҷамъ омадаанд ва онҳо мухолифони ҳардуи майдон будаанд. Ҷавононишаҳр баъд дар майдони Айнӣ ҷамъ омаданд ва агар хато накунам, аз дуюми май роҳи кӯчаи Айнӣ ҳам асосан баста шуд. Чарҳҳои ду-се троллейбусро шикофта, роҳро банд карданд. Чанд фурӯшгоҳҳои тобистониро низ ба ин ҷо оварда, ба ҳукумат мӯҳлат доданд, ки майдонҳоро пароканда намоянд.

Истилоҳи «ҷавонони шаҳр» ҳамон вақт ва ҳамин хел пайдо шуд. Бисёриҳо мехостанд ҷавонони шаҳрро ҳамчун як нерӯи нав, ҳамчун қувваи сеюм, майдони сеюм шиносонанд. Аммо вай хело дағал пардоз дода шуда буд. Дар ҳар амалаш, суханаш, шиораш майдони «Шаҳидон» ана ман гуфта меистод. Ҷавонони шаҳр он гурӯҳе, ки охири апрел аз «Шаҳидон» ҷудо шуду баъдтар то охири соли 1992 аслан ҳокиммиршаби Душанбе буд, гурӯҳи мусаллаҳшуда-зарбазани майдони «Шаҳидон» ба ҳисоб мерафт. Воқеан назариётчиёни он майдон хуб андешиданд, ки бо таъсис кардани ин гурӯҳ та-

рафи экстремистии фаъолияти худро қувват медиҳанд, эътибори худро бо «дастгирии» шаҳриён мустаҳкамтар менамоянд, майдони «Озодӣ»-ро ба муҳосира мегиранд, муваффақиятҳои худро таҳким мебахшанд ва аз ҳама асосӣ дар номадии кор ба чизе масъул намешаванд—ҷавонони шаҳр аҳли майдони «Шаҳидон нестанд.

Рӯзе муаллим Асрорӣ хело ошуфта ба кор омада воқеаи як рӯз пешро, ки дар майдони 800-солагии Москва, дар пеши хонаашон шудааст, нақл карданд. Он рӯз дар он ҷо ҷавонони шаҳр ҷамъ омада буданду митинг мекарданд ва майдони «Озодиро» дашном медоданд. Русмарде аз профессор Асрорӣ мепурсад, ки «инҳо чӣ мегӯянд? Асрорӣ қисман тарҷима мекунанд.

Ҷавоне, ки дуртар меистоду ало-ало нигоҳ мекард, баъди рафтани ӯ назди Асрорӣ омада:

— Ӯй пиракӣ, чи ташвиқ мекунӣ,— гӯён таҳдид ва таҳқир мекунад.

Асрорӣ ҳайрон, асабӣ ва ноором мешавад. Ҷавон: «Сухан дошта бошӣ, баро аз минбар гӯй» гӯён ӯро он сӯ тела медиҳад.

— Ман чизи гуфтанӣ надорам чи мехоҳӣ аз ман,— гуфта худро аз ӯ дур мекашад ва майёри милицияро, ки нозири маҳаллаи онҳост дида хурсандона сӯи ӯ қадам мезанд. Милиция худро ба нодонӣ зада мегурезад. Он ҷавон ва рафиқонаш аз он ки ин мӯйсафед дар байни садҳо одам танҳо ва бепарастор монд, илҳом гирифта, ӯро озордиҳон сӯи микрофон, дар ҳақиқат, пушти театри Айнӣ кашола мекунад. Асрорӣ аз тарсу алам баланд овоз мебарорад.

Шумо аз ман чи мехоҳед. Ин ҷо одаме ҳаст ё не!

Ногоҳ яке аз наттоқони митинг низ устоди Донишгоҳ инро дида, микрофонро монда, бо ҳамроҳи ду-се кас ин ҷо меоянд. Ҷавонҳо нопадид мешаванд.

— Чӣ шуд устод?

— Эҳ бар падари митингатон ҳам лаънату демократиятон ҳам,— профессор Асрорӣ аз ғазаб худро дошта натавонистаанд, хориашон омадааст.

Вазъияти охири апрел— аввали май дар Душанбе бисёр бад буд. Дар он шабу рӯз хатари оташгирии ҷанг боло мерафт. Гумон мекунам ҳукумат чанд бор кӯшид, аммо натавонист ризоияти Руссияро барои истифодаи артишаш ҳосил намояд. Агар ба ин муваффақ мешуд, шояд фоҷеаи ояндаро пешгирӣ кардан муяссар мегардид. Аммо шояд Россия аслан ба ин чиз ҳавасмандӣ надошт, ё дар он лаҳза ба чигунагии

вазъият сарфаҳм намерафт, ё ба он суханон, ки аҳли майдони «Озодӣ» диктатураи коммунистиро барқарор карданист, бовар дошт, ки кӯмак накард. Дар натиҷа дар вазъяти ниҳоят тезутунд дуюми май сессияи дигари Шӯрои Олии Тоҷикистон ба кор шурӯъ намуд. Ин сессия ҳам зери таъзиқ кор мекард, албатта ин дафъа зери таъзиқи майдони «Озодӣ» одамони дигар, мафкураи дигар. Дар ин сессия низ аз депутатҳо дида, зиёдтар берунаҳо, роҳбарони митинги «Озодӣ» гап мезаданд. Ин сессия ҳамаи қарорҳои он сессияро бекор кард ва Сафаралӣ Кенҷаевро дар вазифааш барқарор намуд.

Ин корҳо набояд мешуданд. Сафаралӣ Кенҷаев ҳам дар ёддоштҳояш гуфтааст, ки худи ӯ ҳам инро намехост. Гумон мекунам, сессия бояд масъалаи интихоби раиси Шӯрои Олиро ба вақти дигар мегузошт.

Аммо шуд он чизе, ки набояд мешуд.

Дар аввалҳои моҳи май тахдиди «Шаҳидон» ва «ҷавононя шаҳр» ба майдони «Озодӣ» зиёдтар гардид. Диққат кунем онҳо чиҳо мегуфтанд:

«Ҳоло дар майдонҳои Душанбе танҳо кӯҳистониҳо ҷамъ шудаанд ва ҳукумат метавонад онҳоро ба муқобили ҳамдигар биангезад. Дар майдони «Озодӣ» кӯлобиҳо Кенҷаев, Набиев, Сайфуллоевро дастгирӣ мекунанд. Онҳо ба кӯлобиҳо ҳеҷ алоқа надоранд... Набиев, барои он ки кӯҳистониҳоро ба муқобили кӯҳистониҳо хезонд, бояд ҷавоб диҳад. Имрӯз мо як масъала дорем-истеъфои Набиев. Раҳмон Набиевро бояд мо аз Тоҷикистон биронем».

Ва дигар баёнияҳои шабеҳи ин маҳалгироёна, иғвоангезона.

30 апрел бинои Раиси ҷумҳур муҳосира ва кормандони он ҷо буда гаравгон гирифта шуданд. Ҷавонони машқдидаи сафкашида гоҳ дар назди вокзал, гоҳ дар назди майдонҳои Айниву 800-солагии Москва, гоҳ дар ТВ марши гузар ва митинг мекарданд. Хатари ҷанг меафзуд. Рӯзи 3 ё 4 май бо фармони Раиси ҷумҳур гвардияи миллӣ таъсис шуд, ки ба он асосан аҳли майдони «Озодӣ» дохил шуданд. Ба онҳо ярок дода шуд: 1700 автомат, Соҳибсилоҳон, ба гуфти ахбори расмӣ ҷавонони ҷангдида буданд ва онҳо имзо карда, ярок гирифтанд. Вазъият хело шиддатнок гардид.

Рӯзи панҷуми майро соат ба соат гуфтан лозим меояд. Пагоҳирӯзи вазъият дар бинои Шӯрои Олӣ хеле пурпечутоб, хеле нотинҷ ва номуайян буд. На сессия мерафту на кори он қатъ шуда буд. Ҷавонони мусаллаҳ низ бетоқатона гаштугу

зор мекарданд. Зеро пештар аз онҳо майдони «Шаҳидон» муаллаҳ шуда будааст.

Дар чунин шароит Раиси ҷумҳур генералҳои худро барои машварат хоста, роҳи ҳалли масъаларо ҷустуҷӯ мекард. Роҳи сулҳро мекофт.

Вақти чошт дар назди бинои вазорати маориф митинги дигаре ҳам ибтидо ёфт ва иштирокчиёнаш— донишҷӯён талаб доштанд: чун вазъият пурпечутоб аст, дарсҳо хобонда ва таътил эълон карда шавад. Хатмкунандагон мехостанд бе имтиҳон диплом гиранд.

Соати 15 онҳое, ки дар майдони Айнӣ ҷамъ омада буданд, яъне ҷавононии шаҳр нишемангоҳи худро ба кӯчаи Бехзод, пуштии дарвозаи телевизион кӯчонданд. Митинги онҳо дар он ҷо шурӯъ гардид.

Телевизион бегоҳӣ дар вақти муқаррарӣ ба кор шурӯъ намуд, аммо баъди ахбору мусоҳибае намоиш қатъ шуд. Қариб ду соат сетка холӣ буд. Соатҳои 21 дар пардаи телевизион Аҳмадшоҳ Комилов ва Темур Қиличев намоён шуданд. Маълум гардид, ки митинге, ки имрӯз дар даромадгоҳи бинои телевизион шурӯъ шуд, бо ишғоли он ба анҷом расидааст.

Рости гап ин аввалин митинг дар назди бинои телевизион набуд, тавре ишора рафт, борҳо дар ин ҷо намояндагони «Шаҳидон» ва «ҷавононии шаҳр» тамрину митингу таҳдид карда буданд. Аммо дар ин дафъаи ҳалкунанда ҷавонон таҳти роҳбарии Ҳакими Юсуф қотеъ ҳуҷум карда, биноро гирифтанд ва тавре шоҳидон мегӯянд, дар ҳафт моҳи баъдӣ ӯ ҳукмрони аслии телевизион буд.

Аз дасти ҳукумат рафтани телевизион, ростӣ, зарбаи ҳалокатовар барои ҳукумати Р. Набиев буд. Аввалҳои моҳи август профессори Эрониасли донишгоҳи Вашингтон Маҳмуд ки меҳмони Душанбе буд, мегуфт, ки «нест, дар ягон дунё набуд ва намедонанд, ки тамоми фаъолияти телевизион мухолифи Раиси ҷумҳур бошаду вай даст рӯи зону нишинад». Ин гапи оянда. Аммо рӯзи 5 май Р. Набиев ё атрофиёни ӯ аслан қудрат доштанд, ки телевизионро ҳимоя кунанд. Қумитаи бехатарӣ дар ҳимояи ҳукумати қонунӣ буд, артиши рус низ метавонист онро дифоъ кунад. Аммо гумон мекунам иллати ҳимоя нашудани он дар чанд нукта маҳфуз аст: Раиси ҷумҳур ва Раиси Шӯрои Олӣ ба воқеаҳои пурпечутоби ҳудуди Шӯрои Олӣ сахт банд, аз муҳосираи ТВ аслан бохабар буданд ва бегоҳии рӯз худашонро ҳимоя карда наметавонистагӣ шуданд.

Ба ҳар ҳол шоми 5 май телевизион бо шеваи нав сухан оғоз намуд.

Наттоқон мардумро ба оромӣ даъват намуданд. Онҳо дар душвориҳои баамаломада, дар мубориза муҳокима, қашшоқиҳо, нокомиҳо Раҳмон Набиев, Сафаралӣ Кенҷаев, Нарзулло Дӯстов ва Нурулло Ҳувайдуллоевро гунаҳкор мекарданд. Дар аввалин ахбор дар хусуси кушта шудани чанд ҷавони бегуноҳ сухан рафт.

Соати 21.35 дақиқа ҳама мавҷҳои телевизион гум шуд Муддате кор накард. Ё техникҳо қиём карданд, ё ягон гапи дигаре. Мо дигар навмед шуда ТВ-ро хомӯш кардем. Вақте, аз нав мондем, чанд нафар дар студия буданд ва Аҳмадшоҳ Комилов намоишро мебурду Раҳим Мусулмонқулов гап мезаданд:

— Мо бояд аз фардо ҷомеаи демократӣ дошта бошем. Инлаҳзаҳо ҷомеасоз аст ё ҷомеасӯз. Ҳама чиз аз ҳукумат вобаста, ки либоси ҷангиро кашида, аз мансаб даст кашанд. Ҳақиқат бо мардум аст, ҳақиқат дар майдони «Шаҳидон» аст. Нобуд кардану пароканда кардани майдони «Шаҳидон» хаёли хом аст. Мардуми майдони «Шаҳидон» зиёд аст. Ҳаводоронаш дар беруни Тоҷикистон ҳастанд.

Ҳукуматдорон андеша кунанд. Шояд ин охирин огоҳии мо бошад.

Профессор Мусулмонқуллов барои нишон додани қаҳрамониву шуҷоати онҳое, ки дар майдони Шаҳидонанд, ин мисолро овард: Шаби сеюми май ду мошини ҳарбӣ (танк) ба майдони «Шаҳидон» ҳуҷум овард. Паси рули танк аскари руси аз шароб маст нишаста буд ва беистеҳола вай ба рӯи одамони майдоннишин танк меронд. Аммо дар ин ҳол қаҳрамонзане аз ҷумлаи ҳозирони майдони «Шаҳидон» хеста, ҷони худ ба каф гирифта худро дар пеши роҳи танк андохт. Танк маҷбур шуд истад. Ин зани шуҷоъ хонуми Давлат Худоназаров-улёҳазрат Гавҳар буд.

Чунин гуфтанд Раҳими Мусулмониён.

Сипас, имомхатиби яке аз масҷидҳои Душанбе суханронӣ карду сонӣ Темур Қиличев тақрибан 15-20 дақиқа вазъияти сиёсиро ба русзабонҳо фаҳмонд.

Рӯзи 5 май шурӯи тоҷиккушии тоҷикон аст, дар охири қарни 20. Дар ноҳияи Ленин, дар минтақаи Олии Совет се ҷавонро кӯштанд. Ҳамон рӯз тақрибан соатҳои 17-18 дар бинои Шӯрои Олӣ депутати мардумии Тоҷикистон, сармуҳаррири «Садои мардум» Муродулло Шералиев қурбони тири ноҳалафе гардид. То ҳол дар бораи қотили ӯ маълумот нест. Дар

хусуси қотили воқеӣ ва ташкилкунандаи он тахмину овозаҳои зиёдест. Вале ҳақиқат чист касе намедонад. Ягона ҳақиқат ин аст, ки ӯ аз дари ақиби Шӯрои Олӣ ба саҳни он меомаду ин вақт садои тир шунида шуд ва он риштаи умри ин марди фозил ва инсони покдилро барканд.

Сари марди ҷангӣ хирад наспарад,
Ки ҳаргиз наёмехт кин бо хирад.

Муродулло шахси басо закиву дилёб буд. Ман гумон мекунам вай барои тоза шудани забони тоҷикӣ низ хизмати шоистае дошт. Аҷаб одаме буд: надидам, ки баланд сухан гӯяд, надидам, ки дар гуфтораш ё таҳрираш алфози берун аз одоб роҳ ёбанд.

Муддате қабл аз марги фоҷиабораш гуфт, ки «роҳбари» чанд нафар аз кормандони рӯзномаро, ки ба ман эътирозномае дар «Ҷавонони Тоҷикистон», чоп карда буданд, даъват кардам, ба миқдори кофӣ қоғаз додаму гуфтам: кор карданӣ набошед, бе ҷангу ҷидол ҷудо шавем беҳтар аст.

Узру маъзурати зиёде кард.

Ростӣ марги вай ба мавқее, ки рӯзномааш дошт, тавъам аст. Рӯҳаш шод бод!

Рӯзи панҷуми май шурӯи фоҷиаи миллии халқи тоҷик аст, ки дар натиҷаи мубориза барои мансабу вазифа шурӯъ шуду зимни қувватгириҳои андешаҳои гуногун ба ин ҳол расид. Аз маълумотҳои баъдӣ мо фаҳмидем, ки бегоҳии рӯзи панҷуми май баъди кушта шудани Муродулло ва он ҷавонон генерал Б. Раҳмонов ба тарафи оппозиция гузаштааст. Албатта иродаи ҳар шахс аст, кадом гурӯҳро, мафкураро ҳимоя кардан. Аммо мардум мегӯяд генерали мазкур ба ин кор мустаҳақ набуд. Ӯ ҳамчун фармондеҳи гвардияи президент ба номи Набиев савганд ёд кардааст. Пас вай ба ду савганди ҳарбияш-ҳам афсару ҳам фармондеҳӣ хиёнат кардааст. Ба чунин одам гумон мекунам дар ҳеҷ ҷои дунё бовар намекунанд, аз паяш намераванд.

Ҳамон рӯзи панҷум Р. Набиев, С. Кенҷаев, Н. Ҳувайдуллоев ва Н. Дӯстов дар куҷое руст шуданд. Мегӯянд дар бункери Кумитаи амнияти миллӣ буданд. Шояд. Қиссаи ҳамон рӯз нопадид шудани Р. Набиевро чунин ҳикоя мекунанд:

Дар боғи ҳукуматӣ байни Раиси ҷумҳур, намояндагони аҳзоб ва гурӯҳҳои сиёсии оппозиционӣ гуфтугӯ мерафтааст. Дар мавриди кадом масъалае баҳс шурӯъ шудаасту Раҳмон

Набиев ба Акбар Мирзоев шумо машғул шавед, ман ҳозир меоям, гуфта ба ҳамин нопадид мегардад.

Баъдтар маълум шуд, ки муддате дар бункери КГБ ва сонӣ дар ҳудуди дивизияи 201 Россия паноҳ бурдааст. Рӯзи 5 май рӯзи шурӯи рақобати маҳаллии Тоҷикистон, ба авҷ расидани вазъи сиёсии мавҷудияти Тоҷикистони мустақил буд. Яке аз баҳона ё сабабҳое, ки моҳҳои март апрел қарори шӯрои вилояти Бадахшонро дар мавриди ҷумҳурии мухтор эълон кардани он напазируфтанд, ҳамин масъалаи якпорчагӣ буд, ки он акнун барои тамоми Тоҷикистон таҳдид мекард.

Дар охири апрел-аввали май он масъала, ки Набев аз ӯҳдаи идораи давлат намебарояд, ё натавонист барояд, барои ҳама чун рӯз равшан гардид, аммо ин корро қонунӣ ё ҳадди ақал қонунимонанд ичро кардан зарур буд. Амали рӯзҳои 5-6-7 май гумон мекунам, бо таъсири онҳое, ки сиёсатро беҳтар мефаҳмиданд, ба ҳамин чиз нигаронида шуд.

Ёд овардани он рӯзҳо, ки замину замонро воҳима гирифта буд, ниҳоят душвор аст. Навиштан, рӯи варақ овардани ҳар он чизе, ҳам ки халқ дар он айём умр ба сар мебурд, ё аз фикру ҳар кадом мегузашт, корест аз имкон берун. Аммо на кӯшиданд ба он ки ҳадди ақал чизаке аз он гуфта шавад, сайъ накардан, ки як воқеаро ҳақиқатнигорона мувофиқи диду эҳсоси хеш арзёбӣ кунад, барои касе, ки қалам ронда метавонад, гуноҳ аст. Зеро фардо бояд аз ҳар он чи имрӯз рӯй медиҳад воқиф бошанд, насли ояндаи миллати мо мӯяз хамир ҷудо кунад.

Нодида, ношунида гирфтани ҳар он чи ки ин рӯзҳо ба амал омаду меомад, хиёнате дар назди насли оянда мешавад. Дидагони хашмолуди ровиёни пирӯзӣ— Аҳмадшоҳи Комил, Маҳмадалӣ Хаит, Темур Қиличев, Салим Аюб, ки он шабу рӯз аз пардаи телевизион, ки акнун номи телевизиони мардумии Тоҷикистон (ТМТ)-ро гирифта буду баъдтар мардумонро ҳамчун «телевизиони марги тоҷик», телевизиони Мирбобою Тӯраҷонзода тафсир мекардагӣ шуданд, на фақат ба қалби атфол, балки ба дили калонсолон низ ваҳм меовард. Телевизион, ба хусус аз рӯзи 6 май ба дастгоҳи таҳдид, тахқир табдил ёфт. Чеҳраи хандон аз он гум шуд. Қаблан ТВ тоҷик бисёр вақт дурӯғ мегуфт, акнун рост намегуфтагӣ шуд. Коми ин телевизионро ба дурӯғ бардоштанд. Телевизиони мардумии Тоҷикистон манбаи иғво ва тавтиаи миллӣ, мазҳабӣ, маҳаллӣ ва ниҳоят ҷанг гардид. Барои он, ки ин мақсад ба даст ояд, Мирбобои Мирраҳим, Аҳмадшоҳи Комил, Маҳмадулло Ҳаит ҳоло расман ба кор таъин нашуда, кӯшишро

ба харч доданд: аввал ду-се рӯз журналистони собикро гарав гирифтанд, баъд баъзеашонро кор фармуданд, сипас, ҳамаш дигарандешонро аз хизмат сабукдӯш карданд.

Дар системаи роҳбарии телевизион номенклатураи ҳизбӣ коммунист ба неменклатураи нерӯҳои мардумӣ (хонда шавад, бозичаи қозиён) иваз карда шуд. Дар телевизион акнун як тараф гап мезад. Пештар, дар замони номенклатураи коммунистӣ ба тарафи дигар сухан намедоданд. Акнун чунин одамонро пайдо кунанд, ё ҳис кунанд, тарбияи ҷисмониро истифода мебурдагӣ шуданд.

Дар рӯзҳои 6-10 май телевизион ва радио қариб кор намекард. Ҳар рӯз 2-3 соат айни як гапро такрор ба такрор мегуфтанд, одамон баромада мухолифинро таънаву дашном мекарданд. Муллоҳо рӯйхати шуҳадоро мехонданд, тиловат мекарданд. Одамони ба майдони «Озодӣ» кӯмак кардаро маҳкум менамуданд, ба аъзои шуҳадо шарик намекарданд. Дар бораи Набиеву ҳукумат, ё аз номи Набиеву ҳукумат ҳеҷ гуна иттилои расмӣ набуд. Мардум Москваро метофтанду Тошкандро, ғайбат мешуниданду нақли шоҳидонро, ки як воқеаро дах дида, дах хел шарҳ медоданд.

ТМТ оҳиста-оҳиста ба манбаи гапногири дурӯғ табдил ёфт. Дар айни ҳол чунон дурӯғгӯе буд, ки ба ҳукумати расмӣ мачоли сухангӯӣ намедод, варо аз номи он худсарона худаш қазават мекард ва мақомот, намедонам чӣ, ҳақ ё ҷуръат надошт, ки аз пардаи он фикри хешро изҳор намояд. Ин маъноро роҳбарияти Тоҷикистон борҳо тазаккур дод. Аз ҷумла, ин масъала аввалҳои моҳи октябр дар Шӯрои Олӣ бори чандум муҳокима ва дар он зикр шуд: «Вақтҳои охир нисбати ҳаводису воқеаҳои фоҷиабору даргири Тоҷикистон аз тариқи чи расонахои ҷаҳон ва чи ҷумҳуриявӣ ахбору маълумот ва гузоришҳои тахрифкоронаву бардурӯғе пахш гардиданд, ки дар натича, одамони зиёде бе ин хам ованаву бехонумон, ба азобу махрумият дучоргардидаро ба ташвишу изтироб ва харосу воҳима андохтанд. Дар чунин вазъияти ҳассос ва мураккаб ҳар гуна овозаю дасисаи бардурӯғ ё қасдан пахш гардида метавонад ҳаёти одамонро дар хатар гузорад ё маҷрои бе ин хам халалдори зиндагиро ба харобӣ кашад.

Бинобар он ки минбаъд пеши роҳи ин гуна хабару маълумотҳои бардурӯғ ва овозаҳои фитнаангез гирифта шавад, бо қарори Раёсати Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди дафтари матбуоти маркази муштараки матбуотӣ таъсис дода шуд.

Аз моҳи май ин чорумин икдоми ҷилавгирии дурӯғӣ мат-

буот, ба хусус симову садои марказии ҷумҳурият буд. Марказӣ ба он маъно, ки ахборе, ки аз Душанбе пахш мешуд, бо ахборе, ки аз Хуҷанду Кӯлоб танзим мегардид, камтар умумият дошт.

Мегардем ба воқеаи аввали май, ки он вақт нақлиёти ҷамъиятӣ кор намекард. Онҳое, ки боҷуръаттар буданд, ба шаҳр дар тележкаву камазҳо ё пиёда рафта меомаданд. Барои дигарҳо, ки хонашин буданд ё шабонарӯзе, 2-3 соат бо тарсу ваҳм рӯи ҳавлӣ мебаромаданд, рӯз чун сол давом мекард. Дилҳо фишурда ва асабҳо таранг мешуданд.

Дар он шабу рӯз ҳама ба он фикр буданд, ки Раиси ҷумҳур истеъфо диҳад ва ҳукумати мусолиҳаи миллӣ таъсис ёбад. Борҳо шунидам, ки одамони дилтангшуда мегуфтанд:

— Ҳарчи тезтар ҳукумати нав таъсис ёбад. Он ҳукумате, ки дар шахси роҳбарони имрӯза аз Набиев то Кенҷаев, аз Дӯстов то Мирзоев ҳаст, ё ҳукумате, ки бо иштирок ё дастгириву пешниҳоди Тӯраҷонзодаву Ҳимматзода, Давлат Исмону, Худоназаров, Соҳибназарову Юсуфов, Тоҳир Абдуҷаббору Латифӣ сохтанианд, ҳаққи вуҷуд надорад.

— Олимони сиёсатбоз ҳам зиёд буданд, ба таълим машғул шаванд, намешавад.

— Ҳар чи зудтар ҳукумат таъсис ёбад, ҳамон қадар тезтар адолат пайдо мешавад. Муҳимаш ҳозир низомро ба даст гирифтан.

— Президент дар ин моҷароҳо шарик набудааст. Ба ӯ имкон додан лозим аст, ки тарафҳоро ҷамъ кунаду созиш дода, Шӯрои давлатӣ созад. Кори ношуданӣ шуд: хун рехт, набояд имкон дод, ки талафот аз ин зиёдтар гардад. Ҳамин хуни рехта хам аз сари чанд авлод зиёд аст. Киҳо дар ғами вазифаву киҳо хун мерезанду ҷон месупоранд. Лаънат ба чунин сиёсатдорӣ.

Дар он айёме, ки аз василаи ахбор, аз манобеи расмӣ қариб иттилое дастрас набуд, дар он замоне, ки овоза тозатарин хабар ба ҳисоб мерафт, дар он вақте, ки шаҳриён хонашин буданд, Раиси ҷумҳур, Раиси Шӯрои Олӣ, ноиби Раиси ҷумҳур, Прокурори генералӣ дар зербинои Кумитаи амнияти миллӣ ҷои дигаре панаҳ бурда буданд, рӯзи шашуми май Раиси ҷумҳур тавассути Сарвазир Мирзоев бо нерӯҳои пирӯзшуда муколама оғоз намудааст.

Дертар мо аз матбуот хондем, ки Кенҷаеву Дӯстову Ҳувайдуллоев аз Душанбе пинҳонӣ рафтаанд. Аммо Набиев баъди воқеаи даҳуми май ба ҳудуди дивизияи 201 гузоштааст. Дар шартномае, ки рӯзи 7 май имзо шудааст, дар хусуси аз

вазифа сабукдӯш кардани Н. Дӯстов, масъалаи истеъфои С. Кенҷаев ва Н. Ҳувайдуллоевро ба ҷаласаи Шӯрои Олӣ пешниҳод кардан, холӣ кардани майдонҳои «Озодӣ» ва «Шаҳидон», халъи силоҳ кардани мусаллаҳшудагон, моратория ба митингҳо, бекор кардани вазъи фавқулодда ва қуюди шабгардӣ, ба Шӯрои Олӣ пас гардондани имтиёзҳои охирин сохибшудаи Раиси ҷумҳур пешбинӣ мешавад. Ба ин ҳуҷҷат С. Кенҷаев , Н. Дӯстов ҳам имзо карданд. Имзои асосӣ ва тантбиқи он кай буд, маълум не, аммо ҳанӯз рӯзи шашуми май телевизион қисмати пас гардондани имтиёзҳои Раиси ҷумҳур қуюди шабгардиро шунавонд. Дар он шартнома таъсиси ҳукумати муваққатӣ низ пешбинӣ мешуд. Рӯзи ҳафтуми май ҳанӯз барои журналистон ҷои зисти Раиси ҷумҳур аён набуд. Шояд аз ин, ё шояд мутобиқи майли нерӯҳои пирӯзшуда ҳукумати оянда гоҳе муваққатӣ, гоҳе шӯрои инқилобӣ, ҳукумати давраи гузар ва гоҳе мусолиҳаи миллӣ номида мешуд. Аҷаб не ин нишонаи далели ягона набудани фикри худи оппозиция хам бошад.

Рӯзи ҳафтуми май боз як тан аз журналистони точик— Олими Заробек шаҳид шуд. Ӯ чил-чилудусола буд. Дар сарредкцияи ҷавонон ва бачаҳои радио ба сифати режисёр корро сар карду гуфтан мумкин тамоми умр дар ҳамин ҷо заҳмат кашид. Тамоми умр барои он, ки ду соли охир ӯ кор намекард: баъди воқеаҳои феврали соли 1990 ӯро аз кор рондаанд.

Рӯзи 7 май (тасодуф он аст, ки ин рӯзи радио буд) дар майдони «Шаҳидон» эълон намуданд, ки хонаи радиоро низ гирифтем, марҳамат журналистон он ҷо раванд.

Шаш журналист бо пуштибонии як автобус автоматчиҳо рафтаанд. Олим ҳамон рӯз қурбон шуд. Аммо Ширин— писари раҳматии Сарвар Амирҷонов аввал маҷрӯҳ ва тӯли 20 рӯзи дигар се ҷарроҳӣ диду аммо наҷот наёфт. Рӯҳашон шод бод!

Рӯзи ҳафтуми май мувофиқи шартнома бошандагони майдони «Озодӣ» гирдиҳамоиҳоро бас карданд. Мувофиқи шартнома ҳамон рӯз майдони «Шаҳидон» низ бояд холӣ мешуд. Аммо аз он ҷо касе намерафт, фақат майдони «Озодӣ» холӣ шуд, ҳатто нагузоштанд, ки онро худашон ба нағзӣ озод кунанд.

Ҳар гоҳ ки дар бораи нақши бо истилоҳ миёнаравҳои байни давлату нерӯҳои мухолиф дар сарнавишти ҳамонвактинаи халқ сухан меравад, ҳамон чизро сарфи назар кардан лозим нест. Агар шарти онҳо озод кардани хардуи майдон

мебуд, агар шарти онҳо қатъ кардани таҳқири ҳамдигарӣ мебуд, чаро инҳо риоя нашуданду эътирози миёнагардҳо ҳам аз воситаи ахбори вақт шунида нашуд?

Перомуни ин чиз бисёр гап задан мумкин, зеро фочиаи пур-ракуштори миллии мо ба воқеаи онрӯза тавъам аст. Гап сари ин ки аҳли майдони «Шаҳидон» худро ғолиби якумрӣ ва ҳаман неруҳои дигарро пучу ночиз ҳисобиданд ва хело баланд парвоз карданд.

Рӯзи ҳафтуми май аз вилоятиКӯлоб даҳҳо автобус ва мошинхои калону сабукрав барои пасбурдани майдоннишастагон омаданд. Онҳоро чанд милиция роҳбаладӣ мекард. Мебоист ин мошинҳо ба майдони «Озодӣ» мерасиданду ҳозирин ба ин мошинҳо ва даҳҳо мошинҳои дигари дар майдонбуда менишастанд, силоҳро аз рӯи тартиб месупориданд ба шаклдастчамъӣ бозмегаштанд.

Аммо дар Кофарниҳон иддае аз пайравони майдони «Шаҳидон» ба онҳо ҳамла оварда, чанд мошинро «ғанимат гирифтанд», чандашро шикастанд, милицияеро куштанд. Пас аknун кӯлобиҳо бо ин роҳ оқиб гашта наметавонистанд. Дар майдони «Озодӣ» бесарусомонӣ шурӯъ шуд: хиёнат карданд, фиреб доданд, шартномаро шикастанд.

18-20 рӯз баъди ин воқеаҳо яктан аз устодони ДДТ, ки баъди ба «Озодӣ» омадани митинггарон дар вазъи душвор афтод, нақле кард, ки он барои дарки баъзе ҷузъиёти воқеаи майдони «Озодӣ» ёрӣ мерасонад.

— Ман кӯшиш кардам ба ҳамшаҳриҳои дар майдони «Озодӣ» будаам фаҳмонам, ки ба муқобли майдони «Шаҳидон» набояд мубориза бурд, зеро ин мубориза пирӯзӣ надорад. Ҳамроҳи Абдулло Ҳабибов байни ду майдон миёнравӣ кардем, то осудагӣ ва сулҳ шавад. Рӯзи охир, вақте ҳанӯз автобусу мошинҳои Кӯлоб осебнодида буданд, ман фикр кардам, ки агар аҳли майдони «Шаҳидон» ин ҷо расанд, ҳатман дар натичаи қасдгирии ноҷо, вайронӣ мешавад. Бинобар ин аз қорӣ Муҳамадҷон хоҳиш кардам ба ҷавонҳо фаҳмонад, ки ба ин мошинҳо халал нарасонанд, то онҳо беосеб аз шаҳр бароянд.

— Ту худат кистӣ то ба ман ақл омӯзӣ. Касе ба онҳо кордор намешавад.

Аммо ҷавонҳои аз майдони «Шаҳидон» омада, сӯи мошинҳо тирпарониро оғоз намуданд. Бесарусомонӣ сар шуд. Ман давдавон ба майдони «Шаҳидон» рафта, микрофонро гирифта зориву тавалло намудам, ки ба пешгирии ҷанг мусоидат кунанд. Тирпарониро дар майдони «Озодӣ» нигоҳ доранд. Ҳамон қорӣ Муҳаммадҷон гуфт:

— Чизе намешавад!

— Охир андаке пештар дар майдони «Озодӣ» ин гапро гуфта будед. Ҳоло ҷавонҳо рафта тирпарониро оғоз намуданд, боз чӣ мешавад?!

Ин устод мегуфт: «Шаҳидон» ва ҳаводорони он то гулӯмусалаҳанд.

Ҳамон рӯзе, ки дар «Озодӣ» 1700 автомат доданд, дар назди идораи қозиёт дар як Камаз яроқ оварда, таксим карданд. Аз 5-6 ҳазор кам набуд.

Ин сабабҳо буд, ки аҳли майдони «Озодӣ» бо шитоб, ба мошинҳо нишаста, аз мошинҳои рабудашуда ва тахрибгардидаашон дасту дил шуста, асосан дар нақлиёти боркаш тавассути роҳи Ёвон баргаштанд. Нақл мекунанд, ки онҳоро то ағбаи Чормағзак Давлат Худоназаров ва Қорӣ Муҳаммадҷон ҳамроҳӣ карданд. Мегӯянд дар назди пули нави заводи чарм ба онҳо ибодатгарони масҷиди Ҷанубӣ ҳамла карда, чанд касро куштанд. Ана дар чунин ҳол «кулобиҳо» бо яроқашон бозгаштанд.

Таҷриба, воқеияти баъдӣ исбот кард, ки онҳо хуб карданд, ки бо яроқ бозгаштанд. Вагарна мисли хайрхоҳони ғайримусаллаҳи майдони «Озодӣ» дар водии Вахш таҳқир, ё мисли гурӯҳи халъи салоҳшудаи Сафаралӣ Кенҷаев (25 октябр) кушта мешуданд. Барои тарккардагони майдони «Озодӣ» ҳамон яроқ ягона пуштипаноҳашон буд, зеро ҳукумати қонуние, ки барои ҳимояаш омаданд, набуд ва ҳукумати нав бунёд мешуд ва ҳамчунон сарварони асосиашон Сангак Сафаров ва Рустами Абдураҳим асир афтида буданд.

Он вақт онҳоро накуштанд, шояд аз он сабаб, ки ҳанӯз ваҳшоният ба авҷи аълояш нарасида буд, ҳанӯз дар таблиғ аз «дастаҳои хуношоми Сангаку Абдураҳим» истифода намебурданд.

Гумон мекунам, хушбахтии Ҳукумати қонунии Тоҷикистон дар он аст, ки ҳамон вақт ин ду тан амон ёфтанд.

Рӯзи ҳаштуми май мотами миллӣ эълон шуд. Дар майдони «Шаҳидон» митинг давом мекард. «Хоинони маллат, хунхоронро» дашном медоданд. Аввалин бор дар ҳамин рӯзҳо ибораи «шуҳадои гулгулкафан»-ро истифода мебурдагӣ шуданд. Аммо ҳама мегуфт, шояд ин суханро акнун бо мафҳуми дигар ифода кардан мумкин бошад?

«Қай қозикалон гулгулкафан мешуда бошад»— пичирроси чор тараф менигаристанд.

Ҳамон рӯз Раиси ҷумҳур дар сӯгвории рӯзи мотам бо

Равшани Ғанӣ мусоҳиба кард. Хело коста буд. Аммо чӣ кунад: «Худкардаро даво нест, вовайлои пинҳонӣ». Ӯ ҳамчунин хабар дод, ки ҳукумати мусолиҳаи миллӣ сохта мешавад ва иловатан афзуд, ки дар тӯли 3 рӯз— то 10 май бояд мардум халъи силоҳ карда шаванд. Ин таҳдиди муш ба гурбаро мемонд.

Ҳукумати мусолиҳаи миллӣ рӯзи 11 май сохта шуд. Аз 7 то 11 май талоши оппозиция бо Набиев, талошу вазифахоҳии дохили ҳамдигарӣ буд. Дар он рӯзҳо Лоиқ Латифӣ, Турсунов ва Раҳимов чун миёнрав ба ҳалли масъала ҳамроҳ шуданд. Дар ҳамон рӯзхо гӯё дар майдони «Шаҳидон» Бозор Собир гуфтааст.

Лоиқ худаш кист?

Ман намедонам ин гап рост буд ё дурӯғ, аммо баъди 20 рӯз, дар тӯли ҳафтае, ки мо дар Теҳрон будем, эҳсос намудам, ки ду шоири бузурги Тоҷикистон бо ҳам қариб ҳамсӯҳбат намешаванд.

Аз рӯи овозаҳое, ки он шабу рӯз паҳн мешуд, гӯё: рӯзи 9 май нерӯҳои мардумӣ баррасии роҳбарии ҳукумати мусолиҳаи миллиро арзёбӣ карданд: Ҳеҷ кас: на Ҳиммматзода, на Д. Исмон, на Тоҳири Абдуҷаббор, на Д. Худоназаров, на Ш. Юсуфов ин масъулиятро ба дӯш гирифтан нахостанд.

Рӯзи 9 май зиёёни шаҳр (аслан адибону журналистон) ҳам масъалаи ҳукуматро «дида баромадаанд». Ҳар кас шиносу ҳамшаҳриашро номбар мекардааст.

— Лоиқу Латифӣ то имрӯз кучо буданд, ки ба сари дастархони тайёр омаданианд,— мегуфт касе.

Он ҷо тақсимот ё кӯшиши тақсимот давом мекард. Дар ҳамин вақт ҳам баъзе содалавҳо андешаи корро доштанд. Аз ҷумла Мансур Султонов кор рафтааст. Ӯро чор ҷавон лутфан ба мошин нишонда, ба майдони «Шаҳидон» овадаанд, аз ин ҷо ба зербинои театри Лоҳутӣ, аз он ҷо ба қозиёт аз он ҷо боз ба Лоҳутӣ ва аз ин ҷо дӯстон гурезондаанд.

Телевизиони нави ба ислоҳ мардумӣ тамоми қувваро ба он сафарбар намуда буд, то исбот намояд, ки аҳли майдони «Озодӣ» ифлосу нопок ва ғайридинанд. Рӯзҳои 8-11 майдони мазкурро музей карда, ба мардум хам бевосита ва ҳам ба василаи ТВ нишон медоданд: шишаҳои арақ, пероҳани занона, чӯб, хӯрок, плакати шикастае, ки дар он «ноҳияи Ёвон» навишта шудааст, презерватив. Ҳар кадоми инро наттоқони ТМТ бо ҳавсала шарҳ дода «қабоҳату разолати бефарҳангӣ»-ро «фош» мекарданд.

Ман наттоқони телевизион гуфтам, узр мехоҳам. Зеро ак-

сарияти кормандон ва наттоқони собиқ ихтиёран ё маҷбуран аз кор бартараф шуданду навҳо-худиҳо омаданд. Аз кӯҳнаҳо танҳо як-ду тане монда садоқат зоҳир мекарданд. Шояд василаи дигари нон надоштанд. Аммо журналистоне, ки аз гуфтани воқеият наметарсиданд, роҳи инъикоси ҳақиқатро ҳамон вақт ҳам суроғ мекарданд Махсусан дар «Понеделник вечером».

Наттоқон мегуфтанд, ки кулобиҳо дар майдони «Озодӣ» ин ифлосиро аз худ монда рафтанд. Аммо русзане мегуфт

— Майдони «Шаҳидон» равад, бинем чӣ мемонад.

Масъули комиҷроияи шаҳр мегуфт:

— Тоза кардани майдони «Озодӣ» кори душворе нест. Амо ба мо рухсати инро намедиҳанд. Мегӯянд бигузор мардум дида ибрат гиранд. Ин маъно дар гуфтугӯҳои кӯчаву бозор, дар пичироси мағлубону иқрори ғолибон ҳам ифода меёфт.

— Худашон ин чизҳоро аз кучоҳо ҷамъ карда оварда, бечораи кӯлобиҳоро айбдор карданианд,— пичирос мезад касе.

Ҳамчунон як тан аз ҷавонони майдони «Шаҳидон» мегуфт:

— Сайфуллоев хуб одами пуртоқат будааст. Ӯро хуб заста ба девор хуб задаанд. Хайрият намурд.

Дар майдони «Шаҳидон» митинг давом мекард:

— Қуръон мехоҳед?— мегуфт бо овози ширадораш мулло Муҳаммадҷон.

— Бале, мегуфт бо як овоз майдон.

— Ислом мехоҳед?

— Бале.

— Ҷумхурии исломӣ мехоҳед?

— Бале.

Митинг давом мекард.

— Ман ба ақли Набиев қоил. Ин тарбузро дар болои гарданаш ба ҷои сар бардошта гаштааст,— киноя мекард мударриси хушбаёне.

Дар майдон хушҳолӣ аз ин ширингуфторӣ ба амал меомад. Дар шаҳр постҳои худмуҳофизати ҷавонони Душанбе амал мекарданд. Онҳо супориш доштанд: чун дар давраи митингҳо пулҳои ғанимат ба шумост, аммо яроқи ғаниматро супоред. Баъзеҳо афсӯс мехӯранд, ки чунин накарданд. Масалан, яке аз ҷавонон мегуфт:

— Мо 50 автомату 4,5 миллион сӯм супоридем. Ин пулро аз конибодомиҳо гирифтем. Дар хусуси ёрии Конибодом, тавассути коммунистону партократҳо ташкил шудани ин ёрӣ те-

левизиони мардумӣ бисёр гуфт. Ин пулро, аслан ман наме-донам чанд сӯм буд, 25-30 кас ҳамроҳӣ кардаанд. 3 нафари онҳо муллоёнро ба қозиёт оварданду боқиёнро ба зербинои театри Лоҳутӣ.

Дертар дар моҳи июн вақте Набиев ба Хуҷанд омад, яке аз онҳо ба ӯ сахт расид:

— Ту натавонистӣ одамонеро дифоъ кунӣ, ки ба ҳимояи ҳукумати қонуният омада буданд.

Давраи душвор, сахт ғамангез буд, ин давраи сарнавишти халқи тоҷик. Вақеан, чи хел мешавад, ки шахси қонунан интихобшуда наметавонад, бе ҷангу ҷидол дар қаламрави давлаташ ҳукумронӣ кунад? Аммо дар он шабу рӯз ба ҳоли Набиев раҳми одам меомад. Ӯ албатта аз ҷонҳои қурбон-шудагону хуни рехташуда тарсида, барои худ ҷои мувофиқ мекофт. Бо ин ният дар бинои кумитаи бехатарӣ паноҳ бурд. Артиши Русия ба вақоеъ шарик намешуд. Тоҷикистон урдуи миллӣ надошт, роҳбари гарнизони шахсии Раиси ҷумҳур ба тарафи мухолифин гузашта, пас чӣ роҳе буд, чӣ илоҷе буд, барои раҳоии вай аз ин вазъият? Дар хамин ночорӣ рӯзи 10 май фаро расид—рӯзи халъи силоҳ. Аммо он вақт халъи силоҳ нашуд. Гуноҳи ҳар касе, ҳар гурӯҳи иҷтимоӣ ё сиёсие, ки буд ҳалли силоҳ нашуд, балки рӯз ба рӯз не, соат ба соат он дар аҳолӣ афзуд, онро доданд, ситонданд, дуздиданд, харидаанд. Автомат то 100 ҳазор сӯм нарх пайдо кард. Ин ҳама барои ҳамдигаркушии тоҷикону тоҷикистониҳо истифода мешуд.

Рӯзи 10 май ҳам митинги майдони «Шаҳидон» идома дошт. Ин митинг ва поёнтар аз ҷанг. Аниқтараш ҷанге буд, ки муқобил надошт. Ҷанг бо ғоибон, мурдагон; мурдамонандон, ҷанг бо рӯҳу дили мурда, ҷанг барои зоидани тарс, тарсонидани ақлу ҳуш, натанҳо чашми одамон. Аз он чо барои гузаштан метарсиданд, ҳазар мекарданд, дар бораи онҳо фақат сухани нек гуфтан мумкин, бадиро ҳатто фикр кардан чоиз набуд. Гунаҳкор танҳо онҳо. Чунки президент алҳол боз муддате даркор буд, худаш не, вазифааш. Инро сиёсатмадорҳо медонистанд ва корро ба он мувофиқ мекарданд, аммо онҳое, ки ба зуддӣ аз ин «ҳукумати нахси коммунистони беимон» халос шуда, давлати мусулмонобод сохтанӣ буданд, дигархелтар андеша меронданд.

Рӯзи 8 май ҷои исти Раиси ҷумҳур тақрибан маълум шуд. Ва рӯзи 10 май....

Дар ТМТ (10 май) Рустами Ваҳҳоб тафсира мекунад: як гурӯҳ чавонон машқи одатии осоишта доштанд, ки аз бинои

кумитаи бехатарӣ тирпаронӣ шуд ва 8 нафар кушта ва 12 нафар мачрӯҳ гардиданд. Ин кори артиши Русия аст.

Рӯзи 12 май дар ТМТ роҳбар ва муовини гарнизони Душанбе гуфтанд, ки дар ин задухӯрд артиши рус иштирок надошт. Инро Давлати Худоназар ҳам дар телеграммаи минтатдоронааш ба Шапошников эътироф намуд. Аммо роҳбарони ҳарбӣ таъкид намуданд, онҳое, ки назди бинои номбурда омаданд, мусаллаҳ буданд ва ду мошини ҷангӣ (танк) ҳам доштанд. Дар шаҳр гап-гап мерафт, ки ташкилдиҳанда ва илҳомбахши воқеаи рӯзи 10 май мулло Муҳаммадҷон чун аз ҷои исти Раиси ҷумҳур огоҳ мешавад, қасд мекунад, ки ӯро яктарафа кунад. Аз ин сабаб ӯ чандин ҷавонро аз майдони «Шаҳидон» гирифта, машққунон ба майдони «Озодӣ» меорад ва аз он ҷо ба кӯчаи Дзержинский роҳ паймуда, онҳоро ба ғазо мефиристад. Худ ба майдони «Шаҳидон» бармегардаду «дар он ҷо бачаҳои моро кушта истодаанд» гӯён онҳоро низ овардани мешавад. Хушбахтона, аввалан касҳое монеаи ба он ҷо рафтани ин мардум мешаванд, аз тарафи дигар хабарҳои аз он ҷо омада, онҳоро аз роҳ медорад. Ҳамчунин шунидам, ки ҳамон рӯз афсарони кумитаи бехатарӣ аз президент хоҳиш намудаанд, ки «кори нашуданӣ шуд, акнун ба мо иҷозат диҳед, ки ба ҳуҷум гузашта, майдонро тоза кунем», Раҳмон Набиев ризо нашудааст.

Артиши рус ӯро ба ҳимояи худ гирифта, ба гарнизон бурдааст.

Дар телевизион чанд бор он воқеаро— тирпаронӣ, гурезогурез, мурдаҳоро нишон доданд. Чеҳраи Тоҳир— афсари ОМОН дар дили бисёриҳо монд. Ӯ фарёд мекард!

— Бас, бас акнун куштор!

Ин ҷавон моҳи август дар ҷанги водии Вахш кушта шуд. Ҳатто рафиқонаш гуфта наметавонанд, ки ӯро кӣ кушт. Ҳатто аз дур не, бо тири тасодуф не, балки қариб дастбагиребон куштанд. Аз як одами тасодуфие шунидам: Ӯ чизи бисёр медонист.

Ҷанги рӯзи даҳуми май ҷанги сахт буд. Аммо он як нуқтае дар марҳалаи аввали ҷанг шуд. Он процесси созмон додани ҳукумати мусолиҳаи миллиро тезонд. Ҳамон рӯз соати 20. Набиев ва роҳбарияти оппозиция оид ба таъсиси ҳукумати мусолиҳаи миллӣ дар гарнизони Душанбе гуфтушунидро шурӯъ намуда, соати 4 субҳи рӯзи дигар онро асосан ҳал кардаанд.

Дар он соатҳое, ки дар гарнизон гуфтушунид мерафт, телевизион муроҷиати нерӯҳои мардумиро ба СММ, Афғо-

нистон ва Эрон барои кӯмаки ҳарбӣ мешунавонд. Дар он сатҳо изҳороти раиси ХД Шодмон Юсуф дар бораи гаравгонии русзабонҳо, дар хусуси аз Афғонистону Эрон мадад хостани ӯ шунавонида мешуд.

Дар назари ман ин шахс сиёсатмадори аз сиёсат дур аст. Ман алҳол фақат як чизро мегӯям. Тасаввур мекунем, ки урдуи Ҳикматёр барои ёрӣ ба Тоҷикистон даромад. Ӯ медонад, ки халқи тоҷик ҳамчун ҷузъи халқи шӯравӣ дар ҷанги Афғонистон дар харобазор шудани деҳоти он иштирок дошт. Пас ин урду аз сарҳад то Душанбе рақскунон намеояд. Барои вай ҳамаи тоҷик як тоҷик. Барои ӯ тоҷики Афғонистон душман асту тоҷики мо чӣ? Магар инро Шодмон Юсуф намедонист? Ҳамчунон ӯ таҳдид ба мардуми ғайритоҷик карду ин боиси эътироз ва муроҷиати ҳаман ҷамъиятҳои ғайритоҷикӣ ба ИДМ ва СММ шуд. Аз ин гӯё Ш. Юсуфов як андаке тарсид. Аммо чун ақибаш мустаҳкам буд, баъди чанд вақт ин амалро боз такрор кард.

Дар чунин шароит гуфтушунид оид ба ҳукумати мусолиҳаи миллӣ мерафт. Аввал гап-гап буд, ки Давлат Худоназаров вице-президент мешавад. Аммо ин вазифа барҳам хӯрд. Дар ҳукумати эълоншуда ҳеҷ кас аз роҳбарияти оппозиция набуд. Иллаташ ба фикри ман дар он аст, ки бебақоии ин ҳукумат, корношоямии он, вазъиятро ислоҳ карда натавонистанаш ва аз ҳама асосӣ, дар хунрезӣ ширкат карданашро ҳис мекарданд. Ҳамчунон гуфтан мехостанд, ки «мо барои вазифа мубориза набурдаем». Аммо дар ин ҳукумати таъсисшуда, аслан ва асосан дастнишондаҳои нерӯи мардумӣ монданд: ҳам одамони навомада ва ҳам як қисмати онҳое, ки аз собиқ боқианд. Бесалоҳиятии Раиси ҷумҳур дар сохтани ин ҳукумат ба ҳадде буд, ки ӯ натавонист шахси дилхоҳашро раиси кумитаи бехатарӣ монад ва зиёдтар аз он мачбур шуд генерал Б. Раҳмоновро вазири мудофиаи Тоҷикистон таъин кунад. Баъди ду-се рӯз ба шакли илова Давлат Исмон ҷонишини сарвазир таъин шуд ва касе, ки ҳамчун посбони магоза «хизмати халқу ватан»-ро ичро мекард, акнун дафтарҳои соҳаи адлияро раҳнамоӣ бояд кунад. «Нерӯҳои демократияхоҳ» бо роҳи зӯрӣ ҳукуматро ба даст даровардаанд.

Ва ин аслан табадулоти давлатӣ буд. Зеро на ихтиёран, балки мачбуран, ба истилоҳ зери мили камон, на дар сессияи Шӯрои Олӣ, балки дар майдону бо тавсияи аҳли майдон ҳукумат интихоб шуд. Агар ҳамин чиз қонунӣ бошад, демократӣ бошад, пас интихоботҳо лозим нестанд. Агар интихо

бот зарур бошад, пас ин чиз ғайриқонунӣ ва ба ин асос ҳодисаи ба амаломада табадулоти давлатӣ буд.

Шояд дар заминаи чунин андешаҳо Прокурори генералии ҳамон вақт Нурулло Ҳувайдуллоев 15 маи соли 1992 дар сессияи вилояти Ленинобод ин воқеаро табадулоти давлатӣ номид.

Барои ғолибон симои рақибонашон муайян шуда аллакай ҳукмашон дар хусуси онҳо содир гардида буд. Ин ҳукум чи гуна буд, инро аз иғвономаи «Чароғи рӯз», ки моҳи май ба табъ расид огоҳ шудан мумкин аст. Дар он зери рубрикаи «Их разискивает милиция» портретҳои А. Абдуллоҷонов, С. Кенҷаев, Н. Ҳувайдуллоев, Н. Дӯстов, А. Сайфуллоев, В. Воҳидов, чоп ва онҳо ба истилоҳҳои «наҳанг» «Ман тарсак не», «на садояш баланд мешаваду на симояш падидор», «реша мондааст» масхара шудаанд. Тавре ВУД баътар хабар дод, онҳоро суроғ надорад. Аммо ин найрангбозии «Чароғи рӯз» барои он зарур буд, ки ашхоси намбурда ва Р. Олимов, Ш. Шабдолов, А. Азимов, А. Ҷабборов, А. Очиловро ба ҷаллодонӣ худӣ шиносонад, ва фаҳмонад, ки:

«Бархе аз онҳо вақти аз Душанбе бадар рафтан худро мурда вонамуд карда, бархи дигар ришу мӯйлаби сунъӣ часпонида дастор бастаанд... аз бинои КГБ як села занони чодарпӯши роҳгардиашон ғалатӣ «шитобзада ба вертолёт бало шуданд. Гурезаҳо будани «занон»-ро шоҳидон пай бурдаанд.

Маҳалли иқомат, симо, сару либос, ҷинсият, ҳизбият ва миллияти ин ашхос метавонад зуд-зуд тағйир ёбад.

Дар озодӣ будани онҳо барои ҷамъият хатарнок аст, аз ин рӯ хоҳишмандем ин саҳифаи «ЧР»-ро дар ҷойҳои серодам, аэропорт, вокзал, бозор, мағозаҳо ва ғайра часпонед.

Агар дар бораи ҷои зист ва амалиёти онҳо огоҳӣ дошта бошед, фавран бо наздиктарин шӯъбаи милиция хабар диҳед».

Чунин мубориза мебурд ҳукумати ғолибе, ки худро демократ метарошид. Ин таҳдиди рӯйрост барояш чизи оддӣ менамуд.

Аммо барои мардуми ғамзада, мондашуда, дилтангшуда муҳим он буд, ки умеде ба басанда гардидани кашмакашиҳо ба вуҷуд омад. Мардум ба ин ҳукумати навташкили ликқонак ба чашми нобоварӣ нигарад ҳам, аммо умед мекунад, ки он митингбозиҳоро бартараф мекунад, ранҷ сарсонӣ ва қаҳтӣ, руснагиро пешгирӣ месозад, аз қиматӣ наҷот мебахшад, аз таъддию зӯрӣ халосӣ медиҳад. Мардум ба ин умед буданд,

ки ин ҳукумат силоҳро чида мегирад, аҳзобро аз ҷангбозӣ ба муборизаи сиёсӣ мегузаронад. Ҳар таарруз ва таҷовузи хориҷиёнро пешгирӣ мекунад. Муҳим он буд, ки ин ҳукумат дар атрофи Раиси ҷумҳур тавъам муттаҳид мешавад. Он гоҳ олам гулистон. Бинобар он таъсиси ҳукумати мусолиҳаи миллиро дар Душанбе, ки тамоми моҷарои се моҳи охир ба дӯши он буд, бо оромии тарафдорона пазируфтанд.

Ҳамчунон мардум ба он фикр буданд, ки Набиев акнун дӯсту душманро фаҳмид, аз хоби гарони тариқи давлатдории коммунистӣ ва ё аз беҳаракатии давраи кор дар комитети муҳофизати табиат халос шуд, Ачаб не кунун вазирони кӯҳнаю навро сарҷамъ кунаду моҷароҳоро анҷом пазиронаду ба рушди иқтисод ва густариши робитаҳои мухталиф бо кишварҳои гуногун бипардозад. Чашми умед доштанд ба ӯ.

Аммо Набиев ҳанӯз ба дафтараш барнагашта буду майдони Шаҳидон низ фаъолияти худро ба охир нарасонда. Ман бисёр вақт андеша мекунам: кист гавҳорашунбони майдони Шаҳидон. Чаро протоколи рӯзи ҳафтум ҳам ба он беасар буду протоколи рӯзи 12 май низ? Чаро ба он сухани раҳбарияти ҳизби демократу созмони «Растохез» ним асар надорад. Пас ҳамаи валвалаи «демократҳо» аз пушти майдон асту бас.

Майдон чархтоби пуриқтидори худро дорад; ҳар он кас, ки дар майдон дар саҳнаи майдон наттоқӣ мекунад, гиря мекунад, зорӣ мекунад, ба актёрҳои театр монанданд: онҳое, ки дар майдон нишастаанд, тамошобинони театри тоҷиканд, ки аксариятро аз колхозҳо роҳбарият ба мошинҳо шинонда «ба саёҳати маданӣ» овардаанд, қисми дигарашонро роҳбарияти театр бо даъватнома ё билети бепул овардааст, то дар вақти зарурӣ бо шӯру садо актёронро дастгирӣ намояд. Вале шахси асосиро касе намебинад, гарчи актёрҳо сухани ӯро мегӯянд, аз рӯи таълими вай амал мекунанд. Ва ин режиссёраст, ки бе ӯ ин спектакль нест, вале ӯ дар саҳнаи намоиш хузур надорад. Ва ин коргардон басе хонда ва мумтоз аст, вагарна наметавонист ин драммаи кӯҳнаро чунин муассир таҳия кунад. Ва ё кӣ медонад шояд иллати дигаре буд. Ачаб не Тоҷикистон ба он деҳаи дастнораси кӯҳӣ мемонад, ки дар он ҳар пьесаи нав азёдшуда ҳамчун намоиши олӣ таҳиягардида тачаллӣ мекунад. Кӣ медонад, шояд.

Бисёриҳо ба ҳайси коргардони «Шаҳидон» ба ҳайси коргардони тамоми фочиаҳои Тоҷикистон Қозикалони собиқ Ҳочӣ Акбари Тӯрачонзодаро ном мегиранд. Ин ҷавонмарди ҳанӯз чилсоланашуда аз давраи заминҷунбии Шарора, аз вокеаҳои февралӣ шӯҳрат ёфт, ба бахташ ӯ вақте соҳиби курсии

қозикалон шуд, ки бозсозӣ барои озодии вақдон имкон дод, дар Тоҷикистон садҳо масҷиди нав бунёд гардид ва теъдоди масҷидраву рӯзадорҳо ҳазорҳо нафар афзуд. Дар ин шароит вай обрӯи воқеӣ пайдо кард, бефиромбозӣ депутати мардумӣ интихоб шуд, дар ҷаласоти Шӯрои Олӣ собит намуд, ки на фақат донишманди хуби илоҳиёт аст, балки сиёсату иқтисодро низ аз аксарияти кулли депутатҳо ва вазирҳо беҳтар медонад. Аммо ӯ ба зудӣ дину ташвиқи динро яксӯ гузошта, ҷиддӣ ба сиёсат пайваст, акнун мехост дар паҳлӯи мадрасаи исломӣ рӯҳияи куллии сиёсати исломӣ ба вуҷуд орад. Ӯ дар гуфтор муқобили давлати исломиасос буд, вале амалан барои он мубориза мебурд ва муқобилияти забониаш аз як тараф пардае бошад, аз тарафи дигар аз дарки воқеияти Тоҷикистон бар меояд. Гумон мекунам ӯ дар Тоҷикистон чунон ҳокимиятеро мехост, ки аз иродааш қадаме берун нагузорад.

Қозикалон барои мақсадаш пул ёфт: пули майдони Шаҳидон, пули хайрот ба масҷидҳо ва шояд пулҳои дигар. Оғози соли 1993 «Ҷумҳурият» дар такя ба «Новое время» навишт, ки Эрон барои майдони «Шаҳидон» 3 млрд. доллар сарф кард. Ин пулро барои силоҳи оташфишон ҳам сарф кард, барои созмондодани одамон ба амале ҳам, барои таблиғ низ. Таблиғгарҳо барои ситоишу ҳамкорӣ музд мегирифтанд, барои хомӯшӣ ҳам ҳаққашон мерасид, барои таввақҷӯҳро ба тарафи дигар ҷалб намудан низ.

Чунин андешаҳое ба вуҷид меомад дар хусуси коргардони тахминии «Шаҳидон».

Рӯзи 14 май дар майдони «Шаҳидон» намози пешинро хонданду он ба парокандашавӣ оғоз намуд. Дар ин майдон 48 рӯз митинг давом кард ва инак холӣ шуд, боз одамон ба кору бори зиндагии худ машғул гардиданд. Гӯё ҳама як орзу, як ният дошт: бадбахтии халқ рӯзи сахти халқ ҳамин қадар бошад. Худованд аз ғаму андӯҳи бештар нигоҳ дорад.

Ҳамон вақт, ҳамон рӯзе, ки майдони «Шаҳидон» пурра холӣ нашуда буд, дар он рӯзҳои ғаму андӯҳи ҷавонмаргшудагон аз дил нарафта ба Тоҷикистон офати табиӣ асар кард: дар вилояти Кӯлоб сели азим омад, дар Комсомолободу Обигарм кӯҳ кӯчид, одамони зиёде талаф ёфтанд. ТМТ ба азохона табдил ёфт: хабари марг, хабари фоҷиа, хабари гумшудани одамон.

Аммо орзӯи мардум набаромад. Дар Душанбе як муддат оромии зоҳирӣ ба амал омада бошад ҳам, аммо рӯз ба рӯз аниқтар мешуд, ки ин оромӣ худфиребист ва ҳеҷ гуна оромӣ нест, зеро ҳукумат нест, қонун нест, бехатарӣ нест.

Мафия, ҷавонон ва он идда ашхоси зархарид, ки барои амалӣ шудани мақсади ҳукуматхоҳон ёрӣ расонда буданд, акнун ҳаққи худро меситонданд барои ин талошҳову кушторҳо мешуд, байнашон. Якеро дар Кофарниҳон бо зарби 12 корд куштанд, дигареро дар Душанбе бо 7 тир паронданд...

Дар шаҳр ва вилояти Кӯлобу Қурғонтеппа ва водии Ҳисор овозаву тахдид авҷ мегирифт. Акнун натанҳо русу ӯзбекҳо балки тоҷикон низ кӯч мебастанд. Аз ватан кӯч бастан чист? Инро гуфтану навиштан намешавад. Фақат дарк бояд кард,ки

По тиҳӣ гаштан беҳ аз кафши танг,
Меҳнати ғурбат беҳ, дар хона ҷанг.

Ҳамаи ин гуноҳ ва нотавонии ҳукумат буд. Он натавонист муҳити солим ба вуҷид орад. Дар пойтахт прокурори генералӣ нест, ҳукумати ҳозира албатта бозгашти Ҳувайдуллоевро намехоҳад. Аммо Набиев, ки аз Кенҷаев маҷбуран ҷудо шудааст, аз Ҳувайдуллоев низ ҷудо шудан намехоҳад. Бинобар ин корро файсал медиҳад. Аммо суханашро президентвор, қатъӣ гуфта наметавонад. Вокеан, ӯро дар ҳукумат кӣ ҳам гӯш мекунад? Вай ба портрети дилбазаншудае табдил ёфтааст, ки хоҳанд сӯяш нигоҳ мекунанду нахоҳанд не.

Ана ҳамин хел гузашт дах-дувоздаҳ рӯзи ҳукумати мусолиҳаи миллӣ, ҳукумате, ки аслан набуд ва онро эътироф нанамуданд.

Соати 20. 30 рӯзи 23 май Раҳмон Набиев тавассути телевизион мурочиатномаашро хонд. Мақсади он ба ваҳдат даъват намудани мардуми Тоҷикистон, бас кардани ҷанг буд. Набиев мегуфт, ки мустақилияти Бадахшон, даъвои ин албатта барои худмуҳофизат кори хуб, аммо ин роҳи ваҳдат нест, роҳи парокандагист.

Набиев суханҳои хуб мегуфт, аммо сухан буданд онҳо ва ба Набиеве, ки ҳукумат сохта натавонист ва наметавонад гапашро ақалан ба як вазир гузаронад, ё ба як танқид, не тӯҳмати матбуот ҷавоб диҳад, кӣ аҳамият медод?

Дар Вахш таъқиби онҳое шурӯъ гардид, ки ба майдони «Озодӣ» кӯмаку ҳамфикрӣ намуданд, вақте як тан аз ғолибон кушта шуд, мурдаи онро бо тантана дар назди бинои комиҷроияи вилоят гӯронданд, ба муқобили раиси комиҷро ия қиём карданд. Аслан дар он рӯзҳо ҷанг шурӯъ шуда буд, ҷанги бисёр хунхорона, золимона, ваҳшиёна. Он вакт муллое, ки ҷасадашро баъди чанд рӯзи кушташуданаш ёфта, боз ду-

се рӯз дар талоши қабристон бардошта гашта оқибат дар маркази шаҳр гӯронда шуд, боиси митинге гашт, ки раиси комичроияи вилоятро ба истеъфо водошт. Акнун тахмину овозаҳои нав дар хусуси раиси нави комичроияи вилоят мерафт. Д. Худоназаров, Қ. Аслонов ва кадом шахсҳои дигар ро ном мегирифтанд. Кӯлобӣ шавад, ғармӣ зид, ғармӣ шавад, бадахшӣ зид, бадахшӣ шавад, кӯлобӣ, мегуфтанд одамон, ӯзбек ё хӯҷандӣ шавад, ҳамашон зид. Ин воқеаҳо нишон дод, ки дар Вахш насли дуюми фарзандони муҳоҷирон зиндагӣ кунанд ҳам, онҳо ҳанӯз вахшӣ нашуда буданд.

Дар он рӯзҳо Набиев Қурбоновро, ки ба созмони ҷавонон роҳбарӣ мекарду зодаи ин водӣ буд, сарпарасти вилоят таъин намуд. Ин андаке бошад ҳам, мухолифинро ором кард.

Дар Кӯлоб ҳам он вақт тирпарониву куштор идома дошт. Ҳама дар бораи зарурати сулҳ сухан меронду, аммо кӯшиши амалӣ ба мушоҳида намерасид. Ман боре мулоҳизаи як мӯйсафедро шунидам, ки мегуфт:

Баробари ҳатми митингҳо ва таъсиси ҳукумати нав мебоист Набиев роҳбарияти Душанбе, Ҳисор, Турсунзода, Ленин, Кофарниҳон ва Кӯлобу Хӯҷандро даъват мекард, онҳоро ба оромӣ ҳидоят менамуд, хоҳиш мекард, ки бо ҳукумати мусолиҳаи миллӣ ҳамкорӣ намоянд: ӯ бо иштироки Тӯрачонзодаву Ҳимматзода, ҳамроҳи роҳбарони Вахшу Қаротегин мебоист сӯҳбат мекард, аз онҳо хоҳиш менамуд, ки таҳқиру таъна ва қасду қасосро бас кунанд ва инро бояд ин ду тан ҳам тақвият медоданд.

Набиев бояд ҳамроҳи Давлат Худоназарову М. Навҷувонов ҷавонони Бадахшону мардуми бадахшонро ба оромӣ ҳидоят менамуд, ҳамроҳи Исмоил Давлатову Зокир Вазиров бо ҷавонони Вахё сӯҳбат мекард.

Баъди ин муллои барӯманде, ки дар ин ҷангҳо олудагӣ надошта бошад, тавассути ТВ фотиҳа мекард: барои супоридани силоҳ, ба кор набурдани яроқ, барои бас кардани хусумат.

Баъди ин ҳукумат сарвари худро бояд аз тӯҳмату таҳқири воситаҳои ахбори омма ҳимоя менамуд.

Ҳамзамон ба ҳамаи ин органҳои ҳифзи қонун ба таҳқиқи вайронкунандагони ҳуқуқ машғул мешуданд.

Аммо ҳеҷ кадоми ин нашуд. Роҳбарони навтаъиншудаи ҳукумат, роҳбарони навинтихобшудаи раёсати Шӯрои Олӣ ҳар кадом шоҳу табъашон вазир буд. Телевизиони мардумӣ ва матбуоти озод бо тамоми неруӣ Раиси ҷумҳури қонунӣ са-

римансабро наҳ мезаданд ва дар ҷанги авҷгирифта беномбурд, ҳатто баъзан ном гирифта, ӯро гунаҳкор меҳисобиданд.

Аз дасти Ранси ҷумҳур коре намеомад. Ҳатто ҳукуматро касе ба ду пул намегирифт. Ҳанӯз охири моҳи май пирӯзхо зӯрии худро нишон медоданд: садҳо шахс фаъолони майдони «Шаҳидон» ва мубалиғони онҳо имконӣ зиёрати қабри Ҳумайнию Ҳаҷҷи акбарро пайдо карданд, ҳукумат лом гуфта натавонист: қозикалон шаби Иди қурбон ба василаи телевизион баромад карда, бо тамоми ҳунар Набиеву ҳукуматашро наҳ зад, эътирозе ба амал наомад, ҳама ҷоду шуда буд.

Дар Эрон иштирок дар азои Ҳумайнӣ кори хуб буд. Аммо Эронрафтагон, албатта иддае аз онҳо бо корҳои дигаре ҳам машғул буданд. Шодмон Юсуф бо мошинҳои ташрифот ғайб мезад, барои тақводорҳо даъвати хос мешуд.

Дар бозор тоҷикистониҳои азодор мол мефурӯхтанду мол мехариданд. Муҳиб Қурбону Имомназар Холназар, Баҳманёру Соҷида аз зиндагии онрӯзаи кишваре, ки орзу ва умеди ҳар кадоми мост, ба шигифт омада буданд.

Тобистони Вахш ҳамеша гарм аст, аммо ин тобистон тамоман гарм ва тоқатфарсо буд. Он мардумро ором намедод, аммо ин на айби гармо, на гуноҳи табиат, балки ҷинояти одамӣ буд, ки ҳамдигарро мекушт. Тоҷик барои куштани тоҷик рафта аз Афғонистон силоҳ меовард, рафта дар Афғонистон тамрин мекарду ҳунари файр меомӯхт.

Тоҷик барои куштани тоҷик, аммо бо шиори қатъи бародаркушӣ ташкилоти ғайриқонунии сабтнашудаи ситоди «Наҷоти Ватан» месохт ва роҳбари он эълон мекард, ки қаҳри ман сахт ва ҳар кас ки аз фармони ман берун шавад, дар ҷояш сазояшро мегирад. Ҷанг аланга мегирифт, ба номи ҷанги мусулмону куффор аслан ҳарду як халқ буд ва ҳам аз нигоҳи дину мазҳаб ва ҳам аз нигоҳи қавм мусулмон, тоҷик. Ҷанг мерафт, одам мекуштанд ва молу мулкашонро ба яғмо мебурданд.

Чун сухан аз ҷангу ҷангталабӣ аст, барои мушоҳидаи ташаккули ин рӯҳия дар қаряҳо як-ду мисолро овардан мехоҳам.

Дар рӯзи иди қурбон дар маркази ноҳияи Кӯйбешев роҳбарияти нав бо ташаббуси намояндагони ҳизбҳои Наҳзати ислом ва демократӣ, масоҷиди ноҳия, ҷамъиятҳои Растохез ва «Лаъли Бадахшон» манифестацияи идона доир намуд. Айнан ба ҳамон шакле, ки пештар дар навоҳӣ идҳои якуми май ва 7 ноябрро истиқбол мекарданд. Фақат бо он илова, ки дар

охир барои эҳтиёҷоти ситоди «Наҷоти Ватан» маблағ ҷамъ намуданд.

Дар ҳамин ноҳия эълон карданд, ки ҳар ки вақти хонадоршавиаш коммунист буда бошад, никоҳаш ҳаром ва фарзандонаш ғайришаръиянд. Лиҳозо аз нав никоҳ кунанд. Ман шунидам, ки Саидшоев, ки солҳо аз роҳбарони ноҳия буду дар ин айём нафақахўр аз ин даъват сар печидааст ва гуфтааст: Чӣ ҳалолу чӣ ҳаром, кӣ гунаҳкору кӣ бегуноҳ бандаи худо муайян карда наметавонад.

Дар ҳама ҷо шиори оштӣ ва вахдати миллат мерафт, аммо Аслиддин Соҳибназаров бе ҳимояи кӯҳистониҳо, бе киноя ба хуҷандиҳо сухан ронданро фаромӯш карда буд. Ҳама осоиш мехостанд, аммо ҷавонони мусаллаҳ аз сари полез маҳсулоти деҳқонро рабуда ба бозор меоварданд. Дар кӯчаву бозор ашхосе тиҷорат мекарданд, ки ин касб барояшон бегона буд. Ҳама вахдати Тоҷикистонро мехост, аммо дар Қурғонтеппа конфронси тоҷикони кӯҳистон бо иштироки генерали мардумӣ Қиёмиддини Ғозӣ, Бӯрӣ Каримов, Давлат Худоназаров, Давлат Исмон, ва волии вилоят Қурбонов доир мешавад, ки лейтмативаш ин аст: «Хуҷандиҳо моро ҳафтод сол ғорат карданд, манъи тарбияи кадрҳои маҳаллии мо шуданд, ба мо вазифа надоданд. Мо бояд муттаҳид шавем».

Маҷлисе, ки дар яке аз толорҳои асосии Қурғонтеппа дир шуд, намедонам чи ном додани он ба ҳақиқат наздиктар мебуд—маҷлис, конференция, съезд ба ҳар ҳол аз нигоҳи одамоне, ки муттаҳид карда буд, яке аз қадамҳои ҷиддие ба парокандагии миллӣ, таъсиси миллатчигӣ буд. Ҳамин конференция собит мекунад, ки созмондиҳандагонаш, сарфи назар аз изҳороташон, аслан ҳамон хел осоишро мехоҳанд, ки онҳо ҳукумронӣ кунанду дигарҳо мутеашон бошад, яроқи онҳо бо худашон бошаду дигаронро халъи силоҳ кунанд, онҳо мусулмону бонии ислом ва рақибонашон кофиранд.

Шояд андешаи ҳамин хел «миллатхоҳҳо» буд, ки шурӯи ҷанг низ ба шеваи дилхоҳ талаққӣ мешуд. Як марди тоҷикободӣ мегуфт, ки ҷанг дар Вахш аз он ибтидо ёфт, ки 10-12 ҷавонзану духтари қаротегиниасли ноҳияи Вахшро лақайҳо бурда, лучи модарзод карда, таҳқир намудаанд. Аммо ӯ на тавонист гӯяд, ки чаро ҷанг байни тоҷику лақай (туркҳо) неву тоҷику тоҷик авҷ гирифтааст?

Боз ҳамон мард мегуфт, ки мо ба ҳимояи дини муқаддас намехостем, чун дар Ӯзбекистон масҷидҳои мо баста ва мулоҳо ҳабс мешуданд.

Ана ҳамин хел буд, таблиғи гурӯҳе аз сулҳу оштихоҳон.

Дар Хоруғ конфронси сулҳ мешавад, ки дар он ҳама тараф-ҳои ҷангӣ иштирок мекунанд, барои чӣ бошад, ки дар лаҳзаи охир сафари Раиси ҷумҳурро ба Бадахшон монеъ мешаванд.

Дар ин айём Набиев оҳиста-оҳиста бошад ҳам, ба кор мепардозад, ба Эрону Покистон сафар карда, мувофиқатномаҳои иқтисодиву маданиро имзо мекунад. Хуҷанд, Кӯлоб, Қурғонтеппа рафта кӯшиш менамояд, ки обрӯи рехтаашро баркарор ва оромии вазъиятро ҳосил намояд.

Бозгашти Прокурори генералӣ Ҳувайдуллоев ба Душанбе ва шурӯъ кардани ӯ ба иҷрои вазифа дар охири июн ба Набиев қуввае мебахшад ва Ҳукумати мусолиҳаи миллӣ ва пуштибонҳои онро ба ташвишу изтироб меорад. Қозикалон ӯро барои тӯҳмат ба суд доданӣ мешавад ва телевизион барои шарманда карданаш бо ӯ мусоҳибаи мустақим ташкил карда, аслан худ шикаст меёбад. Онҳое, ки прокурор ба ҳамкориашон бо ришватхӯрон ишора мекунад, ба қонуншиканиашон гувоҳӣ медиҳад, дандон мехоянд.

— Чаро моҳи май гурехтӣ? Аз марг тарсидӣ? — таъна мезанандаш.

— Не, ман аз марг наметарсам ва ин хатар ҳоло ҳам бартараф нест. Ман аз он қатле метарсам, ки қотилаш номаълум мемонад. Имрӯз вазъият дигар аст.

— Пас чаро бо телехранителҳо мегардӣ? Кӣ ба онҳо маош медиҳад?

— Ман телехранител надорам.

Масъалаи муҳофизи (телехранител) Н. Ҳувайдуллоев рақибонашро ором намегузорад. На фақат инро мухбирон савол медиҳанду таъна мекунанд, балки борҳо Навҷувонов гӯшзадаш менамояд, Соҳибназаров ба Шӯрои Олӣ дархости депутатӣ медиҳад. Мақсади ҳамаи инҳо чӣ буд: оё ин «ҳақиқатхоҳиҳо» ба «ҳақиқате» ки рӯзи 24 августи 1992 ба амал омад, умумияте надошта бошанд?

Ду саволи «айбдоркунандагони» Прокурори генералӣ кушандаи худашон мешавад. Ба яке Ҳувайдуллоев бо мисол ҷавоб медиҳад:

— Агар ӯзбекон ва мардуми фарғониасли водии Вахшро таъқибу таҳқир намекарданд, чӣ зарур буд, ки дару хонаи бо ҳазор заҳмат дар тӯли солҳои дароз обод кардаашонро тарк кунанд?!

Дар ҷавоби дигараш мегӯяд:

— Дар байни шумо ҳам журналисте нишастааст, ки бо ҳамин роҳ аз комиҷроия хона гирифтааст. Чаро дар байни

онҳое, ки имтиёзнок хона мегиранд, муаллим нест, духтур нест?

Раиси ҷумҳур мехоҳад дар такя ба Прокурори генералӣ ва иддае аз интелегецияи обрӯманд, ки бо ӯ наздиктар шуда буданд, мавқеашро мустаҳкамтар кунад. Сессияи моҳи августи Шӯрои Олӣ дар ин чиз марҳилаи ҷиддие гардид. Маърӯзаи Раиси ҷумҳур дар ин сессия, тахлили амиқи воқеаҳо дар он, рӯйрост номбаркардани вайронкорихои роҳбарони оппозиция, аз ҷумла Д. Исмон, Ҷ. Аминов, Ш. Юсуф онҳоро хело асабӣ кард, бар замми ин аз назорати органҳои адлия сабукдӯш кардани Д. Исмон барои онҳо хело сахт анҷомид.

Бояд гуфт, ки дар ин сессия боз як қонуншиканӣ баамал омад. Дар конститутсия бо мувофиқати раиси комитети конститутсионӣ тағйирот дохил карда, С. Кенҷаевро бо 133 овоз (ба ҷои 154 овози қонунӣ) аз вазифаи Раиси Шӯрои Олӣ холӣ ва бо пешниҳоди Набиев ба ин вазифа А. Искандаровро интихоб намуданд. Сессия ба ҷои он ки марҳаллае дар қатъи ҷанг гардад, сабаби авҷ гирифтани он, сабаби бадбинии бештари ҳамдигарӣ мешавад. Қуввахои мукобил ба душмани рӯйрост табдил меёбанд. Кӣ киро?

Аз як тараф Қозиёти Душанбе ва атрофи он, ҳизбҳои наҳзати ислом, демократӣ, ҷараёни Растохез, Созмони «Лаъли Бадахшон», ки хуб мусаллаҳ ва аз нигохи моддӣ таъминанд ва дар ҳукумат такягоҳи хуб доранд ва аз тарафи дигар Раиси ҷумҳур ки на артиш доранд на вазорати мудофиа ва на ҳамаи вазирон ба гапаш гӯш мекунанд. Ҳамчунон аз нигоҳи моддӣ тиҳӣ аст, иқтисод то рафт хароб мешавад, халқ нон мехоҳад, оромӣ мехоҳад, маоши бештар талаб мекунад, аммо дар ду вилояти Қурғонтеппаю Кӯлоб кор нест, ҳукумат қудрати корфармоӣ надорад.

Набиев кӯшиш мекунад атрофиёнашро мустаҳкам намояд, дар ҳукумат такягоҳ пайдо кунад: муовини аввали Раиси Девони вазирон Ч. Каримовро аз Москав ба Душанбе мефирад, зеро А. Мирзоев аслан кор намекунад.

Пас аз кӯшиши тақрибан дуҳафтаинаи пурзаҳмати хеш муяссар мешавад, ки раиси комиҷроияи ноҳияи Шаҳринав Ш. Шарифовро раиси Кумитаи амнияти миллӣ таъин кунад, ҳамчунин генерал Б. Раҳмоновро аз вазифаи вазири мудофиа сабукдӯш намояд.

Бо ҳукумати Россия дар масъалаи истифодаи артиши ин мамлакат ва иддае аз дували дигари ИДМ гуфтушунид сар мешавад, мувофиқати умумӣ, бахусус дар мустаҳкам намудани сарҳад ҳосил мегардад ва тахмин меравад, ки авоили

сентябр Раиси ҷумҳур барои имзои шартнома ба Москав хоҳад рафт.

Дар боло ишора шуд, ки Раиси ҷумҳур қувва надорад. Аммо дар матбуот тарафдори Набиев ва ҳукумати ӯ будани мукобилиятнишондиҳандагони Кӯлоб ҳамарӯза таъкид мешавад. Ин ҳақ аст, ки шиори онҳо аз ҷумла барқарор кардани ҳукумати қонунӣ дар вазъи то 7 май аст, аммо на онҳо артиши ҳукуматии Набиев буданду, на неруҳои мардумӣ урдуи расмии ҳукумати баъди Набиев. На ин қонунӣ шуда буду на он. Душвории баҳо додан ба ин неруҳо низ дар ҳамин аст.

Вале сухан аз он мерафт, ки Набиев атрофашро мустаҳкам мекард. Аммо рӯзи 24 вгусат фоҷиа рӯй дод. Соати 8.30 пагоҳӣ дар кӯчаи Ломоносов прокурори генералиро бо 16 тир ваҳшиёна куштанд.

Қонун кушта шуд,— гуфтанд одамон.

Баъдтар ҷарроҳ Ҷамоллиддин Иброҳимов, ки ҷасадро борои «хайрухуш» ҳозир карда буд, ин ваҳшониятро чунин шарҳ дод: тамоми пой, устухонҳои пой бо тир пора-пора карда шуда, ҷоғи тарафи рост бо тир фурӯ нишонда, ба сари синаву дил чор тир зада, ҳатто баъди марг ҳам дили қотилон хунук нашуда, тирпаррониро давом додаанд.

Шоҳидон ва мушоҳидон сарфи назар аз таҳқиқоти хело ҷиддии «матбуоти озод»-и вақт, ки қотилро дар атрофиёни Раиси ҷумҳур суроғ кунонданӣ мешуданд, пай мебурданд, ки ин куштор маблағи калон, ҷаҳолати бузург, созмондиҳандагони кордонро мехост. Баъзеҳо эълони зикршудаи «Чароғи рӯз»-ро ба ёд меоварданд. Дигарҳо ба ТМТ ишора мекарданд, ки зӯр зада телехранителдории ӯро маҳкум мекард, бо мусоҳибаи муҳим ӯро забонкӯтоҳ карданӣ буд, гурӯҳе аз он ёд меовард, ки муллои зодгоҳи Н. Ҳувайдуллоев-Мулло Раҳим ду рӯз пеш аз воқеа «Дар Душанбе ҳамин шабу рӯз як кори зӯр мешавад» ва рӯзи 24.08 баъди намози субҳ албатта ҳанӯз соат аққалан 8 нашуда), «Нурулло Ҳувайдуллоев кушта шуд» гуфта будааст. Ҳама воқеаро ҳар хел, ин сарнавишторо, ин инсонро шинохтану шиносонидан мехост. Аммо душманаш низ оҷиз буд эътироф намояд, ки ӯ аз роҳи ҳақиқат намегардад.

Чи одаме буд Н. Ҳувайдуллоев? Намедонам. Аммо ду чизро гуфта метавонам, моҳи марти соли 1990 дар рӯзи 50 солагиаш, баъди воқеаи феврал бисёр дӯстонаш тарсиданд табрикаш кунанд.

Рӯзи 25 августи соли 1992 рӯзи видо чун хона надошт, тар-
баташро аз хонаи акааш ба рохи охирин бурданд.

Кушта шудани додситони кулли ҷумҳурӣ Нурулло Ҳувай-
дуллоев воқеаи яклаҳзагӣ, воқеаи тасодуфӣ ё тавре, ки «Ча-
роғи рӯз»-у «Адолат» барин нашрияҳо «фаҳмондан» мехос-
танд, амали зимомдорони давр набуд, балки як сӯиқасди ан
дешидашудае, пухташудае буд, ки аҷаб не ташкилотчиёнаш
барои он миллионҳо сӯми ҳамон вақтро дареғ надошта бо-
шанд. Як сӯиқасди гӯшношуниде буд, ки чаббортарин котил
он, ки сафедкунакҳои таблиғоти доштанд, дар он сахм ги-
рифтанд. Ин сӯиқасд хусусияти давлатӣ дошт. Зеро Ҳувай-
дуллоев воқеаи моҳи май ва ҳукумати мусолихаи миллиро
ғайриқонунӣ эълон карда буд. Ин сӯиқасд хусусияти давлатӣ
ва идеологӣ дошт, зеро онҳое, ки нав ба қудрат расида бу-
анд, намехостанд, шахсе додситон бошад, ки қонунпараст
аст. Онҳо ҳукуматеро мехостанд, ки қонунаш сухани ҳуда-
шон бошад. Онҳо Ҳувайдуллоевро махз барои он намехос-
танд, ки ӯ дар ҳимояи конституция буд. Зиндабудани ӯро
намехостанд. Мазҳакаи «Чароғи рӯз» «Их разыскивает ми-
лиция»-ро ёд доред. Он ҷо марги прокурорро мехостанд. Ба
ин ду хабар ҳам аҳамият диҳед, дар онҳо ҳам аён аст, ки
онҳо ба ҳаёти Нурулло Ҳувайдуллоев худро сохиб хисоб
мекунанд:

МАҚСУДИ ИКРОМ БА ОЗОДӢ МЕБАРОЯД

Чуноне, ки итилоъ ёфтем, дирӯз раиси бонки тиҷоратии
кумитаи иҷроияи Душанбешаҳр Сайфиддин Розиков, ки бо
мақсади ба «дом» афтондани мири шаҳри Душанбе Мақсуд
Икромов ба маҳбас кашида шуда буд, ба озодӣ баромад.

Ҳамчунин мо дарак ёфтем, ки рӯзҳои наздик мири шаҳри
Душанбе депутати халқи Тоҷикистон Мақсуди Икром, ки бе
ягон далели шайъӣ бо тӯҳматҳои ғаразноки аскарони замон
ба ҳабс гирифта шуда буд, ба озодӣ мебарояд. Яъне ӯро аз
маҳбаси Хуҷанд ба Душанбе меоранд.

Ин иқдоми хукуматро гӯё қуввахои оппозицион табрик
намуда, ахд кардаанд, ки кафили осоиши Додситони кулли
ҷумҳурӣ Нурулло Ҳувайдуллоев мебошанд. Аз ин хотир Н.
Ҳувайдуллоев ба Душанбе омада, ба кор шурӯъ намудааст.
Бошад, ки рӯзҳои наздик дар чеҳрахои фарзандон, хешу наз-
дикони Мақсуди Икром табассуме гул кунад.

ИЗҲОРОТИ НЕРӮҲОИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН

Рӯзномаҳои «Садои мардум» ва «Ҷумҳурият» аз 27.05.92 хабар нашр кардаанд, ки «рӯзҳои наздик мири Шаҳри Душанбе Мақсуди Икром... ба озодӣ мебарояд. Ин иқдоми ҳукуматро гӯё қуввахои оппозицион табрик намуда, аҳд кардаанд, ки кафили осоиши Додситони кулли ҷумҳурӣ Нурулло Ҳувайдуллоев мебошанд».

Мо албатта иқдоми ҳукуматро дар бораи озод кардани Икромов табрик мегӯем, вале бо салоҳат изҳор менамоем, ки мо бо ҳеҷ касе аҳд накардаем ва кафили осоиши касе нашудаем.

Дар бораи Додситони кулли ҷумҳурӣ гуфтанием, ки бар асоси протоколи созиш байни Раиси ҷумҳур, раёсати Девони Вазирон ва нерӯҳои оппозицион истеъфои Н. Ҳувайдуллоев пешбинӣ шуда ва минбаъд дар вазифаҳои масъули давлатӣ кор накардани он зикр шуда буд.

Аз ин рӯ, мо аз Раиси ҷумҳур қатъиян талаб менамоем, ки ичрои бандҳои протоколи созишро пурра таъмин намояд.

Раиси ҲНИ М. Ҳимматзода,
Раиси ҲДТ Ш. Юсуф,
Раиси Созмони Растохез Т. Абдуҷаббор.
Раиси Созмони Лаъли Бадахшон А. Амирбек.

Тасаввур мекунед барои дар матбуот таҳқир кардани шахсе, ки дар назди халқу миллаташ гуноҳ накардааст, ҳамеша дар ҳимояи қонун будааст, чӣ қадар ҷуръату чӣ қадар пул даркор аст?! Тасаввур мекунед, ба чӣ қуввае такя доштанд ин журналистони «озод» ки дар пардаи телевизион Ҳувайдуллоевро шарманда кардани будаанд худашон расво шуданд.

Бузургии Н. Ҳувайдуллоев дар он буд, ки гарчи медонист, душманони қонуният ӯро ором намегузоранд, аз адолат ва инсоният даст накашид. Магар дар зодгоҳаш Понғоз як лахт нон намеёфт? Магар дар ҷое дуртар аз Душанбе ин номзади илм, ин ҳуқуқшиноси воқеӣ барои худ кору луқмаи ҳалол намеёфт?

Меёфт. Беҳтарашро шояд, беғамтарашро шояд. Аммо ӯ аз худу, виҷдони худ гузашта наметавонист.

Нурулло Ҳувайдуллоев дар Душанбе зиёдтар аз ҳақиқату қонун дилкашолие надошт. Ӯ сарватманд набуд, сарваташ танҳо халқ буду қонун. Ёд дорам як рӯз пеш аз фавташ ҳамроҳи шарикдарсаш С. Шарофов бо ифтихор ёдоварӣ мекарданд, ки онҳо чанд нафар генерал доранд. Ёд дорам ҳамон

рӯз бо таассуф аз беэътиноии муҳофизони ҳуқуқ ва бо алам аз фоҷиаи як гурӯҳ ҷавонони бадахшӣ, ки ба қаъри дарё афтида буданд, сухан мегуфт. Ёд дорам ҳамон рӯз чун аз гирифташудани телехранителҳояш сухан рафт, ғамолуд хандиду гуфт: Аҷал расида бошад, аз дасти онҳо чӣ меояд?.

Ӯ барвақт медонист, ки душманони қонун ӯро амон намедиҳанд. Диққат кунед ба изҳороти ӯ ки тақрибан 55 рӯз қабл аз шаҳодаташ нашр шуда буд:

ИЗҲОРОТИ ДОДСИТОНИ КУЛЛИ ТОҶИКИСТОН НУРУЛЛО ҲУВАЙДУЛЛОЕВ

Рӯзҳои охир дар доираҳои муайяни ҷумҳурӣ овозаҳо дар бораи маро ҷисман нобуд кардан беш аз пеш пахш шуда истодааст. Хатари ин амал он қадар воқеӣ ва ҷиддӣ аст, ки ман қарор додам бо изҳороти зайл баромад намоям.

Инак, як сол мешавад, ки дар баъзе воситаҳои ахбори оммавӣ маъракаи дурӯғу бӯҳтон нисбати ман, ҳамчун Додситони кулли ҷумҳурӣ қувват дода мешавад. Он баъди аз тарафи додситонӣ боздошт шудани М. Икромов ва ҳодисаҳои муайяни шаҳри Душанбе дар моҳҳои апрел-май яку якбора пурзӯр гардида буд. Ҳадафи он маро беобрӯ кардан ва аз вазифа сабукдӯш намудан ва ба ҷои ман шахси дилхоҳашонро таъин кардан аст, то вай қонуншиканиро, ки ҳоло дар ҷумҳурӣ рӯй дода истодаанд табаррукӣ созад. Таҳдиде, ки ҳоло садо медиҳад, анҷоми мантиқии маъракаест, ки дар матбуот вусъат дода шудааст, давоми мантиқии равандҳое мебошад, ки дар ҷумҳурӣ рӯй дода истодаанд. Азбаски бамеъёри аз вазифа сабукдӯш кардани ман кадом асоси қонунӣ надоранд, доираҳои муайян қарор додаанд, ки ба чораи қатъӣ даст зананд.

Ба ин одамон чи иқдоми ман номаъқул аст? Мавқее, ки ман ҳамчун Додситони кулл дар он қарор дорам, ки ҳамеша ҳимоя кардани қонун аст ва роҳ надодан ба он касе онро вайрон кунад. Аз ҳама гуна аҳзоб ва ҷумбишҳо сарфи назар аз он ки бо кадом шиорҳо онҳо баромад мекунанд, талаб менамоям, ки қонунҳои ҷумҳурии Тоҷикистонро риоя ва эҳтиром кунанд. Ҳеҷ гоҳ ва ба ҳеҷ касе бовар намекунам, ки бо шиорҳо ҳама чизро ҳақ бароварданӣ мумкин бошад ё амалӣ намудани ғояе, ки инсонҳоро ба ҳалокат мебарад, арзиш дошта бошад. Ба назарам маҳз ҳамин мавқеи ман ба онҳо намефорад.

Вазъи ҷумҳурӣ ҳоло ниҳоят мураккаб аст. Имрӯз ба ҳа-

ҳамаи нирӯҳои сиёсӣ лозим аст, ки ҳаддалимкон бурдбориҳо ва хирадмандӣ зоҳир намоянд. То ки ҷомеаи мо тамоман титу пора нагардад, то ки ҷанги шаҳрвандӣ ба амал наояд. Аз ин сабаб риояи қонун бисёр зарур ва пайдо намудани роҳи созиш хеле муҳим аст. Вале аксар вақт иқдомоти хилофи ин амр ба мушоҳида мерасад. Қонуният поймол карда шуда аз барои иддаҳои сиёсии баъзе ашхос одамони бегуноҳ ҳалок шуда истодаанд.

Додситони ҷумҳурӣ ҳоло корҳои зиёдеро анҷом медиҳад, то пеши ин равандро бибандад. Аммо аз сабаби он фишоре, ки ба мо мерасонанд, ба иллати он зиддияте, ки кормандони мо бо он рӯбарӯ ҳастанд, додситонӣ гоҳо дар иҷрои ин вазифа оҷизӣ мекашад. Ягона роҳи баромадан аз ин вазъият роҳи гуфтушунид бо иштироки намояндагони вилоятҳои Кӯлоб, Қӯрғонтеппа, Ленинобод, ҳамаи аҳзоб ва ҷунбишҳо, ҳамаи ашхоси манфиатдор мебошад. Ин гуфтушунидҳо бояд таҳти роҳбарии Раиси ҷумҳури қонунан интихобшудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат бигирад.

Дар раванди мӯътадилгардонии вазъият воситаҳои ахбори умум нақши калон бозида метавонад, вале баъзеи онҳо, аз ҷумла симои мардумӣ баръакс ваъиятро тезу тунд менамоянд, бо ҳар роҳ гуфтушунидҳоро вайрон мекунанд, ҷомеаро ба парашавӣ ва ҷанги шаҳрвандӣ тела медиҳанд.

Дар роҳи ҳалли ин масъалаҳо ҳукумати муросои миллӣ ҳам бояду шояд кор намекунад. Баъзе аъзои ҳукумат мавқеи фурсатпоиро ишғол намудаанд. Охир ҳоло бисёр корҳоро иҷро кардан мумкин аст. Д. Худоназаров ҳарчанд аъзои ҳукумат нест, ҳамеша дар маркази воқеаҳо мебошад, худаш гоҳо бисёр масъалаҳои доғро ҳал менамояд, рисолати ниҳоят мураккаб ва бағоят муҳими оштидиҳиро иҷро мекунад.

Ба ҳамаи мо сулҳ, оромӣ ва тартибот зарур аст. Дар акси ҳол мо ояндаи халқи худ, кишвари худро маҳв месозем. Инро нафаҳмидан ҷиноят аст!

Ана чунин таърихчаро аз рӯзҳои вопасини ҳофизи қонун ва сарусадои атрофи ӯ ёд овардем, ки ин муште аз хирвори бозиҳои ҷоҳталабонаи қонуннописандон дар муқобили Додситони кулли ҷумҳурии Тоҷикистон Нурулло Ҳувайдуллоев мебошад.

Наметавонам боз як чизро ногуфта монам. Дар он рӯзҳое, ки аз карнаи садо ва пардаи симои мардумӣ оҳангҳои тӯю сури хосашон танинандоз буд, дар он рӯзҳое, ки мухбирони «аз вичдон озод» дар маросими видои Н. Ҳувайдуллоев ғарази сиёсӣ мечустанд, дар Ашт ва тамоми вилояти Лени-

нобод, дар Хатлону водии Ҳисор, сӯгворӣ буд, дар дили ҳар фарди қонунписанди тоҷик, чӣ дар Душанбе, чӣ дар Қаротегину Бадахшон ғам буд.

Дар ҳамон рӯзҳо ҳамдиёрони ин шаҳид мурочиатномаи сиёсие фиристоданд ки садову симо надод, ба гӯши ҳукумат нарасид. «Садои мардум» чоп кард, ки он вақт дастрас набуд. Мехоҳам ҳамонро такроран ёд орам. Чунки вай кӯхна намешавад.

МУРОҶИАТНОМАИ

меҳнаткашони ноҳияи Ашт ва вилояти Ленинобод ба Раиси Ҷумҳури Тоҷикистон Раҳмон Набиев, Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Акбаршоҳ Искандаров, Сарвазири Тоҷикистон Акбар Мирзоев

Хабари ваҳшиёна ва ноҷавонмардона кушта шудани фарзанди фарзонаи миллати тоҷик, яке аз муборизони роҳи адолат ва ҳақиқат, муҳофизи баэътимоди қонуният, ҷонибдори ҳақиқии халқи заҳматкаш, Додситони кулли ҷумҳурии Тоҷикистон, депутати халқи ҷумҳурӣ Нурулло Ҳувайдуллоев дили ҳамаи моро реш-реш кард. Фарде аз байн рафт, ки тамоми донишу маҳорат ва ҳастии худро баҳри хизмат ба халқу ватан, ҳимояи манфиатҳои қонунии заҳматкашон, муборизаи зидди қаллобӣ, мардумфиребӣ, қонуншиканиҳо бахшидааст.

Тамоми мардуми ҷумҳурӣ роҳи тайкардаи Нурулло Ҳувайдуллоевро ба хубӣ медонад. Ӯ дар зинаҳои мухталифи маҳкамаҳо бо сидқи дил, бо виҷдони қомоти додгустариву пок, аз рӯи адлу инсоф кор кардааст. Вай байни мардум ҳамеша хоксору нармгуфтор буд. Халқи азизашро дӯст медошт, манфиатҳои қонуниашро ҳимоя мекард. Дар лаҳзаҳои душвортарине, ки ба сари ҷумҳурӣ омад, баъзе роҳбарони мо бо ҳар баҳонаҳо худро аз мубориза ба канор гирифтанд. Вале Нурулло Ҳувайдуллоев дар душвортарин рӯзҳои ҷумҳурӣ низ мавқеи қатъӣ, принципнокӣ, адолатҷӯӣ, боҷасоратии худро аз даст надод. Ба ӯ аз ҳар тараф қувваҳои оппозиционӣ фишор меоварданд. Мо инро борҳо мушоҳида кардаем. Ба ин яке аз воқеаҳои вохӯрии рӯзноманигорон тавассути симои ҷумҳурӣ низ мисол шуда метавонад. Лек Нурулло Ҳувайдуллоев дар ҳамаи мавридҳо боиродагиву пуртоқатии худро нишон дод. Бо ҳар гуна фишорҳои ноадолатонаву тӯҳматангез дар асоси қонун, бо бурҳони қотеъ зарба мезад. Дар мавридҳои душвортарин Ҳувайдуллоев ҳамрозу ҳамдам ва ҳаммаслаки халқаш

буд. Аз ин ҷост, ки халқ дар симои ин марди асил такягоҳи боэътимоди адлу инсофро медид. Вай сарват ҷамъ намекард. Орзуи сарватмандшуданро надошт. Рӯзгори хоксорона бар сар мебурд. Ҳатто ӯ дар деҳаи азизаш Поңғоз, ки дар ҳамин ҷо таваллуд шуда, ба воя расидааст, як кулбаи фақирона ҳам надошт, ки имрӯз тобуташро аз он ҷо бароранд.

Таҳдид ба ҳаёти Нурулло Ҳувайдуллоев кайҳо сар шуда буд. Аз ноҳияҳои гуногуни ҷумҳурӣ барқияҳое меомаданд, ки бехатарии ӯ таъмин карда шавад. Аз як худи ноҳияи Ашт ба номи раиси ҷумҳур ва дигар роҳбарони ҳукумат ба ин мазмун даҳҳо барқияҳо фиристода шуда буданд. Вале ҳукуматдорони мо чунин талабу дархости мардуми заҳматкашро заррае ба инобат нагирифтанд, аққалан боре ҳам фикр накардаанд, ки дар паси он мактубу барқияҳо ҳазорон нафар заҳматкашони деҳот меистанд.

Ҳатто онҳо бар хилофи дархости мардум рафтор карда, Нурулло Ҳувайдуллоевро аз посбонҳои шахсӣ маҳрум сохтанд. Яъне ба чунин хулосае омадан мумкин аст, ки дар доираи ҳукуматдорон низ қуввахое ҷо доштаанд, ки ба ҷисман нест кардани Ҳувайдуллоев манфиатдор буданд. Мо аз ҳукуматдорон мепурсем, ки чаро посбонҳои шахсии Ҳувайдуллоев гирифта шуда, бехатариашро касе таъмин накард?

Мо интихобкунандагони ҳавзаи интихоботии рақами 123, мардуми ноҳияи Ашт ва тамоми вилояти Ленинобод аз шумоён роҳбарони ҷумҳурӣ қатъӣ талаб мекунем: Он ашхосе, ки Нурулло Ҳувайдуллоевро ба қатл расондаанд, инчунин онҳое, ки ин амали террористиро ташкил ва ба он роҳбарӣ кардаанд, дарёфт намуда ба маҳкама кашед, то мувофиқи амали нопокашон дар назди қонун ҷавоб гӯянд. Дар акси ҳол тамоми мардуми ноҳияи Ашт ва вилояти Ленинобод норозигию нобоварии худро ба ҳукумати ҷумҳурӣ изҳор карда бар зидди амалҳои нопоку террористонаи қуввахои оппозиционӣ мубориза хоҳанд бурд.

Мо кушоду равшан ва боэътимод изҳор мекунем, ки Нурулло Ҳувайдуллоев қурбони дасисабозию мансабталошӣ, найрангҳои бархе аз ҳукуматдорон, созмонҳои ба ном демокративу мардумии ҳизбҳои демокративу наҳзати исломӣ, ҷумбишӣ мардумии «Растохез» ва «Лаъли Бадахшон» гардидаааст. Мо ҳамчунин ақида дорем, ки дар ин фоҷиаи бузурги миллат дасти нопоки берун аз марзи ҷумҳурӣ-ҳамсояҳои ҷанубӣ Тоҷикистон кӯмак кардааст.

Зеро онҳо аз ибтидои фаъолияти худ зидди ҳукумати конституционӣ будани худро нишон медодаанд. Ҳувайдуллоев-

ро мачбур мекарданд, ки ба рӯи қонун пой гузорад, манфиатхои нопоки ин демократҳои фашисттинатро пуштибонӣ кунад. Дар охир изҳор мекунем, ки куввахои оппозиционӣ яке аз рохбарони матинирода ва боҷасорату ҳақҷӯи ҷумҳурӣ Нурулло Ҳувайдуллоевро на ботинан, балки ҷисман нобуд кардан. Ин албатта аз рӯи адлу инсоф нест. Ин ба ягон қоидаи қонуни давлати демократӣ рост намеояд. Бо чунин дасисабозию терроризм ва мансабталошӣ давлати ҳуқуқбунёди демократӣ бунёд кардан мумкин нест. Мо бояд чунин давлате бисозем, ки дар он демократияи ҳақиқатан халқӣ амал намояд, ҳуқуқу манфиатҳо ва бехатарии тамоми шахрвандон кафолат додаву таъмин карда шавад.

Онҳое, ки имрӯз аз ҷомаи амал пӯшидани мақсади нопокаш—нобуд кардани фарзанди барӯманд ва қаҳрамони миллат Нурулло Ҳувайдуллоев шаҳди пирӯзӣ мечашад, бояд донанд, ки таърихи миллати тоҷик онҳоро ҳеҷ гоҳ ва дар ҳеҷ замон нахоҳад бахшид. Ба ин амали зишташон дар он дунё дар назди худованди мутаол низ ҷавоб мегӯянд.

Мо таклиф менамоем, ки ба Н. Ҳувайдуллоев унвони қаҳрамони халқи тоҷик дода шавад, инчунин дар қаламрави Тоҷикистон се рӯз мотам эълон гардад.

Мурочиатнома дар митинги мотами Нурулло Ҳувайдуллоев 25.08.92 қабул карда шудааст.

Ба кута шудани яке аз рукнҳои давлати қонунӣ, ба мурочиати мардуми вилоятҳое, ки аксарияти аҳолии Тоҷикистонро ташкил медиҳанд, аз тарафи мақомоти расмӣ аслан гиред «илавлоҳ» нашуд. Мотам эълон накарданд, баръакс шахсеро ба иҷрои вазифа гузоштанд, ки аввалин кораш ба мукобили райъи Н. Ҳувайдуллоев буд.

Пас онҳое, ки рӯзи 11.04.92 депутатҳоро гаравгон гирифта бечазо монда буданд, онҳое, ки моҳи май икдоми табадулоти давлатӣ карда бечазо монда буданд, онҳое, ки дафтари Раиси ҷумҳурро борҳо муҳосира карда бечазо монда буданд, онҳое, ки ронандаи Раиси ҷумҳурро кушта бечазо монда буданд ва онҳое, ки Прокурори генералиро кушта бечазо монданд, қодиртарин қудратҳоянд ва акнун ҳар кори дигарро бе мулоҳизаю тарс карда метавонистанд. Навбати киву чӣ буд, акнун?

Ба расми эълоннашудаи хайрухуш бо марҳум ҳазорҳо нафар мардуми гуногунмиллати Душанбе ҷамъ омад. Ҳангоми дафни марҳум дар Понғоз Сангак Сафаров ва Рустам Абдураҳимов иштирок намуданд.

Дар Душанбе хама тахмин мекунанд, ки қотилонро кӣ бо

пул таъмин мекунад, аммо органҳои қонундон дар ин маврид хомӯшанд. Гумон факт нест ва бо гумон касеро муттаҳам карда намешавад.

Ин воқеа як навъ санҷиши қувваи онҳое шуд, ки мехостанд муайян намоянд, ки ҳимояи шахсу қонун дар Тоҷикистон ба чӣ ҳад аст.

Давоми мантиқи ин куштор он буд, ки расо баъди як ҳафта, яъне душанбе 31 август соати 15-15.30 як гурӯҳ ҷавонони мусаллаҳ бемамоният ба қасри Раиси ҷумҳур зада даромаданд, ӯ набуд ва ҳамаи ҳозирони биноро, бо шумули як гурӯҳи вазирон гарав гирифтанд. Набиев руст шуд.

Ман мехоҳам барои худ мафҳуми ҷавононро муайян кунам, зеро ин истилоҳ хело зиёд истифода мешавад ва онро гоҳе чунон менависанд ё муаррифӣ мекунанд, ки гумон мекунед, ягон созмони қонунӣ бошад. Ҳол он ки «ҷавонон» бо созмони ҷавонони Тоҷикистон, ки ташкилоти расмии муттаҳидкунандаи ҷавонони гуногунқавму гуногунмиллат аст, ҳеҷ иртиботе надорад. Балки он аз нигоҳи маҳалли зист бо номи ҷавонони як маҳаллаи шаҳри Душанбе, ё тамоми шаҳри Душанбе (на созмони ҷавонони шаҳри Душанбе) сохта шудааст, расмӣ не, балки ихтиёрии шартӣ аст. Ман структураи онро намедонам ва намефаҳмам ҳам ки шартномаҳое, ки он имзо мекунад, аз кадом нигоҳ қонунӣ ҳисоб карда шуданашон мумкин бошад. Ин ҷавонон дар шароити Душанбе ва Қофарниҳон аз охири апрели соли 1992 қувваи пешбаранда ва ҳалкунанда ба ҳисоб мераванд. Ин ҷавонон бинои мудофиаи граждании Тоҷикистонро худсарона ғасб карда, ситоди марказии худро ташкил доданд, онҳо ҳар мошинеро, ки барояшон, «даркор мешуд» сарфи назар аз он ки ин давлатӣ буд, хизматӣ буд, ҷамъиятӣ буд, шахсӣ буд, мегирифтанд ва агар соҳибаш муқобилият кунад, мекуштанд, онҳо дар мошинҳои беракам, оинасиёҳ ва баландсуръат гаштанро, ба аломатҳои роҳ ва таъкиди нозирони роҳ итоат накарданро пеша намуда буданд. Роҳи зиндагии онҳо, василаи зиндагии олиҷанобашон маълум нест, зеро касе барои ҷавонмард будан маош намегирад. Биноан, вақте бозор, хона, шахсе ғорат мешавад, мегӯянд, ки «ҷавонон кардаанд». Аммо ман шунидам;

Гуфтамаш:
Насли ҷавон бояд киро пиндошт?
Гуфт:
Он ки чашми бинишашро пардаи пиндор нест.
Аммо ҷавонони мо чунин набуданд. Ана ҳамин ҷавонон

рӯзи 31 август қасри Раиси ҷумҳур ва Девони Вазиронро ишғол карданд. Баъзе, як-ду рӯзномаи беовозе, ки боқӣ монда буданд, дар он рӯзҳо навиштанд: дар рӯзҳои наздик хоҳем дид, ки илҳомбахши он ҷавонон кист.

Алҳол бошад, он ҷавонон кормандони Девони вазирон ва аппарати раиси ҷумҳурро гарав гирифта, қисмеро дар як хона нигоҳ медоштанд ва даркориҳоро ба сӯҳбати хоса мебурданд. Раиси ҷумҳур гум буд.

Аз рӯи маслиҳат мебист рӯзи якуми сентябр Раиси ҷумҳур барои имзои шартномаҳо, аз ҷумла, оид ба истифода ва ҳамкории дивизияи 201 ба Маскав мерафт. Яке аз тарафдорони ашаддии ин кор Ҷамшед Каримов буд. Аммо ҳамон рӯз дар матбуот телеграммаи ӯ ба Елсин пайдо шуд, ки вай ба вуруди артиши Россия ба хоки Тоҷикистон қатъан мухолиф буд.

Чӣ шуд? Баъзеҳо мегӯянд:

— Муовини раиси комиҷроияи вилояти Кӯлоб Сангов Сайфиддинро аз идораи вай бо таҳқиру хорӣ бурданду гуфтанд, «агар гуфтаи моро накунӣ сарнавишти ту ҳам ҳамин». Санговро ваҳшиёна куштанд. Ҷояш ҷанат бод.

Дигарҳо мегӯянд:

Занашро ба идорааш оварданду таҳдид карданд ва ӯ телеграмма дод.

Чаро Ҷамшед Каримов? Зеро ӯ иҷрокунандаи вазифаи Раиси Девони вазирон буд. Чунки 2—3 рӯз муқаддам Набиев сарвазири ҷумҳурӣ Мирзоевро сафир дар Олмон таъин карда буду акнун меандешид, киро раис монад.

Тавассути матбуот ва радиою телевизион талаби истеъфои Раиси Ҷумҳур, ки аз ӯҳдаи кор набаромад, «боиси хунрезӣ ва кушторҳо шуд», «ҷангро қатъ карда натавонист», баланд бериёна садо медод. Ӯ мисли «кӯлобиҳо» монанди С. Кенҷаев ва Н. Ҳувайдуллоев «хоини миллат» буд. Воқеан як чизи дигар. Ду-се рӯз пеш аз ин воқеа дар Душанбе нерӯи «нави сиёсӣ» пайдо шуд: намояндагони гурезаҳои Кӯлобу Вахш, ки ҷои онҳо низ «Шаҳидону» зинаҳои хонаи ҳукумат гардид. Он вақт онҳо бо худ зану кӯдак надоштанд ва агар буд хело кам. Ин шояд қонунӣ бошад. Аммо шаҳриҳо ба дигар чиз тааҷҷуб мекарданд. Касе аз120 ҳазор нафар гурезаҳои Кӯлоб, ҳазорҳо нафар гурезаҳои тоҷик ва ӯзбеки водии Фарғона, Самарқанд, ҳазорҳо нафар гурезаҳои рус ва русзабон, ба ин ҷо наомаданд, арзашонро нашуниданд, ҳатто хурсандиву масхара мекарданд. Пас инҳоро кӣ овард? Адлу адолат чанд рӯй дорад?.

Аммо Набиев гум буду одамон се рӯз дар муҳосира. Шоми 2 сентябр ТМТ кормандони дафтари матбуоти Раиси Ҷумҳурро нишон до, ки дар изҳороташон истеъфои Раиси Ҷумҳур талаб карда мешуд.

Ҳамон рӯз онҳоро аз гарав озод карданд.

Рӯзи 2 сентябр гурӯҳи вазирон ва аъзои Раёсати Шӯрои Олӣ ҳам ба Раиси ҷумҳур мурочиат намуданд.

Раёсати Шӯрои Олӣ 4-уми сентябрь сессия даъват намудааст, ки то Набиевро аз кор холӣ кунад. Матбуот, радио ва телевизион аз номи азиятдидагони Вахшу Кофарниҳон даҳҳо мисол оварда «ҷиноятҳои Набиевро» фош мекунад. Ҳама нигарони сессия, гарчӣ медонанд, ки он ҷамъ намеояд. Таврезикр шуд, ишғолгарони қасри Президент ҷавонони шаҳр ва гурезаҳои Кӯрғонтеппа буданд. Қаблан онҳо дар назди Раиси Ҷумҳур барои ичрои вазифаҳои зерин 3 рӯз мӯҳлат гузоштаанд.

1. Вазъияти вилояти Кӯрғонтеппаро ором кунад ва дар он шаҳр вазъияти фавқулодда эълон намояд.

2. Артиши Русияро аз Кӯрғонтеппа, Тоҷикистон умуман барорад.

Чаро гурезагони Кӯрғонтеппа чунин шартҳоро гузоштанд? Зеро дар ҳамон айём дар водии Вахш эҳсос шуд, ки аксарияти халқ аслан тарафдори фронти халқӣ аст, нерӯи ҷабҳаи халқӣ нисбат ба ситоди «Наҷоти ватан» зиёдтар мебошад. Суханони Сангак, амали ӯ одамони гуногунмиллатро тарафи худ ҷалб менамояд, артиши русӣ бо ситоди «Наҷоти Ватан» ҳамкорӣ кардани нест.

Пешоҳангони ҳукумати нав инро дарк намуда, ҷавонону гурезагонро ба миён андохта буданд.

Чун дар се рӯзи муайяншуда Набиев ин шартҳоро ичро карда натавонист, қароргоҳашро ишғол намуданд ва талабҳои мувофиқи вазъият пешниҳод карданд:

— Истеъфои Раиси Ҷумҳур.

— Аз махбас озод кардани Р. Нуралибеков, ки ба қатли додситони кулл гумонбар шудааст.

— Ба вазифа баргардонидани генерал Б. Раҳмонов.

Дар хусуси озод кардани Максуд Икромов низ гап мерафт. Аммо Раиси Ҷумҳур гум буд. Аммо ӯ гум бӯду дар

Кӯрғонтеппа ҷанг авҷ мегирифт ва гурӯҳи фронти халқӣ ба маркази вилоят ҳамла меовард. Аҳли оппозиция мегуфт, ки ӯро артиши Россия дастгирӣ мекунад ва нафрат мехондаду дар бораи «кушторҳои ваҳшиёнааш» хабарҳо, репортажҳо медоданд.

Дар шаҳр овоза буд, хи Сангак воқеан Кӯрғонтеппаро ду вилоятро чун собиқ муттаҳид намуда, вилояти Боҳтар сохтааст. Аммо мегуфтанд, ки ӯ «чашми пӯшида» одам намекушад, балки рӯйхат дорад ва ба ҳар чо расад, одамони даркориро ёфта мекушад. Дар бораш бо меҳр гап мезаданд, аммо зери лаб.

Барои пешгирии ҳамлаи ӯ ҷавонони Душанбе ва Кофарниҳон гӯё дар канораҳои минтақа истеҳком месохтанд.

Бояд гуфт, ки дар арафаи ҳабси (гарави умумии кормандони дафтархонаи Раиси Ҷумҳур ва Девони вазирон вазъияти сиёсии Тоҷикистон ниҳоят тезутунд шуда буд: дар водии Вахш вазъияти нерӯҳои мардумӣ танг мешуд, телевизиони Узбекистон намоише аз Тоҷикистон нишон дод, ки дар он фоҷиа ва кушторҳои ваҳшиёнаи водии Вахш тарсим, ба ҳайси созмондиҳанда Қозикалон Ҳоҷӣ Акбар Тӯраҷонзода ва Шодмон Юсуф номбар мешуданд. Дар навор барои исботи даъво далел кам набуд. Ин албатта ғашу ғазаби пирӯзонро меовард. Чунин наворҳоро ором тамошо кардан имкон надошт, зеро танаҳои бесар, саронӣ бегӯшу бинӣ, ҷасади сӯхта, кӯдаки шикофташуда, инҳоро ҳатто шунидан душвор аст.

Дар ин вақт воқеае шуд, ки онро ба ҳайси баҳона истифода намуда, намоиши телевизиони Тошкандро барои минтақаи дастраси мавҷи Душанбе қатъ карданд. ТМТ дар арафаи гурези Набиев бо номи «Хиёнат» дар бораи роҳбарияти вилояти Ленинобод, ки хоинони миллати тоҷик, «мухолифони якпорчагии онанд», намоиш дод ва зикр карданд, ки онҳо намоиши телевизиони мардумиро барои вилоят қатъ карданд. Чизи дигаре гуфта нашуд ва намоиши телевизиони Тошканд барои водии Ҳисору Душанбе қатъ гардид.

Дар ин воқеа чанд лаҳзаро бояд хотирнишон кард:

1. Иқдоми вилояти Ленинобод сарфи назар аз асоси он хуб набуд. Ман гумон мекунам, тамошои ТМТ барои марказ ми вилоят зарур аст, аққалан барои донистани он ки дар маркази Тоҷикистон чӣ кор мешаваду онро воқеанигорони «ҳақиқатнавис» чӣ хел мефаҳманд ё фаҳмондан мехоҳанд.

2. ТМТ вақте аз хиёнати ленинободиҳо сухан ронд, нагуфт, ки чаро намоиши онҳор қатъ карданд, Нагуфт, ки ТМТ, Девони Вазирон, Шӯрои Олӣ ва Раиси ҷумҳур аз Шӯрои ви-

лояти Ленинобод нома гирифтанд, ки дар он зикр мешуд:

а) ба сабаби марги Ҳувайдуллоев дар вилоят мотами серуза эълон шудаст, радио ва телевизиони Душанбе расми мотамро риоя намояд:

б) намоишҳои таҳқиромезро нисбат ба раиси ҷумҳур ва ҳукумат бас кунад.

в) Ҳукумати Тоҷикистон барои пайдо кардани қотилони ҳақиқии Ҳувайдуллоев бригадаи хоси тафтишотӣ созад.

Ин шартҳо натанҳо ичро нашуданд, балки ба халқ маълум ҳам нагардиданд. Биноан вилояти Ленинобод аз рӯзи 27-уми август телевизиони Душанберо тамоман тамошо намекард.

3. ТМТ хусусияти телевизиони маҳаллиро дорад ва мавҷи он дар Вахш, Кӯлоб, Хӯҷанд ва ВАБК паҳн намешавад. Вокеан инъикоси мавзӯъҳои он ҳам чунин хислат пайдо намудааст.

Душанбе бошад гирифтори ваҳм, бесаранҷомӣ, тахмину шубҳаҳо буд, Вай соҳиб надошт. Ман бисёр фикр мекардагӣ шудам, чаро вазирҳо, аҳли вазоратхонаҳо, кормандони идораҳои ҳукумативу давлатӣ кормандони органҳои адлия маош мехӯранд?

Пиразане мегуфт:

Заҳри маргашон шавад.

Шаҳр пуровоза, овозаҳои мухталиф, ваҳмангез, гоҳе умедбахш буданд.

— Мегӯянд ба шаҳр урдуи Руссия ва СНГ даромадаасту нигарони фармони Шапошникову Елсин аст.

— Мегӯянд Набиев рустӣ гурехта аллакай ба Маскав рафтааст ва ҳамин шабу рӯз масъаларо ҳал карда, бозмегардаду оромии доимӣ фаро мерасад.

— Ба Душанбе ҳуҷум мекардаанд, пагоҳ ҷанг сар мешудааст.

— Мегӯянд шаби гузашта, ба Душанбе миқдори зиёди танк омадааст.

— Мегӯянд урдӯи Ӯзбекистону Руссия ҳимояти сарҳади Афғонистонро ба дӯш гирифтаанд.

— Шунидед, ки Қозикалон ба Эрон гурехтааст. Аслан ӯ зану фарзандонашро ба он ҷо бурда монда будааст.

— Мегӯянд Буш Елсинро огоҳ кардааст, ки набояд Тоҷикистон аз даст раваду ба тасаруфи давлатҳои исломӣ дарояд.

Чунин буданд овозаҳо. Аксари он ба ин асос мекард, ки дар арафаи фирори Р.Набиев мушоҳидони ҳарбии ИДМ ома-

да буданд ва имкони мадади ҳарбӣ ба Тоҷикистон арзёбӣ гардид.

Гапҳои дигар низ буданд:

— Овоза буд, ки қозӣ барои сари Сафаралӣ Кенҷаев 12 млн. ваъда додааст.

— Қатли Сангов ваҳшиёна будааст, сарпӯши сарашро бурида, чашмонашро кофта, ба синааш оҳанмех халонда, сонӣ ба дарё андохтаанд.

— Пули қозиёт ва оппозиция тамом шудаст. Онҳо бо охирин тиру тангаҳояшон зиндагӣ доранд.

— Ҷавононе пайдо шуданд, ки ба донишгоҳҳо рафта ба-чаҳои вилояти Кӯлобу Хӯҷандро таҳдид карда метарсонанд. Онҳо дар кӯчаву нақлиёт низ ба ин кор машғуланд.

Ман хондам ташкилотҳои ғайриҳоҷики Тоҷикистон қозиёти Кӯлобу Хуҷанд ба Созмони Милалли Мутаҳид, ба роҳбарияти ИДМ мурочиат намуда, хоҳиш кардаанд, ки ҳукумати қонунии Тоҷикистон, ҳуқуқи шахсу миллатҳоро дар ин ҷумхурӣ ҳифз кунанд.

Вазъият чунон бад аст, ки аз он бӯи ноҳуш меояд.

— Мабод, ки вилояти Ленинобод ва дигар қисматҳои Тоҷикистон аз ҳам ҷудо шаванд.

— Кӯлоб амалиёти ҷангиро пуркувват кунад.

— Оппозиция ба Кӯлоб экспедицияи пуркуввати харбӣ фиристад.

— Урдуи ИДМ ба ҷанг ҳамроҳ шавад.

— Ӯзбекистон ба корҳои дохилии Тоҷикистон дахолат намояд.

— Набиев кушта шавд.

— Ҷанги бародаркушӣ ба Душанбе ҳам расаду хислати оммавӣ пайдо кунад.

— Мамолики дунё дар ин рӯзи сахт аз мо рӯ тобад.

Ин ҳама сиёҳрӯзии халқи тоҷик мебуд. Ин ҳама то рӯзи якшанбе 7—сентябр давом карду рӯзи дигараш ба авҷи аъло расид.

Воқеае, ки 31 август бо юриши бачаҳои шаҳр ва муҳоҷирони Қӯрғонтеппа, ки дар масҷиди ҷануби фотиҳа гирифта шуруъ карда буданд, вазъиятро печидатар кунад ҳам, дар охири ҳафта гӯё барои авзои идории давлат осудатар шуд, ки Раҳмон Набиев бо маслиҳати Акбаршо Искандаров рӯзи 7-уми сентябр ба кор баромад. Ӯ аз субҳ дар бӯстонсарои шаҳрӣ будааасту ба Искандаров телефон карда, хабар расондааст. Он чӣ ки дар хусуси воқеаи он рӯз гуфтанду навиштаанд, агар ҷамъбаст кунем, сурати зеринро мебинем.

Искандаров аз Раиси Ҷумхур илтимос мекунад, ки депутатҳои Ленинобод ба сессия омадани нестанд, мо барои маслиҳат рафтан мехоҳем, ӯ ҳам ҳамкорӣ кунад. Набиев розӣ мешавад «Мо вақти рафтанро хабар медиҳем» мегӯяд Искандаров.

Ва ин айёми чошт мешавад. Аз чӣ бошад, ки ҳаракати мошинаи Раиси Ҷумхурро дар кумитаи бехатарӣ намедонанд ва дар майдони ҳавоӣ низ Набиевро на аъзои ҳукумат, балки чавононӣ силоҳбадаст истиқбол менамоянд.

Ба ёрии Раиси Ҷумҳур аз артиши Россия, Кумитаи амният танку БМП мерасонанд, аммо Набиев ба оташ кушодан рухсат намедиҳад, зеро иддае аз чавонони мусаллаҳ дар байни одамони роҳгузар буданд.

Ҳангоми ҳимояи Набиев ду посбони шахсиаш маҷрӯҳ мешаванд. Аъзои ҳукумат бо роҳбарии С. Искандаров вақте ба ҷои воқеа меоянд, ки Раиси ҷумҳурро ҷавонҳо дар хонаи депутатҳо ҷо карда буданд, намояндагони ТМТ расида буданд ва аризаи ӯ барои истеъфо тайёр мешуд.

Ин шакл доштани воқеа мардумро гумонбар мекард, ки дар дастгир шудани Раиси ҷумҳур Раиси Шӯрои Олӣ нақши муҳиме дорад.

Бегоҳии рӯзи 7 сентябр аз радио ва рӯзи дигар тавассути телевизион репортажи имзои ариза нашр шуд. Мо ҳама дидем, ки Р. Набиев онро бо дасти худ навишту имзо кард ва худаш бо забони худаш гуфт, ки аз Шӯрои Олӣ хоҳиш намуд, ба истеъфояш розӣ шавад. Қонунӣ будани ин амал, дар он вайрон нашудани қонундониро раиси Комиссияи конституционии Тоҷикистон А. Имомов ва вазири адлия Ф. Абдуллоев шаҳодат доданд ва гуфтанд, ки то интихоби Раиси Ҷумҳур тибқи қонуни асосии Тоҷикистон ин вазифаро Раиси Шӯрои Олӣ, яъне Акбаршо Искандаров ичро мекунад.

Протоколи байни Набиев ва намояндагони ҷавонони шаҳр низ ба табъ расид. Набиев мувофиқи қонун ба истеъфо мерафт, ҷавонон дар таъмин кардани оташбас дар водии Вахш иштирок мекарданд. Набиев набояд изҳороте медод, ки боиси афрӯхтани низову ҷанг шавад.

То ҳалли ин масъала дар сессия ба сиҳатӣ ва бехатарии Раҳмон Набиев гурӯҳи ҷавонон масъулият доштанд. Аммо ҳамон шаб Набиевро рустӣ ба Хӯҷанд гурезонданд. Чун аризаи Набиев буд, гӯё ба сессия зарурият намонд, Раёсати Шӯрои Олӣ аризаи ӯро ба эътибор гирифт ва Акбаршо Искандаровро масъули вазифаи Раиси Ҷумҳур эълон намуд.

Бо ҳамин як соли роҳбарии Набиев ба Шӯрои Олӣ ва ҳу-

кумати Тоҷикистон ба охир расид. Соле, ки ӯ давлатро ба даст гирифта натавонист, оромӣ ва осоиши ҳалқро таъмин карда натавонист, ғамро бардошта натавонист, ҷангро хунсо карда натавонист. Баръакс соле буд, ки митинг ба манифестация ва намоиш табдил ёфт, аввал одамон зери осмони кушод, таи офтоб, барф ҷамъ омаданд, аввал танҳо мардҳо бушуданд, баъд занҳо низ пайвастанд, гуруснанишинихо пайдо шуданд, дар байни онҳо Гулрухсор ҳам буд, шаш донишҷӯ худро занҷирбанд карда, шаръи сиёсати золимонаи Набиевро, ки ҳафтае пеш Раиси Шӯрои Олӣ интихоб шуда буд, нишон доданд, хаймаҳо пайдо шуданд, роҳҳо баста гардиданд, ҷои донишҷӯёнро мардуми аз қарияҳо омада ишғол намуданду дастаҳои зарбазан ба вуҷуд омаданд, ярок пайдо гашт, тир парронданд, хун рехт, одам мурд, ҷанги бародаркуше сар шуд, ки онро Раиси Ҷумҳур хомӯш карда натавонист. Бародаркушие шуд, ки дар он то аризаи истеъфои Набиев қариб 20 ҳазор кас аз олам даргузашт.

Ин соле шуд, ки қонуният дар Тоҷикистон боқӣ намонд, зеро аслан ҳукумат вуҷуд надошт, касе гапи касеро гӯш намекард. Зиндагии мардум дар Душанбе ба иродаи гурӯҳи ҷавонон вобаста шуд, онҳо муҳитро муайян мекарданд, онҳо низому тартибро муайян менамуданд.

Ин соле гардид, ки амалан Тоҷикистон ба ҳиссаҳо тақсим шуд: Ленинободу Кӯлоб Набиевро эътироф менамуданд, аммо ҳукумати мусолиҳаи миллиро, ки чор моҳи охир сари қудрат буд не дар Ленинобод ва ҷузъе аз водии Ҳисор дар навоҳии Қаротегин ва Бадахшон мардум ба кор машғул буданду аммо дар Кӯлобу Қӯрғонтеппа ҷанг то рафт авҷ мегирифт. Мардуми Душанбе намедонистанд дар чӣ ҳол қарор доранд, ҷанг, сулҳ, корӣ, ғайрикорӣ, зиндаанд ё мурда. На танҳо аз водии Вахш, балки аз Душанбе ҳам кӯчокӯч оғоз шуда натанҳо русҳову ӯзбекҳо, балки тоҷикон низ мегурехтанд. Ватан фирор мекард.

Ин соле буд, ки эътирофи Тоҷикистони мустақил аз тарафи 100 давлат, аъзо шудани он бо СММ ва бозори иқтисодӣ, шартномаҳои ҳамкорӣ бо Эрон, Покистон он самареро оварда натавонистанд, ки бояд медоданд, ҳамкории иқтисодӣ бо Амрико, Чин, Фин, ки шурӯъ шуда буд бо иллати ҷанг дар нимароҳ монд, соле шуд, ки вилояти осудаи Ленинобод, ки имкони мусоиди ҳамкорӣ бо дували хоричиро дошт, ягона хӯронандаи Тоҷикистон шуд.

Дар давраи Набиев статуси расмии Бадахшон номуайян

монд ва имрӯз ҳам маълум нест, ки он вилоят бошад ё ҷумҳурӣ.

Соли ҳукмронии Набиев нишон дод, ошкоро исбот намуд, ки дар Тоҷикистон амалан ҳеҷ ҳизбе мавҷуд нест, балки ду қувва ҳаст—тарафдорони сохти давлатдории Эрони муосир ва мухолифини он ҳамчунин ҳеҷ манфиате нест, илло манфиати маҳал. Натанҳо талқини аксарияти азҳоби сиёсӣ, балки ҳатто созмонҳои замбурӯғсон дамидаи «Лаъли Бадахшон», «Ҳамдилон», «Ҳисори Шодмон», «Ватан», «Меҳри Хатлон» низ далеле ба ин чиз буданд.

Ҳукумат низ аз ин касалӣ табобат наёфт, балки ба дарди маҳалгароӣ жарфтар фурӯ рафт. Инҳо буданд қувваи аслии ҳукумати демократӣ А. Искандаров, Д. Исмон, Акбаров, Х. Холиқназаров, З. Вазиров, дертар бо онҳо А. Соҳибназаров ва Д. Худойназаров пайвастанд. Дар ҳамин ҳолат мубалиғони ин ҳукумати «умумиточикӣ ва демократӣ» ба дигарон киноя медоданд;

«Кучоанд он хучандиҳо, истаравшаниҳо, конибодомиҳо, аштиҳо, исфарагиҳо, зарафшониҳо ки дар тинҷиву амонӣ худашонро тоҷик мегирифтанд? Кучоанд он бухориҳову самаркандиҳо ки худро вориси ростини миллати тоҷик мегирифтанд. Дар тинҷиҳо дар Туркманистону Қазоқистон ҳам тоҷикон буданд, кучо шуданд? Кучоанд он тоҷикони хориҷӣ, ки ҷамъияти «Пайванд» мелофад? Ё дигарон тоҷик нестанд? Кучост Эрон? Кучост Афғонистон? Кучост Тоҷикистон ки як мушт тоҷики боқимонда паноҳонида шаванд?

Баъд аз ин қадар тоҷиккушӣ, хонабардӯшӣ, сӯхтору террору ҷазову даҳшат амри қотеъ он аст, ки Тоҷикистон ба як бор ҷумҳурии исломӣ эълон шаваду қарору робитаву шартномаҳои он бо СНГ ҳамагӣ, ба як бор қатъан бурида шаванд.

Дар сарҳади Ӯзбекистон ҳамчун дар сарҳади як давлати бегонаву мутаҷовуз хати фосилаи марзбонӣ муқаррар гардад».

Чунин буд ҳукумати вақт ва мубалиғони он. Ва онро мушоҳида мекуниву ғазали ҳаштодсолаи Лоҳутӣ 8 рӯза метобад.

Ватан вайрона аз ёр аст, ё ағёр, ё ҳарду
Мусибат аз мусулмонҳост, ё куффор, ё ҳарду.

Ин сол нишон дод, ки мо ҳанӯз аз рӯҳияи зулмпешагӣ, бераҳмӣ, ғорат никор пурра озод нашудаем, перомуни демократия ва давлатдории демократӣ сухан рондан душвор аст.

Набиев охиртари сол чараёни воқеаро дарк мекардагӣ шуд, барои он мекӯшид, аммо бисёр суст, бисёр беҳаракатона ва чунон мечунбид, ки то расидан ба мақсад дигарҳо онро хунсо мекарданд. Ё маслиҳатгарони зиёде дошт ва ё ҳеҷ маслиҳатчиаш набуд. Ачаб не, бечора яккаву танҳо буда бошад.

Набиев ҳизби ҳудро халқ номида аз тамоми аҳзоб худро дуру канор гирифт: ҳизби такягоҳи худро надошт. Дар кадом давлати дунё чунин мешавад, дар вақти зарурӣ кӣ ҳимоя мекунад? Халқ? Кадом халқ? Охир чузъи он муқобили ӯ қарор дорад-ку?

Сарнавишти Набиев гувоҳ аст, беиллат нест, ки дар тараққикардатарин давлатҳои дунё низ давлатдории лоҳизбӣ вучуд надорад.

Сарнавишти Набиев фочиаи танҳо ӯ нест. Фочиаи милляти точик аст. Миллати қашшоқ, роҳгумзада, миллате ки ҳам аз нигоҳи маънавӣ ва ҳам аз нигоҳи молӣ ғорат шудааст ва ин ҳол идома меёбад, авч мегирифт.

Як, соли ҳукмронии Раҳмон Набиев аниқтараш соли бечавоб ба унвони ин рисола, дар ҳамин чо суханро тамом карда, онро ҳусни хотима бахшидан мумкин буд. Аммо ин корро карда намешавад, зеро дар ҳафтод рӯзе, ки «баъди ҳукмронии Набиев» гузашт, ҳеч чиз тамом нашуд, балки ҳама чиз аз нав оғоз ёфт, авч гирифт. Номи Набиев як рӯз ҳам аз даҳон нарафт.

Чӣ шуд? Ман ин қиссаро гуфтанӣ, навиштанӣ нестам. Ин мавзӯи хосаест. Аммо ишора кардан мехоҳам. Искандаров дар аввалин фармонаш ба тарафҳои чангкунанда чор рӯз мӯҳлат дод, то силоҳ супоранду сулҳ кунанд. «Ҳар кас ин корро накунад, хоини миллат аст ва аз ҳамин нигоҳ чазо мегирад».

Сарнавишти давлатдории Искандаров ба ичрои ҳамин фармон вобаста буд. Агар он ба амал меомад, тамоми мардум ба садоқати ӯ, қудрати вай бовар карда, аз пасаш мерафтанд. Оромӣ бақарор мешуд. Баръакс ӯ наметавонист обрӯе бештар аз Набиев пайдо кунад кал додари кӯр мегуфтанд.

Чунин ҳам шуд. Онҳое, ки А. Искандаровро ба иқтидор оварданд худ ба вай мухолиф шуданд. Барои онҳо душмани миллат танҳо тарафи «Кӯлоб» буду ҳалли силоҳ танҳо ба онҳо дахл мекард. Бинобар ин тавассути телевизион Ҳимматзода ин фармонро «беасос» номида, дар митинг Тӯрачонзода

халқро даъват кард, ки «зару зевар фурӯшеду мусаллаҳ шавед».

Ҳамин хел мешуд вазъият. Ҷанг авҷ мегирифт, «нерӯҳои мардумӣ» хилофи чашмдошт шикаст мехӯрданду артиши русро гунаҳгор мекарданд, биноан раиси Шӯро аз Россия ва ИДМ ёрии ҳарбӣ мехост, онҳо «артиши рус аз Тоҷикистон хориҷ шавад» мегуфтанд.

Телевизион чизҳое таблиғ мекард, ки моҳиятан хилофи фармонҳои раиси Шӯрои Олӣ буданд, масъули раиси ҷумҳур оид ба давлатдорӣ дунявӣ ҳарф мезад, аксарияти гӯяндагони ТМТ рӯҳониён буданду онҳо «Мо давлати исломӣ сохтани нестем, ҳанӯз ба ин омода наем» мегуфтанд. Шорехи асосии телевизион қозикалон, Ҳимматзода, Ш. Юсуф буданд. Гап-гапи қозикалон. Ба ӯ ҳар кӣ мақбул буд, бо роҳи қонунӣ, ним-қонунӣ, ғайриқонунӣ вазифа медоданд. Ҷумҳурӣ аслан хурд мешуд, аммо роҳбараш зиёд, якбора се муовини сарвазир илова ба ҷаҳори аввал боз вазифаи нав мушовири кулли раиси ҷумҳур.

Аммо шаҳри Душанбе тобеи зӯрдастон буд. Водии Вахшу Кӯлоб ва самти ғарбии Ҳисор ба фронти халқӣ менигарист. Хӯҷанд аслан мустақил гардида буд. То охири октябр 500 ҳазор кас аз навоҳии марказиву ҷанубии Тоҷикистон фирорӣ ва бештар аз 20 ҳазор кас кушта ё гумном, ҳазорҳо одамон таҳқиру таъқиб шуданд.

Дар ин муддат соҳибиқтидорҳои интихобнашуда ҳамарӯза талаб мекарданд, ки А. Искандаров артиши русро ронад. 8 октябр Искандаров қарори Шӯрои Олиро барои кӯмаки ҳарбӣ ҳосил карда, аммо таблиғи муқобилаш зиёд шуд, ки кам не. Онҳое, ки худро ҳомию пуштибони ҳукумати А. Искандаров номида «акнун мо оппозиция не, ҳукумат» мегуфтанд, муқобили ин чиз таблиғ менамуданд. Дар маҷлиси Бишкек, Искандаров ризоияти кӯмаки артиши ИДМ-ро ҳосил намуду дар ТМТ баландтар садо медодагӣ шуданд: «Сулҳро мо худамон таъмин мекунем, русҳо моро осуда гузоранду баромада раванд».

Дар арафаи мулоқоти сарони давлат дар Қирғизистон овоза шуд, ки Набиев аризаашро пас гирифтааст, зеро Искандаров ва «ҷавонон» ваъдаи осоишро иҷро накарданд, сессия даъват нашуд. Дар ҳамин рӯзҳо Қирғизистон хело фаъол шуд, мехост артиши худро байни нерӯҳои ҷангара ворид кунад, аммо Шӯрои Олиаш нахост. «Агар як халқ, худ забони ҳамдигариашро наёбад, мо чаро фарзандонамонро ончо фиристем»?

Аз рӯзе, ки Набиев рафт, маҷрои Душанбе оромӣ наёфт,

ҳатто нидои Соҳибназаров ки «бачаи кӯҳистонӣ ба иқтидор расид, ӯро ҳимоя кунем»,— мегуфт, шунида нашуд. Худсари дар ҳама ҷо буд. Искандаров бо зориву тавалло, роҳбари артиши рус (Воробёв)-ро ба Душанбе оварду вазири хориҷа Холиқназаров мегуфт: то артиши рус бадар наравад дар хусуси ҳамкориҳои иқтисодӣ ҷои гап нест.

Дар пойтахт ҳукмрон «ҷавонон» буданд, чизе ки мехостанд онро мекарданд: рӯзи 16 октябр онҳо русҳоро гарав гирифта аз Ашӯров талаб намуданд, ки дивизияи 201 хоки Тоҷикистонро тарк кунад. Генерал Ашӯров урдӯи худро ба ҳоли ҷангӣ овард. Гаравҳоро ҷавоб доданд.

Вазъияти бади сиёсии Тоҷикистонро ворид шудани гурӯҳи асокири фронти халқии Сафаралӣ Кенҷаев ба Душанбе ниҳоят тезу-тунд кард. Тафсилоташ чунон буд, ки рӯзи 23 октябр дар Душанбе вазъи фавқуллода эълон шуд. Субҳи 24 октябр дастаҳои С. Кенҷаев ва Р. Абдураҳимов аз самти Ҳисор ба Душанбе омада бемамониат бинои Шӯрои Олӣ, қасри раиси ҷумҳур, хонаи радиоро гирифтанд. Кенҷаев ва Абдураҳимов тавассути радио гап заданд. А. Искандаров аввал дар вазорати умури дохила, сонӣ дар қисми ҳарбии дивизияи 201 паноҳонида шуд. Искандаров ва Кенҷаев дар дивизияи 201 бо шоҳидии Ашӯров мулоқот ва мувофиқат карданду тибқи он Искандаров ба даъвати сессия розӣ гардид, ва С. Кенҷаев яроқи ҳамроҳонашро супорида, дар зери қаноти артиши рус шаҳрро тарк гуфт, аммо ин беяроқонро мусаллаҳони ношиносе дар ноҳияи Ҳисор тирборон карданд. Одами бисёре аз ҷумла Р. Абдураҳимов кушта шуд, бист рӯз шаҳри Душанбе гӯристони мурдаву зиндаҳо буд.

Дар бораи шаҳодати Рустами Абдураҳим овозаҳои бисёре ҳаст. Ягона чизе, ки то ҳол аниқ аст, ӯро ба ваҳшонияти зиёде кушта, сар зада, сарашро рӯи чӯбнайза бардошта, танашро оташ задаанд. Чунин кушторро одамони солим мекарда бошанд?

Дар ин воқеаҳо ҳукуматро артиши рус пуштибонӣ карду бо ҳамин аз «дафъ шавад» раҳоӣ ёфт. Аммо аз рӯи 24 октябр Ҳоҷӣ Акбар Тӯрачонзода, С. Тӯраев, А. Соҳибназаров, Д. Исмон, Ш. Юсуфов, З. Вазиров ва як идда вазирони дигар бенишон шуданд.

А. Искандаров фармон дод, ки 3 ноябр дар Хуҷанд маҷлиси миллӣ ва 4 ноябрь сессияи Шӯрои олӣ даъват шавад. Аммо ин ба касе хуш наомад, ки он ҳам нашуд. Аввалин эътироз аз «Лаълӣ Бадахшон» омад: чаро дар Хӯҷанд?!

Рӯзи 3 ноябр Искандаров дар Маскав бо Хасбулатов му-

локот дошт ва 4 ноябр дар Алмаато сарони давлатҳои Осиёи Миёна (ба истиснои Туркманистон) вазъи Тоҷикистонро арзёбӣ карда, зарурати таъсиси шӯрои давлатиро хотирнишон намуданд.

Рӯзи 6 ноябр фармони Искандаров дар хусуси таъсиси шӯрои давлатӣ эълон шуд. Раис худаш, 15 нафари дигар намояндагони вилоятҳо аз навоҳии тобеи ҷумҳурӣ баъдтар эълон мешавад ба ин сохтори давлатӣ дар Шӯрои Олии Тоҷикистон, ки бояд рӯзи 20 ноябр даъват шавад бояд тасвиб мегардид.

Чунон пошмехӯрд авзои сиёсӣ. Искандаров роҳи ҳалро ёфта наметавонад, ёфтанӣ мешавад, боз мекананд: баъди «истеъфои Набиев» Икромовро аз ҳабс озод кард, фоида надод, генерал Раҳмоновро ба вазифаи аввалаш мушовири раиси ҷумҳур оварад, фоида надод, Шарифовро аз раиси кумитаи амният сабукдӯш ва Солибоевро дар ин вазифа барқарор кард, бефоида, Аслоновро волии Қӯрғонтеппа таин намуд, бад шуд, ки беҳ не — аз ин водӣ қатори мошину телешкаҳои зану кӯдаки гурезадор меомадагӣ шуданд. Ҷангу гуруснагӣ ба Душанбе ҳам расид.

Искандаров намедонад сарро ба кучо занад. М. Миррахимовро аз вазифа сабукдӯш карду ёрии Россияро хоҳон шуд, наҳзати ислом ӯро ба сиёсати коммунистӣ гунаҳкор кард. Имрӯз қаламрави ҳукумат сеяки Душанбе ва Кофарниҳон то Ҷиргатолу Бадахшон. Нерӯи фронти халқӣ хеле волотар аз ҳукумати Тоҷикистон. Ҳама нигарони сессияи Шӯрои Олӣ, ки баъди воқеаи 24-25 октябр ва муҳосираи иқтисодии Душанбе роҳбарияти Тоҷикистон маҷбур аст онро даъват намояд.

Дароз аст дасти фалак бар бадӣ,
Ҳама некӯи кун, агар бихрадӣ,
Чу некӣ кунӣ, некӣ ояд барат,
Бадиро бадӣ бошад андар хурат.
Падар бе писар шуд, писар бе падар.
Басе хаставу гашта пурхун ҷигар,
Бародар зи хуни бародар ба дард,
Забонаш зи хешон пур аз боди сард.

ДАР ИН КИТОБ ШИНОС ШУДЕД

а) Қаҳрамони асосӣ

Раҳмон Набиев — мӯйсафеди ба шаст рафта собиқ вазири зироат раиси Шӯрои Вазирон, мунши́и аввали Ҳизби

Коммунисти Тоҷикистон, раиси кумитаи муҳофизати табиат, раиси Шӯрои Олӣ, нахустин раиси ҷумҳурӣ бо райъдиҳии умумихалқӣ интихобшуда.

Ӯ мегуфт: «ҳамагуна ҳукумате, ки ҳудро ҳимоя карда наметавонад, ҳаққи вуҷуд надорад». Боз «оппозиция парда аз рӯй бардошта, симои аслии худро нишон дод».

Аммо инсони некирода ва покдил буд. Ободии ватан ва осоиши миллатро мехост.

7-уми сентябри соли 1992 мувофиқи хоҳиши «пурлутфи» ҷавонони шаҳр «ихтиёран» аз вазифаи садри Тоҷикистон истеъфо дод.

б) Қаҳрамони асоситарин

ДАВЛАТ ХУДОНАЗАРОВ — актёр ва режиссёри касбӣ, Ҳоҷӣ Акбар Тӯраҷонзода — дар вақти таҳрири китоб 39-сола. Қозикалони Тоҷикистон, ки ба шарофаташ аввал обитақили Хуҷанд ва Қозиёти Тоҷикистон ҷудо шуданду қариб ҳам тақсим гардида буд. Илҳомбахшу сарватгузори митингу кӯшторҳо ва қабеҳтарин шеваи таблиғ. 50-сола нашудааст. Аввалин шӯҳраташ аз филми «Рустам ва Сӯҳроб», ки наворкашаш буд. Аввалин филми машҳури режисуриаш зимни «Нисо» таҳия шуд. Раиси Иттиҳодияи киносозони Тоҷикистон, депутати халқии ИҶШС аз Бадахшон, раиси киносозони ИДМ. Дар мусобиқаи вазифаи Раиси Ҷумҳури Тоҷикистон бо мубалиғони дин забон як карда, 33-фоиз овоз гирифт. Охирин вазифааш мушовири давлатии Раиси Ҷумҳур А. Искандаров то 6-уми ноябри соли 1992 қариб як моҳ давом кард.

Муаллифи суханони: «Дар Тоҷикистон ҷанги граждани шурӯъ мешавад», «Сарнавишти тоҷикон бо тақдири курдҳо монанд шуданаш мумкин», «Маҳалли тавлиди мо сарнавишти моро муайян карда буд», «Дар ин ҷанг 1,5 млн. тоҷик кушта мешавад, 1,5 млн. муҳоҷират мекунад. боқӣ ғулому дастнигари дигарон мешавад».

Монанди ғаввоси пурҳунаре таборуз мекунад, ки мудатҳо зери об аст ва яке мебинӣ, ки дар ҷои ғайричашмдошт пайдо мешавад.

в) Пушту паноҳи қаҳрамони асосӣ

НУРУЛЛО ҲУВАЙДУЛЛОЕВ — 53 сола. Номзади илми ҳуқуқшиносӣ. Раиси суди ноҳияи Марказӣ, мудири шӯъбаи маъмурии Шӯрои вазирон, мудири шӯъбаи маъмурии ҲК Тоҷикистон, депутати халқӣ, раиси кумитаи ҳуқуқи ШО ҷумҳу-

рӣ Додситони кул. Дар ҳамин вазифа 24 август дар рӯзи равшан кушта шуд.

Шахсе, ки ба Қонун то охир содиқ монд, ба пул фурӯхта нашуд ва аз таҳдид наҳаросид. Одаме, ки ҳукумати «Муросои миллӣ»-ро табаддулоти давлат номид.

САНГАК САФАРОВ: — 63 сола. Роҳбари штаби майдони «Озодӣ», ҷабҳаи халқӣ дар водии Вахш. Аз байрақбардорони ҳукумати қонунӣ. Ӯ гуфта буд: «Барои ин ки хунрезӣ ва ҷанг тамом шавад, аз ҳар ду тараф чорнафарӣ созмондиҳандагон худро барои қатл таслим кунанд. Тайёрам яке аз онҳо бошам».

г) Қаҳрамонҳои ғайриасосии муҳим

М. ҲИММАТЗОДА.— То чилупанҷсола. Мулло. Роҳбари Ҳизби Наҳзати ислом. То моҳҳои сентябр нисбатан орому ботамкин. Сипас, яке аз роҳбарони ашаддии маҳвсозии «кӯлобиҳои ғоратгар.»

М. НАВҶУВОНОВ.— Дар урдуи шӯравӣ хизмат кардааст. Дар замони Маҳкамов вазири умури дохила, моҳи феврали 1990 коменданти Душанбе шуд. На русӣ медонад, на тоҷикӣ. Милиция дар давраш гум шуд. Митинги 26 март ба ҳимояи ӯ оғоз ёфт, зеро гуфта буд: «Шумо кӯҳистониёнро танг кардан мехоҳед, аммо ин намешавад.»

ДАВЛАТ ИСМОН.— Муовини Ҳимматзода дар ҳизб, посбон, ҳуқуқшиноси дипломдор. Вазифаи охиринаш муовини сарвазири Ҳукумати мусолиҳаи миллӣ. Яке аз тарафдорони аслии сохти исломии демократӣ дар Тоҷикистон. Иғвоангези гаравгирии депутатҳо, 21 апрели 1992, русҳо 16 октябри 1992. Чилсола нашудааст.

ШОДМОН ЮСУФОВ.— Аз 40 гузаштааст. Факултети забони русиро дар Россия хатм намудааст. Раиси Иттифоқи касабаи донишкадаи омӯзгорӣ, муншии созмони ҲК дар АУ, гуруснанишин, муассис ва раиси ҲД. Номзади илми фалсафа. Шиносҳояш мегӯянд: Вақти муаллимиаш ба тоҷикбачаҳо мегуфтааст. «Перестаньте говорить на своем паршивом языке!»

Ӯ русҳои Тоҷикистонро гаравгон эълон намуда буд. Вай муассиси ситоди ғайриқонунии «Наҷоти Ватан» — дастаҳои мусаллаҳи одамкуш.

Рӯзи таъсиси он изҳор намуд: «Ман одами бадқаҳрам. Касе фармонҳоямро иҷро накунад, дар ҷояш ҷазо мегирад.»

Охирин вазифаи таъиншуда, вале амалӣ нагардидааш — сафири Тоҷикистон дар Россия.

АСЛИДДИН СОҲИБНАЗАРОВ: — 50—55 сола. Мудири шӯъба дар вазорати хоҷагии қишлоқ. Депутати халқӣ. Аввал коммунист, баъд демократ, зидди коммунист. Муовини вазири зироат. Се ҳафта муовини сарвазир.

Суханони дӯстдоштааш: «Вазифа талош кунам, ширинистон хунхӯр», «Хуҷандиҳо маҳалгироӣ мекунанд», «Коммунгирӣ кунем», «Ман Раиси Шӯрои Олӣ намешавам, зеро маро интихоб намекунанд.» Аз ташкилотчиёни конференцияи тоҷикони кӯҳистон аст.

ҚАДРИДДИН АСЛОНОВ: — Муншии кумитаҳои ҳизби дар водии Вахш. Муншии ҲҚ. Тоҷикистон. Депутати халқи ҷумҳурӣ. Муовини Раиси Шӯрои Олӣ. Раиси Шӯрои Олӣ. Раиси кумитаи ҷангал. Волии Қӯрғонтеппа. 45-сола.

Корномаҳо: имзои фармон дар бораи лағви ҲҚ. Тоҷикистон ва бардоштани муҷассамаи Ленин аз майдони марказии шаҳр. Ҳамчунон ташаббускори ҳуҷуми «мошин ва телешкаҳои пур аз гурезагони қаротегиннасли вахшонзамин ба Душанбе.

Суханони аҷиб: «Кулоҳи Мономах ба сари ман вазнинӣ кард». «Набиев ту ҷасади сиёсӣ», «С. Кенҷаев ту муттаҳам».

МАҚСУД ИКРОМОВ: — 42-43 сола. Раиси шаҳри Душанбе. Шахси корчалон. Фориғутаҳсили институти политехникӣ. Диктори телевизиони тоҷик. Сардори идораи сохтмон, муовини раиси бонки сохтмон, корманди аппарати ҲҚ, муншии кумитаи ҲҚ, вилояти Кӯлоб. То феврали 1992 мири Душанбе. Яке аз иштирокчиёни воқеаи феврали с. 1992 аммо аз об хушк баромад. Саҳваш: дуруст насанҷида, ки Набиев раиси ҷумҳур шуда метавонад ё не. Ташаббускори Қасри сафеди Душанбе. Аз сармоягузорони таблиғ ва ҳаракати зидди Набиевӣ дар моҳҳои сентябр — октябри 1991, аввали 1992, моҳи феврал бо ришватхӯрӣ муттаҳам шуд.

д) Одам — шиор

САФАРАЛИ КЕНҶАЕВ. — Қариб 50-сола. Номзади илми ҳуқуқшиносӣ. Прокурори роҳи оҳан. Очеркнавис. Ҳангоми тафтишу арзёбиҳои воқеаҳои баҳманмоҳ хеле машҳур шуд. Депутати халқии Тоҷикистон. Мушовири ҳуқуқии Раиси Ҷумҳур Қ. Маҳкамов. Раиси штаби интихоботии Раҳмон Набиев. Раиси Шӯрои Олӣ, Раиси Кумитаи амнияти миллӣ-дуҳафта, Раиси Шӯрои Олӣ, муовини директори комбинати маъдани Анзоб, мушовири ҳуқуқии Раиси ҷумҳур Р. Набиев

Директори комбинати маъдани кӯҳии Анзоб. Роҳбари воқеаи 24-25 октябр, ки сабаби даъвати сессия дар Хуҷанд шуд. Шиори асосии оппозиция алайҳи Сафаралӣ Кеҷаев равона шуда буд.

Шурӯи воқеаҳои соли 1992 аз муҳокимае, ки вай дар масъалаи Навҷувонов дар раёсати Шӯрои Олӣ доир кард, оғоз меёбад.

е) Гунаҳкорони бегуноҳ

НАРЗУЛЛО ДУСТОВ: — Қариб 50 сола. Марди пурғайрат, ки аз вазифаи ронандагӣ то роҳбари автобаза, аз депутати халқӣ то вице-президент расид. Даҳаи аввали май вазифаашро бекор карданд.

МУРОДУЛЛО ШЕРАЛИЗОДА: — 50 сола. Муҳаррири «Садои Мардум». Инсони шариф ва беозор. Депутати халқ. Аввалин қурбони фоҷиаи тоҷик.

ё) Дастобрезҳо

ТОҲИРИ АБДУҶАББОР: — Раиси созмони «Растохез». Номзади илми иқтисод. Депутати халқ. Яке аз наттоқони фаъоли Шӯрои олӣ.

МИРБОБО МИРРАҲИМОВ. — Номзади илми фалсафа. Муовини раиси «Растохез»: раиси Ширкати симо ва садои мардумӣ аз 5 май то 5 ноябри 1992.

ж) Гулахиҳо

Профессорҳо А. Сатторзода, Р. Мусулмонқулов, номзадҳои илм Вазиров З, Д. Дӯст, С. Абдулло, журналист О. Латифӣ, шоир Б. Собир, ҳамчунон Ҳ. Худойбердиев.

з) Маддоҳон.

«Чароғи рӯз», «Адолат», «Ҷавонони Тоҷикистон», симо ва садои мардумӣ».

и) Ҳеҷ кас ва ҳама кас.

АКБАРШО ИСКАНДАРОВ: — Муншии Ҳизби наҳзати Дарвози вилояти мухтори Бадахшони кӯҳӣ. Раиси Шӯрои вилояти мухтори Бадахшон ва зимни ин вазифа муовини Раиси Шӯрои Олии Тоҷикистон. Борҳо сарпарасти Шӯрои Олӣ (октябр-ноябри 1991, апрел, май 1992) раиси Шӯрои олӣ, сарпарасти ҷумҳурият ва аз 6 ноябри 1992 раиси Шӯрои давлатӣ. Хандонрӯ, соддадил, дур аз сиёсат ва давлатдорӣ.

Қорнома: аз ташкилотчиёни «дастгиршавии» Раиси ҷумҳур Набиев.

Мавқеъ: бозичаи қозикалон ва Давлат Худоназаров.

РАҲМОНОВ Б: — 40-45 сола, ҳарбӣ, Набиев ӯро аз зери хасрӯбаҳо пайдо ва фармондеҳи горди миллӣ таъин кард Раҳмонов дар ин вазифа савганд ёд намуд. 5-май қасамзада

шуда, ба тарафи душманони Раиси ҷумҳур гузашт. Дар ҳукумати мусолиҳаи миллӣ вазири мудофиа, сонӣ бекор, дар замони Искандаров боз мушовири ҳарбии Раиси ҷумҳур.

ҲОҶӢ ҚИЕМИДДИНИ ҒОЗӢ: — генерали мардумии майдони «Шаҳидон». Яке аз аввалин мунташирони ақидаи ваҳҳобия. Яке аз наттоқони асосии конфронси тоҷикони кӯҳистон.

МУЛЛО АБДУЛЛОИ НУРӢ: — Пешвои ваҳҳобиёни водии Вахш, ки ҳанӯз соли 1986 ба ин сабаб ӯро дастгир карда буданд, исьёне ба тарафдориаш ба амал омад. Мудири масъули ҷаридаи «Минбари ислом» нашрияи қозиёт. Роҳбари неруҳои ҷангандаи мардумӣ дар Вахшу Бохтар. Сардори Ситоди «Туркманистон».

ҚОРӢ МУҲАММАДҶОН: — яке аз генералҳои мардумии майдони «Шаҳидон», мубалиғи сохти давлатдории исломӣ дар Тоҷикистон, ташаббускори воқеаи 10 май.

МУЛЛО АБДУҒАФФОР: — Имомхатиби масҷиди маҳаллаи Ҷанубии ш. Душанбе. Ташаббускори ҳамла ба корвони мошини марду зане, ки рӯзи 7-май майдони «Озодӣ»-ро тарк мекарданд. Ташаббускор ва созмондиҳандаи муҳосира ва ишғоли қасри Раиси ҷумҳур рӯзи 31 августи 1992. Мушовири симо ва садои мардумӣ.

к) Онҳое, ки ҳеҷ кор накарданд

М. МИРЗОЕВ. — мири Душанбе, ки Набиев аз кучо ёфта овард. Сурат.

А. МИРЗОЕВ. — раиси Девони вазирони Тоҷикистон. Сурат.

А. РАҲМОНОВ. — сардори идораи милицияи шаҳри Душанбе.

* * *

Китоб дар бораи Раҳмон Набиев буд. Дар бораи шахсе, ки дили чун тифл беолоиш, сухани чун пилла нарм дошт. Одаме, ки ба чашму рӯи ҳар кас ба умеди некӣ менигарист. Кӯшидам, ки дар бораашон ҳар чизеро, ки дарк кардаам, бинависам. Ҳамон тавре бинависам, ки ман шинохтамашон. Дар назар танқид хам буд. Дар назар зикри камбудиҳои амалашон дар фаҳми ман низ буд. Аммо саропо дар ҳамааш меҳри ман ба эшон нуҳуфтааст. «Соли Набиев»-ро наметавонам бетазаккури як-ду чизи дигар ба охир расонам. Дар давраи ҳукумати ба истилоҳ мусолиҳаи миллӣ зоҳиран чунон менамуд, ки президент танҳо барои таҳқир кардани дигарон дар вазифа боқӣ мондааст. Матбуоти озод «кашф» мекард, ки Раиси ҷумҳур пинҳонӣ бо душманони миллат забон як ме-

кунад. Матбуот шарм надошта мегуфт, ки гунаҳкори ҷанги дохилӣ танҳо Раиси ҷумҳур аст. Ва ниҳоят охири август радёсати Шӯрои Олӣ аз Искандаров то Ашӯров (13 кас) девони вазирон аз Ғаффоров то Ғафуров (26 нафар) ба Раиси ҷумҳур нобоварӣ изҳор карда навиштанд:

«Дар тули як соли истиқлолияти воқеӣ давлати тоҷикон дар арсаи байналхалқӣ ҳанӯз эътибор ва мавқеи муайяни худро пайдо карда натавонист...

Раиси ҷумҳур дар байни роҳбарони давлатҳои дигар обру ва эътибор надорад...

Чунин ҳис карда мешавад, ки Раиси Ҷумҳури Тоҷикистон барои давлати худ шахсест бемасъулият, бекудрат ва бегона...

«Раёсати Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Девони Вазирони бо назардошти вазъияти баамаломада ба Раиси ҷумҳур Р. Набиев бо қатъияти тамом нобоварӣ изҳор менамояд».

Дурустӣ ё адами дуруст будани баҳое, ки имзокунандагон ба Р. Набиев доданд ҳаволааш ба виҷдонашон. Ҳар кас ба кирдору гуфтори худ рӯзе ҷавоб мегӯяд: аммо оё чигуна мешавад, ки шахси халқи ҷумҳурӣ ба вазифа интихоб кардаро одамоне аз боварӣ маҳрум кунанд, ки амалан ӯ ба вазифа, таъин намудаст. Раҳмон Набиевро аксарияти халқи Тоҷикистон интихоб карда буд. Ӯ метавонист ба вай нобоварӣ эълон карда, ӯро боз хоҳад. Давлат Исмону Аслиддин Соҳибназаровҳо, Зокир Вазирову, Абдулло Ҳабибовҳо ва ҳамаи ҳампаҳлӯи онҳо метавонистанд аз Раиси ҷумҳур норозӣ шаванд. Он гоҳ ҳақ доштанд аз вазифа даст кашанд ва Раҳмон Набиевро ба «ӯҳданобароияш» як ба як гузоранд. Аммо онҳо худ не, истеъфои ӯро мехостанд. Ин буд нуқтаи олии «демократияхоҳии» ҳукумати мусолиҳаи миллӣ. Гӯё дар Тоҷикистон Раёсати Шӯрои Олӣ ва ҳукумат бо интихоботи умумихалқӣ сурат гирифту ин ду Раиси ҷумҳурро таъин карданд. Чӣ оинаи каҷе доштаанд ин ҳақиқатхоҳон.

Оё ҳамин хел набуд, он чи ГКЧП мегӯяд?!

Муҳаррири техникӣ **В. Белогуров**

Ба матбаа 21.12.94 супорида шуд. Ба чопаш 12.02.95 имзо шуд.
Супориши 790. Адади нашр 1000 нусха.

Дар матбааи байни донишкадаҳои олӣ чоп шудааст.